# ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

# 8



АҲРОР МУХТОРОВ

# ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

## асрҳои XVI-XIX

Китоби дарсӣ барои синфи 8

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия намудааст

# 8

Алмато «Атамұра» 2000

**ББК 74.26 Я72**
**М 80**

**Муқарриз:** Доктори илми таърих, профессори Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон *Р. Набиева*

Ин китоби дарсӣ бо кӯмаки Бонки Умумиҷаҳонӣ интишор гардидааст

**Хонандаи азиз!**

Китоб Манбаи донишу маърифат аст, аз он баҳрабар шавед ва эҳтиёт намоед. Кӯшиш намоед, ки соли хониши оянда ҳам ин китоб бо намуди аслиаш дастраси додару хоҳарчаҳоятон гардад ва ба онҳо ҳам хизмат кунад.

Истифодаи иҷоравии китоб:

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали соли хониш | Охири соли хониш |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

ISBN 9965–05–032–5

М $\frac{4306020600-114}{418(05)-2000}$ Инф. письмо–99 ББК 74.26 Я72

© А. Мухторов, 2000
© «Атамұра», 2000

**ISBN 9965–05–032–5**

## ПЕШГУФТОР

Илми таърих ҷаҳонбинии мактаббачаро васеъ мегардонад, равишҳои душвори иҷтимоӣ-иқтисодиро, ки дар ҷаҳони мураккаб ва ноороми имрӯза ба амал меояд, барои онҳо фаҳмотар месозад, ҳисси ватандӯстиро тарбия менамояд. Таърихро надониста, фарди фаъолу бофарҳанг будан имконнопазир аст. Шоир гуфтааст:

Дониши таърих бидон мухтасар,
К-аз ҳама ин илм бувад мӯътабар.

Китоби дарсии мазкур барои синфи 8 навишта шуда, таърихи халқи тоҷикро аз асри XVI то охири асри XIX фаро мегирад. Ҳар як фасли китоб дар асоси сарчашмаҳои хаттӣ ва адабиёти мавҷуда навишта шудааст.

Сарнавишти халқи тоҷик бо сарнавишти халқҳои Осиёи Миёна ва мамлакатҳои ҳамсоя, махсусан таърихи ду халқи бародар — тоҷикон ва ӯзбекҳо, алоқаи зич дорад, таърихи онҳо ба ҳамдигар бисёр наздик буда, аксар вақт дар як сарзамин ба вуқӯъ омадааст.

Китоби мазкур дар бораи муборизаи қаҳрамононаи халқи тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Миёна бо аҷнабиёни истилогар ва синфҳои истисморгар нақл мекунад.

Мо кӯшиш кардем, ки ба қадри имкон саргузашт ва амалиёти амирони Бухоро, хонҳои Хӯқанд, беку ҳокимҳои вилоятҳои алоҳидаро дарҷ намоем. Дар китобҳои дарсии то алҳол чопшуда ин мавзӯъро муаллифон дахл накардаанд. Ҳол он ки амалиёти ҳар як арбоби давлат як пораи таърихи халқ мебошад.

Ба ғайр аз он, дар ин китоб арбобони забардасти таърих ва маданият номбар шудаанд.

Китоби мазкур танҳо санаҳои асосии таърихро дарбар кардааст.

Баъд аз истилои Осиёи Миёна аз тарафи Русия таърихи халқи тоҷик ба ду маҷро ҷараён ёфт. Ноҳияҳои шимолии Тоҷикистони кунунӣ (Хуҷанд, Ӯротеппа, Конибодом, Исфара, Ашт, Панҷакент ва болооби Зарафшон) дар ҳайати генерал-губернатории Туркистон дохил шуда, чун мустамликаи ҳукумати подшоҳии рус тараққӣ ёфтанд.

Ноҳияҳои марказӣ, ҷанубӣ ва кӯҳистони Тоҷикистон (водии Ҳисор, вилоятҳои Кӯлобу Бадахшон, водии Вахш) дар ҳайати аморати Бухоро монда, пешравии хоҷагӣ ва ҳаёти маданиии онҳо бо роҳи ба худ хос пеш рафт. Фарқият байни ду давлати сохташ аз ҳамдигар фарқкунанда дар таъ-

рихи халқи тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Миёна нақши худро гузоштааст. Бинобар он дар китоб ба ҳар кадоми ин давлатҳо бобҳои алоҳида бахшида шудааст.

Аз рӯи дастурамали ба муаллиф расида дар охири бобҳо чанд порча матн аз сарчашмаҳои таърихӣ илова гардидаанд, ки онҳо доираи тафаккури хонандаро васеъ намуда, ба кори мушкили омӯзгорон кӯмак хоҳад кард.

Саволу сарчашмаҳои дар китоб дарҷгардида барои талабагон ва муаллимон ҳатмӣ нестанд ва ҳар омӯзгор барои гузоштани саволҳои тоза соҳибихтиёр аст.

Китоби мазкур бори аввал ба чунин ҳаҷм пешкаши хонандагон ва омӯзгорон мешавад. Муаллиф умед дорад, ки муаллимони соҳибтаҷрибаи мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди китоби мазкур фикру ақидаҳои худро изҳор мекунанд. Дар навбати худ, мо кӯшиш мекунем, ки онҳоро дар чопи ояндаи китоб ба инобат гирем.

*Академик* ***А. Мухторов***

# БОБИ I

## ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР АСРИ XVI

**Истилои давлати ТЕМУРИЁН**

Дар ҳудуди Қазоқистони ҳозира аз замонҳои қадим қабилаҳои турки кӯчманчӣ зиндагӣ мекарданд. Дар асри XIII ҳудуди кӯчманчиёни мазкурро муғулҳо забт намуданд. Онҳо бо аҳолии таҳҷоӣ як шуда, забони маҳаллиро қабул карданд. Баъдтар аҳолии кӯчманчии ин дашту биёбон ба худ номи ӯзбекро гирифт. Дар нимаи аввали асри XV дар ин ҷо давлати пуриктидори бодиявӣ тоифаҳои турκзабонро муттаҳид мекард. Вале ин иттиҳодияи бавуҷудомада мабдаи иқтисодӣ надошт ва бо зӯри силоҳ арзи вуҷуд намуд. Баъд аз фавти Абулхайрхон -- поягузори ин давлат, иттиҳодияи мазкур аз по афтод. Набераи ӯ -- Шайбонихон хост, ки таҷрибаи бобояшро такрор намояд.

Мубориэаи Шайбонихон барои бунёд намудани давлати пурикътидор барор нагирифт. Ӯ дар ин мубориза борҳо аз ёрию дастгирии Темуриён баҳраманд гардида буд. Бо вуҷуди он Шайбонихон дар яке аз ҷангҳо мағлуб шуда, ба Бухоро омад ва ду сол машғули омӯхтани илму дониш гардид.

Ҳамин солҳо душмани ашаддии Темуриён, кӯчманчиёни қисмати шимолии Мовароуннаҳр — муғулҳо Тошкандро маркази худ ихтиёр карданд. Онҳо ба нохияҳои марказӣ ҳамла намуда, аҳолиро тороҷ мекарданд. Темуриён Шайбонихонро ба муқобили душмани худ истифода карданӣ шуданд. Вале ӯ аксар вақт хилофи ваъдаи худ амал карда, ба мулкҳои ҳарду тараф ҳуҷумҳои горатгарона менамуд. Оқибат Шайбонихон аз ҳамқавмони худ дастаи қавии аскарӣ ташкил дода, бо муғулҳо муоҳида баст ва соли 1499 ба истилои Мовароуннаҳр шурӯъ намуд. Аввал ӯ пойтахти Темуриён шаҳри Самарқандро ба муҳосира гирифт. Волии Бухоро бо лашкари худ ба ёрии Самарқанд равон шуд. Шайбонихон Самарқандро гузошта, ба сӯи лашкари Бухоро ҳамла намуда, дар роҳ онро торумор намуд. Баъд аз муҳосираи серӯза шаҳри Бухоро бе ҷанг ба Шайбонихон таслим шуд.

Шайбонихон аз мубориэаи байни ворисони Темур истифода мебурд. Ҳангоми Самарқандро муҳосира намудани ӯ ин низоъҳо қувват гирифт. Оқибат, соли 1500 Самарқанд бе ҷанг ба дасти Шайбонихон даромад. Аммо як қисми атрофи Бухоро ва Самарқанд тарафдори барқарор намудани ҳокимияти Темуриён буд. Онҳо пинҳонӣ бо шоҳзодаи ҷавони темурӣ - Бобур Мирзо муқотиба намуда, ӯро ба Самарқанд оварда, подшоҳ эълон намуданд. Вале нигоҳ доштани шаҳр ба Бобур муяссар нагардид. Шаҳриён ягон асли қаҳа надоштанд. Дар шаҳри аз тарафи Шайбонихон муҳосирашуда гуруснагӣ ҳукмфармоӣ мекард. Бенавоён ва мӯҳтоҷон гӯшти саг ва харро мехӯрдагӣ шуданд. Ба Бобур касе имдод нарасонид, ӯ ба қаҳтӣ ва гурус-

нагӣ тоб наоварда, роҳи гурезро пеш гирифт. Соли 1501 Самарқанд дубора ба дасти Шайбонихон даромад. Аз ҳамин сол ба сари ҳокимият сулолаи хонадони нав — Шайбониҳо меояд.

Баъд аз забти Самарқанд Шайбонихон барои ишғоли мулкҳои дигар лашкар кашид. Ҳангоми ба Ҳисор ҳуҷум кардани ӯ ҳокими ин мулк Ширин Чӯҳра бо як дастаи шуҷоъ қалъаро мустаҳкам карда ба душман таслим нашуд. Муҳосираи Ҳисор тӯл кашид. Шайбонихон ишғоли Ҳисорро ба сарлашкаронаш во гузошта, худаш барои ишғоли шаҳри Қундуз меравад. Баъд аз забти ин шаҳр ӯ ба сӯи Хоразм лашкар кашид ва соли 1505 онро ишғол намуд. Оқибат ба Шайбонихон ишғоли Ҳисор муясар гардид. Вай бародарон Ҳамза Султон ва Маҳди Султонро ҳокимони ин мулк таъин кард. Забти Ҳисору Қундуз ҳукмронии Шайбонихонро дар Кӯлобу Бадахшон таъмин намуд.

Баъд аз пойдор гаштан дар Самарқанд Шайбонихон хост Ӯротеппаро ишғол намояд. Дар ин шаҳр ҳамагӣ ду ҳазор лашкар нигоҳ дошта мешуд. Бо вуҷуди он ишғоли ин шаҳр муяссар нашуд. Чунки Ӯротеппа чунон истеҳкоми мустаҳкам дошт, ки Шайбонихонро ба ҳайрат гузошта, ба хулоса оварл, ки ин қалъаро бо ҷанг забт кардан аз имкон берун аст. Бинобар он ӯ қарор дод, ки қалъаро муҳосираи дуру дароз намуда, ҳокимаш Муҳаммадҳусайн Мирзо ва сокинонашро ба таслимшавӣ маҷбур намояд. Вале кӯшишҳои чандкаратаи Шайбонихон бе оқибат монданд.

Шайбонихон бо лашкараш барои ишғоли Хуҷанд равон гашт. Сокинони ин қалъаи мустаҳкам зери фармони шоҳзода Ҷаҳонгир бар зидди душман истодагарӣ карда натавонистанд. Баъд аз забти Хуҷанд хон қатли ом эълон кард. Шаҳрро оташ заданд. Мардуми зиёде халок шуд.

Ишғоли қалъаи устувори Хуҷанд роҳи водии Фарғонаро кушод. Ба Шайбонихон муяссар гардид, ки соли 1504 Фарғонаро ишғол намояд. Як сол қабл аз ин, соли 1503 шаҳри Тошканд ба ӯ тобеъ гашта буд.

Ишғоли шаҳрҳои калонтарини онвақта — Самарқанд, Бухоро,Тошканд, Фарғона, Хуҷанд, Ҳисор ва қатлу ғорати Шайбониён дар ин ҷойҳо барои ҳокими Ӯротеппа ва мулки ӯ оқибати халокатовар дошт. Илова бар ин, лашкари истилогар деҳаҳои атрофи шаҳрро ғорат карда, ба зироат оташ зад. Муҳаммадҳусайн Мирзо соли 1504 пойтахти худ шаҳри Ӯротеппаро тарк намуда, ба Ҳирот меравад.

Дар як муддати кӯтоҳ шаҳру вилоятҳои Мовароуннаҳр тобеъи Шайбонихон гаштанд. Акнун ӯ мақсад дошт, ки Хуросон ва пойтахти дигари Темуриён — шаҳри Ҳиротро забт намояд. Бо ин мақсад даставвал ӯ шаҳри Балхро забт намуда, ба хок яксон кард. Соли 1507 Шайбонихон ба тарафи Ҳирот раҳсипор гардид. Ӯ дар наздикии шаҳр лашкари ба ҷанг хуб омоданашудаи темуриро мағлуб намуд. Ҳиротиён натанҳо маҷбур шуданд, ки таслим шаванд, балки ба сифати инъом ва бахшиш пули зиёде мебоист супоранд.

Бо хамин истилои давлати Темуриён ба охир расид. Ба хукмронии онхо завол омад. Ба сари ҳокимият дар Мовароуннахру Хуросон сулолаи нав — Шайбонӣ омад.

**Ташкил ёфтани давлати Шайбонихо**

Шайбонихон намояндагони хонадони Темуриёнро бераҳмона таъқиб ва махв намуд. Ӯ шахру вилоятхои забткардаи худро ба хешу акрабо ва амирони номии худ тақсим карда медихад. Хони мазкур аз қадамхои аввал барои ба тарафи худ кашидани феодалону рӯхониёни бонуфуз саъй кард. Маълум шуд, ки танхо ҳокимият дигар шуда, мукаррароти зиндагӣ мисли пештара боқӣ мондааст.

Сиёсати дохилии Шайбонихон пас аз истилои давлати Темурӣ тамоман ба манфиати синфи хукмрон ва феодалон хизмат мекунад. Акнун ба таркиби ин синф ашрофи тоифахои бодиянишини ӯзбек низ дохил мешуд.

Истилогарон дар дасти худ сарвати ғораткарда ва чабран ситонидаи зиёдеро нигоҳ медоштанд. Ба ғайр аз заминхои зиёд онхо сохиби бисёр иморатхои шахр, осиёбхо ва дигар чойхои сердаромад гаштанд.

Соли 1507 Шайбонихон ислохоти пулӣ гузаронид. Мақсади ин ислохот ба тарафи худ чалб кардани табақахои хокими давлати истилокардааш буд. Баробари касбу хунар муомилоти пулӣ аз мухимтарин моддахои оидоти давлатӣ ва мадохили сохибони мулк ба шумор мерафт.

Ислохоти Шайбонихон дар тамоми давлат муомилоти ягонаи пулиро ташкил карда, онро аз хар гуна тағйирот рахо намуд. Вай вазн, хачм ва навъи тангахои нукрагию мисӣ ва муносибати байни онхоро муайян кард. Ин тангахо дар хамаи шахру вилоятхо курби баробар доштанд. Ислохоти пулии Шайбонихон дар тамоми мамлакат таъсироти бузурги сиёсӣ ба амал овард ва бартарии чорабинихои ӯро нисбат ба фаъолияти молиявии намояндагони охири Темуриён нишон дод. Ислохоти мазкур ба хамаи табақаи синфи хукмрон нишон дод, ки аз ивазшавии сулола онхо бурд карданд.

**Муборизаи Бобур Мирзо**

Пас аз забти Хирот дар сарзамини пахновари давлати Шайбониён се сол сулху осоиш хукмфармо гардид ва ба ин восита хаёти хочагии мамлакат қадре рӯ ба бехбудӣ ниход. Вале соли 1510 аз ду самт ба давлати Шайбониён зарбаи марговар расонида шуд. Аз шимоли шарқӣ бодиянишинони казоқ, ки замоне аз Шайбонихон сахт шикаст хӯрда буданд, бо муғулхо як шуда, дар наздикии дарёи Сир ба Шайбонихон зарбаи халокатовар расониданд. Дар хамин вақт аз тарафи ғарб шохи Эрон Исмоили I, ки бо давлати Шайбониён муборизаи сиёсӣ ва мазхабӣ мебурд, бо қувваи зиёде Марвро ихота намуд. Дар натича Шайбонихон лашкарашро талаф дода, худ дар майдони чанг кушта шуд. Шохи Эрон Исмоили Сафавӣ аз косахонаи сари Шайбонихон чоми шароб сохт.

Собиқ ҳокими Фарғона аз авлоди Темуриён Бобур Мирзо дар Кобул меистод. Ӯ хабари халок гаштани Шайбонихонро шунавида, қарор дод, ки мавриди мувофиқро истифода намуда, барои барқарор намудани ҳокимияти Темуриён дар Мовароуннаҳр кӯшиш намояд. Бо ин мақсад ӯ ба Ҳисор ҳаракат кард. Муҳорибаи аввалин ва ҳалкунанда дар Пули Сангини дарёи Вахш (назди Норак) бо ғалабаи Бобур анҷом ёфт. Баъди ин воқеа султонҳои сулолаи шайбонӣ ба ваҳм афтода аз муқовамат даст кашиданд. Бобур Мирзо бори саввум Самаркандро ишғол намуд.

Баъд аз ин Бобур фориғболӣ намуда, касони зиёди наздиконашро аз худ ранҷонид. Ӯ нафаҳмид, ки Шайбониён дар ин сарзамин нуфузу қуввае доштанд. Аз иштибоҳҳои Бобур истифода намуда, соли 1512 бародарзодаи Шайбонихон Убайдулло Султон ба Бухоро ҳамла намуда, лашкари Бобурро дар назди Кӯли Малик шикаст дод. Бобур боз ба Ҳисор ақибнишинӣ намуд.

Бобур барои ишғоли чаҳоруми Самарқанд қувваи кофӣ надошт. Ӯ ба шоҳи Эрон Исмоил муроҷиат намуда, ёрии ҳарбӣ талабид. Тирамоҳи соли 1512 лашкари 60 ҳазорнафараи Эрон бо сардории Наҷми Сонӣ вориди Мовароуннаҳр гашт. Онҳо ба кӯчае, ки по мегузоштанд, сокинонашро аз дами тег мегузаронидаид. Лашкари Эрон дар Қаршӣ қатли ом карда, 15 ҳазор аҳолии онро халок кард. Бинобар ин иттифоқи Бобур бо эрониён боиси норизоияти аҳолӣ гардида, нисбат ба ӯ ҳисси нафрат пайдо шуд.



Оромгоҳи Бобур Мирзо /1483–1530/ дар Кобул

Аҳолии маҳаллӣ ва як қисми ашроф дар атрофи Шайбониён муттаҳид гардиданд. Задухӯрд байни хони Бухоро Убайдуллохон ва Бобуру Наҷми Сонӣ дар назди Ғиждувон сурат гирифт. Бо вуҷуди афзалияти қувваҳои иттифоқчиён Бобур шикаст хӯрд ва Наҷми Сонӣ кушта шуд. Бобур маҷбур мешавад, ки боз ба Ҳисор баргардад. Хони хонадони Шайбонӣ Кӯчкунчихон бар зидди Бобур ба сӯи Ҳисор лашкар кашид. Хони гуреза қувваи муқовимат надошт. Бинобар ин ӯ ба сӯи Қундуз фирор намуд.

Бобур Мирзо ба хоки Ҳиндустон гузашта, баъди ҷангҳои зиёд ғалаба кард ва давлати Темуриёни Ҳиндро поя гузошт. Бо вуҷуди ин ӯ дар фикри ишғоли Самарқанд ва барқарор намудани ҳокимияти Темуриён дар ин мулк буд. Барои иҷрои ин иқдом ӯ соли 1528 писарони худро сафарбар намуд. Вале ташвишҳои Бобур беоқибат монданд ва худи ӯ баъд аз ду соли ин ҳаракат, дар синни 47- солагӣ вафот кард.

## ВОҚЕАҲОИ НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XVI

Муборизаҳои Бобур Мирзо бе оқибат монданд. Сарзамини Осиёи Миёна ба зери тасарруфи Шайбониён даромад. Вале ин мулки собиқ обод ба харобӣ рӯ ниҳода буд. Ҷангҳои паи ҳами сулолавӣ, ҳуҷуми лашкари хориҷа, истибдод ва ғорати муғулҳо ба зиндагонии мардум ва ҳаёти хоҷагии мамлакат таъсири ҳалокатбор расониданд. Масоҳати заминҳои кишт хеле кам гардид. Мулкҳои алоҳида тамоман ба ихтиёри намояндагони хонадони Шайбонӣ гузаштанд. Соҳибони онҳо метавонистанд мулкро ба фарзандонашон мерос гузоранд. Бухоро, Самарқанд, Ҳисор, Тошканд, Хуҷанд, Ӯротеппа ва амсоли инҳо амлоки калонтарин буданд.

Номдортарин соҳибони мулк дар Самарқанд Кӯчкунчихон, дар Бухоро Убайдуллохон, дар Ҳисор Темур Аҳмад Султон, дар Ӯротеппа Абдулатиф Султон, дар Бадахшон Шоҳсулаймон менишастанд.

Ҳукмронони хонадони Шайбонӣ аз лашкаркашӣ ба мулкҳои дигар даст накашида буданд. Яке аз ҳадафҳои асосии онҳо ишғоли Ҳирот буд. Забти ин шаҳр он маъниро ифода мекард, ки сулолаи нав соҳиби ҳамаи сарзамини Темуриён гаштааст. Бо вуҷуди ин, авзои ин давра нисбатан оромтар ва шароити хоҷагидорӣ мусоидтар гардида буд.

Аммо дар миёни асри XVI ҷангу низоъҳои феодалӣ як ҳодисаи муқаррарӣ гардид. Дар мамлакат духокимиятӣ ба вуҷуд омад. Яке аз ҳамин қабил рӯйдодҳо ба номи ҳокими Ҳисор Темур Аҳмад Султон алоқаманд аст. То ҷандгоҳ ба номи ӯ дар Мовароуннаҳр танга зарб намуда хутба мехонданд.

Дар сари гурӯҳи дигар Абдулло Султони ҷавон меистод. Ин ду гурӯҳи мухолиф ба таври худ ду ҳоқонро ба масnади ҳукумати олӣ менишинонанд. Охири охирон пирӯзӣ насиби Абдуллохон мегардад. Соли 1557 ӯ Бухороро ишғол намуд. Аз соли 1560 ин шаҳр пойтахти давлати шайбониён гардид. Абдуллохон давлатро пойдор гардонида, ба забти мулкҳои дигар шурӯъ намуд.

Ӯ соли 1574 Ҳисору Ӯротеппа ва Хуҷанд, баъд аз чор соли дигар Самарқандро ишғол намуд. Шоҳони Бадахшон иттифоқчии султонҳои Ҳисор буданд. Абдуллохон ба юриш ба сӯи Бадахшон тайёрӣ медид. Музаффариятҳои ӯро фаҳмида хокими ин мулк Шоҳрух Мирзо писари Иброҳим Мирзо (набераи Шоҳсулаймон) тобеияти худро ба Абдуллохон изҳор намуд. Бо ҳамин мардуми Бадахшон аз ҷанги хунрезӣ ва ғоратгарӣ эмин монданд.

Тобеъияти Ҳисор ва Бадахшон ба Абдуллохон тобеъияти Хатлонро низ таъмин намуд. Соли 1583, пас аз фавти падар Абдуллохони II ҳукмрони мамлакат шуд. Ӯ мақсад дошт, ки ҳамаи мулкҳои замоне ба Шайбонихон тобеъбударо ба тасарруфи худ дарорад. Бо ин мақсад Абдуллохон соли 1585 Бадахшонро забт кард. Баъд аз чор соли дигар қисми Эронро ба худ тобеъ намуда, ба сӯи Хоразм лашкар кашид. Ӯ давлати то як андоза мутамарказ ба вуҷуд оварда тавонист.

Абдуллохони II ходими барчастаи давлатӣ буд. Барҳам додани ҷангҳои байниқабилавӣ ва пурзӯршавии ҳокимияти марказӣ барои тараққиёти иқтисодиёт шароити мусоид фароҳам оварданд. Сохтмони роҳҳо, пулҳо, сардобаҳо, корвонсаройҳо, мадраса, тимҳои тиҷорат ва амсоли онҳо ба номи ӯ марбут гардидаанд. Ислоҳоти пулии Абдуллохон махсусан аҳамияти калон дошт. Ӯ ба зарби тангаҳои тиллоии асил шурӯъ кард.

## МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ

**Кишоварзӣ**

Дар асри XVI асоси хоҷагии кишлок деҳқонӣ буд. Замин бештар дар дасти давлат буд. Хон ё султон ба касе, ки мехост заминро инъом мекард. Калонтарин заминдорони мулк аъзоёни сершумори хонадони салтанатӣ буданд.

Мулкҳои калони инъомшударо суйурғол меномиданд. Соҳибони суйурғол дар навбати худ як қисми давлатии мулкашонро ба зумраҳои нисбатан хурди аъёну ашроф тақсим карда метавонистанд.

Дигар намуди истифодабарӣ аз замин *мулки феодалӣ* буд, ки қисми оидоти он ба фоидаи давлат ва қисми дигараш ба нафъи соҳиби замин истифода мешуд.

Намуди саввуми замин *"замини ҳурри холис"* ном дошт. Соҳибони ин мулк аз андози давлатӣ озод буданд. Ин намуд заминҳо дар асри XVI хеле кам буд.

Намуди чаҳоруми замин — *заминҳои вақф*, яъне замини хайрия буд. Аз маҳсули он масҷиду мадрасаву хонақоҳҳо истифода мебурданд. Ё худ аз ҳисоби даромади замини вақф пулу роҳҳо сохта ё таъмир карда мешуданд. Замини вақф тақсимнопазир ва умуман дастнорас дониста мешуд.

Намуди панҷуми замин — *мулкҳои деҳқонон* буд, ки худи онҳо кор карда ҳосил мегирифтанд. Вазъияти деҳқонони соҳибмулк назар ба деҳқонони иҷоранишин беҳтар буд. Инчунин онҳо назар ба қисмати боқимон-

дан корандагони замин як дарача имтиёзхо доштанд. Масалан, ба давлат камтар хироч месупориданд.

Ба ғайр аз заминҳои номбурда дар Осиёи Миёна *заминдории ҷамоавӣ* (общинагӣ) ҳанӯз вуҷуд дошт.

Олоти кории деҳқонон асосан омоч, дос, каланду бел буд. Бо ҳамин олоти оддӣ деҳқон гандуму ҷав, ҷуворӣ, арзан, шолӣ, мошу нахӯд ва дигар маҳсули ҳоҷагиашро рӯёнида, заминро обёрӣ мекард. Дар боғҳои атрофи шаҳрҳо ва деҳот себ, нок, зардолу, чормағз ва олу парвариш мекарданд. Яке аз соҳаҳои сердаромад истеҳсоли ғӯза (пахта) ва кирмакпарварӣ буд. Матоъҳои абрешими косибони Мовароуннаҳр ба давлатҳои ҳамсоя ба фурӯш мерафт. Маҳсулоти полезӣ, кишти харбузаву тарбуз, сабзиву пиёз яке аз соҳаҳои маъмул ва муфиди ҳоҷагии деҳқонӣ буд.

Аксар деҳқонон замини кам доштанд. Вале заминдороне низ буданд, ки замини кишташон дар ҳудуди якчанд ноҳия ё вилоят ҷойгир буд. Яке аз заминдорони калонтарин — Ҳоҷаҳои Ҷӯйборӣ дар асри XVI мақоми хосро ишғол мекарданд. Масалан, Хоҷа Саъд то 17 ҳазор га замин, якчанд ҳазор сар моли майдаву калон ва боғҳои калонро соҳибӣ мекард. Хоҷаҳои Ҷӯйборӣ дар водии Ҳисор низ соҳиби заминҳои кишт буданд.

Барои истифодаи замин деҳқонон ба давлат андоз месупориданд, ки онро молуҷаҳот ё хироҷ меномиданд. Аз 30 то 40 фоизи даромади деҳқон сарфи андоз мешуд. Аз боғҳо ва токзорҳо танобона мегирифтанд. Дар асри XVI ин намуд андоз бо маблағи нақд ситонида мешуд. Мансабдорон дар маҳалҳо аз давлат маош намегирифтанд. Аҳолӣ вазифадор буд андозро бо номи муҳосилона ё зобитона супорад. Маблағи супорида барои маоши мансабдорони маҳалҳо сарф мешуд.

**Ҳунармандӣ**

Истеҳсолоти ҳунармандӣ ва сифати маҳсулоти он дар давоми асри XVI ба ҳолати пешинаи худ боқӣ монд. Лашкаркашӣ ва тохтутози бешумор ба Хуросон барои аҳолӣ бисёр гарон буд. Хусусан ҷангҳои байниҳудӣ, ки қариб ним аср давом кард, аҳволи мардумро ниҳоят табоҳ сохт. Заминҳои кишт поймол, шаҳрҳо тороҷ ва хироҷу андозҳо зиёд шуданд.

Шаҳрҳо дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданийи мамлакат нақши калон бозидаанд. Махсусан шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Тошканд, Фарғона, Хуҷанд, Ҳисор тараққӣ карда буданд. Ҳунармандон дар шаҳрҳо кам набуданд. Касбҳои маъруф дар шаҳрҳо бофандагӣ, кордгарӣ, кулолӣ, оҳангарӣ, бинокорӣ, дӯзандагӣ, ошпазӣ буданд. Махсусан, ҳунари устоҳои коғазрези Самарқанд маъруфу машҳури мамлакатҳои дигар гашта буд.

Дар таърихи касбу косибии мардуми Осиёи Миёна зиёда аз 100 ҳунар маълуму машҳур аст. Косибон устохонаҳои худро доштанд. Дар баъзе шаҳрҳо косибони як соҳаи ҳунармандӣ дар гузар ё маҳаллаҳои алоҳида истиқомат мекарданд. Аз ҳамин сабаб баъзе гузарҳои шаҳр номи "гузари кордгарон", "гузари собунгарон", "гузари дегрезон", "гузари мехчагарон", ва амсоли инҳоро гирифтааст.

Дар шаҳрҳо бозорҳо буданд. Дар шаҳрҳои калон дар як ҳафта ду рӯз рӯзи бозор мешуд. Ҳунармандон маснуоти худро ба бозор низ мебаровардаид. Косибоне буданд, ки дар устохонаҳо кироя кор мекарданд ва ба ивази корашон музд мегирифтанд. Аз косибон низ андоз ситонида мешуд.

**Савдо** Дар мудлати чандин аср роҳи калони корвонгард аз Осиёи Миёна гузашта, Шарқу Ғарбро ба ҳам мепайваст. Дар асри XVI кашфиёти бузурги ҷуғрофӣ ба амал омаданд ва ин роҳ аҳамияти худро гум кард. Осиёи Миёна аз чараёни асосии ҳаракати молҳои тиҷоратӣ дар канор монд. Ин ҳолат ба истеҳсолоти молии дохилӣ таъсир карда, боиси камшавии ҳаҷми маснуоти як қатор соҳаҳои касбу ҳунар гардид.

Дар навбати худ, дар ин аср барқарор гардидани робитаи тиҷоратии Осиёи Миёна бо Русия аз аҳамият холӣ набуд. Анвои гуногуни мол ба миқдори торафт зиёд аз Осиёи Миёна ба Русия содир мешуд. Дар ин мулк газворҳои гуногуни пахтагин ва шоҳиворин Осиёи Миёна шӯҳрати калон дошт. Аз Русия ба ин сарзамин матоъҳои пашмин, асбобҳои фулузӣ ва дигар асбобҳо меоварданд.

Дар асри XVI муносибатҳои дипломатӣ бо Русия барқарор гардид. Ба Москва сафирҳо, заминдорон, сармоядорон рафта меомаданд. Дар баробари иҷрои супоришҳои дипломатӣ онҳо ба инкишофи савдо низ ёрӣ мерасониданд. Сафирҳо бо корвони калон ба роҳ баромада, ба Русия мол бурда ва аз онҷо боз мол гирифта бармегаштанд. Савдо барои ҳарду тараф фоиданок буд, бинобар он ривоҷ меёфт. Вале барои ривоҷи ҳаматарафаи савдои хориҷа шароит мусоидат намекард. Якс аз мамониятҳо роҳзанҳо буданд. Инчунин маҳдудияти мазҳабӣ низ садди роҳ мегашт. Чунки савдогарони рус, ки насронӣ буданд, аз омадан ба Осиёи Миёна худдорӣ намуда, бештар ба сифати тоҷир мусулмонҳои дар ҳудуди Русия сокин бударо равон мекарданд (тоторҳо, бошқирдҳо ва дигарҳо). Дар навбати худ муносибати тиҷоратии мулкҳои Осиёи Миёна бо давлатҳои ҳамсоя -- Хитою Ҳиндустон, катъ нагашта буд.

Дар охири асри XVI Абдуллохони II ба ҷангҳои байниҳудӣ хотима дода, барои беҳтар гардидани шароити тиҷорат як қатор тадбирҳо андешид, ки ба тағйир ёфтани вазъияти савдо ва хоҷагӣ сабаб шуд ва мамлакат каме ба ҳолати эътидол даромад. Ӯ кӯшиш намуд, ки роҳҳои корвонгузар нисбатан бехатар ва аз оби нӯшокӣ таъмин бошанд.

## МАДАНИЯТИ МОДДӢ ВА МАЪНАВӢ

**Бинокорӣ ва меъморӣ** Дар санъати меъмории нимаи аввали асри XVI анъанаҳои аҳди Темурӣ идома дошт. Дар ин аср бинокорӣ хеле авҷ гирифт. Дар шаҳрҳои Бухоро, Самарканд, Хуҷанд, Ҳисор, Уротеппа ва дигарҳо бозорҳо, ҳаммомҳо, тиҷоратхонаҳои бохашамат, мадрасаҳо, масҷид сохта шуданд. Барои ривоҷи савдои хо-

ричӣ дар роҳҳои корвонгард кӯпрукҳо, сардобаҳо (ҳавзҳои об), корвонсаройҳо бино ёфтанд.

Бухоро, ки пойтахти давлат буд, бештар обод гашт. Девори нави шаҳр бино ёфт. Намунаи санъати зебои меъмории асри XVI дар ин шаҳр Масчиди Калон, Мадрасаи Мири араб, Масчиди Баланд, Масчиди Хоҷа Зайниддин, Кӯш- мадраса, мадрасаи Модари хон, Мадрасаи Абдуллохон, дар Ӯротеппа мадрасаи Абдулатиф Султон (Кӯкгумбаз), мақбараи Бободағо ва Сари-Мазор буданд. Водии Ҳисор низ аз ёдгориҳои меъморӣ бой аст. Ҳисор дар асрҳои XV-XVI ба авҷи равнақи худ расида буд. Дар ин давра ҳудуди он васеъ буда, ҷануби Тоҷикистони ҳозира, ҷануби Ӯзбекистон, вилоятҳои шимолии Афғонистон (Балх, Шибирғон, Кундуз) ва Бадахшонро дар бар мегирифт. Иморатҳои Қалъаи Ҳисор аз қабили Мадрасаи Кӯҳна, мазори Махдуми Аъзам намунаи санъати баланди меъмории Ҳисори онвақта мебошанд.

Намунаи биноҳои зебои асри XVI дар деҳаҳои Чапарӣ ва Лайлауӯяи ноҳияи Қубодиён низ боқӣ мондаанд.



Мазори Махдуди Аъзам дар Ҳисор /соли 1547/.

Шаҳрҳо аз ҳисоби биноҳои гуногун обод мешуданд. Дар чорроҳи баъзе хиёбонҳо бинои чорсу бардошта ба тӯли хиёбон тоқҳо ва корвонсаройҳо бино ёфта буд. Намунаи ин биноҳо дар Бухоро токи Саррофон, токи Телпакфурӯшон ва токи Заргарон мебошад.

Аксар вакт бозорҳои шаҳр пур аз савдогарон буданд. Дар беруни шаҳр низ чорбоғҳои пур аз меваву ангур, дарахтони сарсабз аз дур намудор буданд. Дар чорбоғҳои бузург барои шоҳ қасру девонҳо сохта буданд. Хушнамудии биноҳои зеборо ҷӯйҳои оби равон ва фавворахо зеб медоданд.

Дар соҳаи кандакории рӯи санг ва чӯб комёбиҳои устодони асри XVI назаррас буд. Сангҳои рӯи қабр бо катиба ва нақшу нигор ороиш ёфта, гӯшаҳои онро ба шакли сутунча зеб медоданд. Баъзе сангҳои рӯи қабр ба худ шакли хурди мақбараи шиббадорро гирифтааст. Умуман, санъати ҳаҷҷорӣ ва катибаканӣ ба дараҷаи олии худ расида буд.

Беҳтарин намунаҳои кандакории рӯи чӯб ҳаккокии сақфи биноҳо, дару дарича҇о, сутуни айвонхонаҳо, панҷараҳои тоблонҳо ва мадрасаву масҷид, хонақову мақбараҳо мебошанд.

Биноҳои боҳашамат бо хатҳои биноӣ ва кошинкорӣ зебу зиннат дода мешуданд. Зеботарин кошинро дар осори шаҳрҳои Бухорову Самарқанд метавон ёфт. Пештоқҳои зебо, кошинкориҳои хушнақшунигор ва хушобуранг намунаи ҳунари устоҳои гулдасти асрҳои мухталиф мебошанд.



Гачкорӣ. Аз Куммазори ноҳияи Кубодиён /асрҳои XIV-XVI/.

Султонҳо ва мардони бомаърифат соҳиби китобхонаҳо буданд. Китобхонаҳо дар он вақтҳо вазифаи коргоҳи китобат ва ороиши дастнависҳоро низ доштанд. Дар асри XVI ороиши бадеии китобҳои дастнавис ба дараҷаи баланд расида буд. Дар Осиёи Миёна хушнависони забардаст ҳаёт ба сар мебурданд. Яке аз устодони хат Миралии Ҳиравӣ буд, ки барои такомули хати настаълиқ кӯшиши зиёде ба харҷ дод.

Маҳсули хушнависону минётурсозони боистеъдод шӯҳрати ҷаҳонӣ ёфтанд. Минётурҳо бо мазмуни ҳар фасл ва воқеаҳои муайяни таърихӣ мувофиқат доранд. Дар онҳо симои як қатор шахсони таърихӣ ҳам тасвир ёфтааст. Устодони машҳури минётур Муҳаммадмуроди Самарқандӣ, Маҳ

муди Мазаҳҳиб, Усто Абдулло ва дигарон буданд. Дар асри XVI мусаввирони забардаст ба пояҳои баланди инкишофи худ расидаанд.

Дар ин аср ҳофизону навозандагони номӣ ҳаёт ба сар мебурданд. Машҳуртарини онҳо дар Самарқанд Султон Муҳаммади ной, дар дарбори Абдуллохон (дар Бухоро)— Ҳофиз Алимаст будааст. Ҳофизони хушилҳом, созандаҳо ва хонандаҳо дар ҳузури ҳокими Самарқанд Фӯлод Султон, Қосим Руҳдам, Ҳофиз Шағол ва Илёси Ной, ки ҳар як нодири асру замони худ буданд, ҳаёт ба сар мебурданд.

Онҳо аз асбобҳои гуногуни мусиқӣ моҳирона истифода мебурданд (дойра, думбра, дутор, танбӯр, ғижжак, сурнай, най, карнай ва ҳоказо).

Ҳофизони номбурда, чӣ дар Самарқанд, чӣ дар Бухоро ва ҷойҳои дигар устодони санъати олии "Шашмақом" буда, дар байни мардум обрӯю эътибори бузург доштанд.

**Адабиёт ва илм**

Вазъияти сиёсие, ки аз аввали асри XVI дар Мовароуннаҳр ва Хуросон фароҳам омад, ба ҳаёти адабӣ ва илмӣ зарбаи сахт расонид. Ҳирот ҳамчун як маркази маданин халкҳои форсзабон аҳамияти худро аз даст дод. Намояндагони илму фан, адабиёт ва санъат ба ҳар тараф пароканда гардиданд. Чандин нафари онҳо ба Бухоро муҳоҷир шуданд. Чунки ин шаҳр дар нимаи дуввуми асри мазкур ҳамчун маркази маданӣ машҳур гашта, сол аз сол дар он ҷо шумораи мадрасаҳо зиёд гардид.

Бо вуҷуди мушкилиҳои маълум адабиёт ва илму фан дар ин давра то як дараҷа ривоҷ ёфт. Муаллифи асри XVI, тазкиранавис — Хоҷа Ҳасани Нисорӣ 250 нафар ходимони илму адаби замонашро ном бурдааст, ки аксари онҳо дар таърихи халқи тоҷик мақоме ишғол кардаанд. Аз байни адибони он давра Зайниддин Восифӣ бо асарҳои худ маълуму машҳур гаштааст. Ӯ соли 1485 таваллуд ёфта, дар Ҳирот, Бухоро, Самарқанд, Тошканд ва дигар шаҳрҳои Осиёи Миёна умр ба сар бурд. Асари саргузаштии ӯ "Бадоеъ-ул-вақоеъ" ном дошта, дар он симои шаҳрҳои он замона ба таври барҷаста тасвир ёфта, русуми адабии давраашро нишон додааст. Восифӣ ҳамчун нависандаи мушоҳидакор бисёр нуқсонҳои усули идораи давлати хониро ифшо менамояд.

"Бадоеъ-ул-вақоеъ" на фақат шоҳасари насри бадеӣ, инчунин сарчашмаи муҳими таърихист.

Шоир ва муаррихи номӣ *Камолиддини Биноӣ* ҳамзамони Восифист. Ӯ соли 1453 дар Ҳирот, дар оилаи устои ҳунарманди бинокор ба дунё омада, соли 1512 дар Қаршӣ қатл шуд. Биноӣ дар овони ҷавонӣ ба шаҳрҳои Эрон сафар карда, соли 1495 ба Самарқанд меояд. Дар ин ҷо ӯ шоҳиди ҷангу низоъҳои байни ворисони салтанатталаби Темуриён ва Шайбониён гардид.

Биноӣ дар дарбори Шайбонихон обрӯ ва нуфуз пайдо кард, ки хон навиштани воқеаҳои лашкаркашии худро ба ӯ супоридааст. Биноӣ олим ва адиби пурмаҳсул аст. Дар байни осори ӯ девонҳо, маснавии "Беҳрӯзу Баҳром", қасидаи "Маҷмаъ-ул- ғароиб", асарҳои таърихии "Шайбонино-

ма" ва "Футуҳоти хонӣ" шӯҳрати бештаре пайдо кардаанд. Биноӣ дар мусиқӣ "Нӯҳранг" ва "Савтуннақш" барин оҳангҳо низ дошт.

Асари Биноӣ "Шайбониинома" аз таърихи зиндагӣ ва лашкаркашиҳои Муҳаммади Шайбонӣ ривоят карда, воқеаҳои таърихиро тақрибан то соли 1505 фаро мегирад. "Футуҳоти хонӣ" низ оиди Шайбонихон ва таърихи хонадони Шайбонӣ маълумот дода, бо воқеаҳои соли 1504 поён меёбад. Ин ду асар якдигарро пурра карда, сарчашмаҳои муҳимтарини таърихӣ ба ҳисоб мераванд.

Шоир, таърихнавис ва оҳангсози тоҷик Биноӣ яке аз симоҳои барҷастаи маданияти халқи тоҷик буд.

Бадриддини Ҳилолӣ шоири ғазалсарои асри XVI буд. Ӯ соли 1470 дар Астаробод таваллуд ёфта, соли 1529 дар натиҷаи ҳаҷвияи ба Убайдуллохон навиштааш бо фармони ӯ ба қатл расид. Ғайр аз девони ғазалиёт ба қалами Ҳилолӣ боз се достон — "Лайли ва Маҷнун", "Сифот-ул-ошиқин" ва "Шоҳу гадо" тааллуқ дорад.

Дар нимаи дуввуми асри XVI, пас аз он ки Абдуллохони II ҳокимияти мутамаркази худро ба вуҷуд овард, ҳаёти илмӣ ва адабӣ дубора эҳё гардид. Дар ин давра аз доираи ҳунармандон як зумра шоирони барҷаста дар арсаи адабиёт зуҳур намуданд, ки аз байни онҳо беш аз ҳама *Абдураҳмони Мушфиқӣ* машҳур мебошад. Ӯ соли 1538 дар Бухоро дар хонаводаи ҳунарманд ба дунё омада, соли 1588 дар ҳамин шаҳр вафот кард. Мушфиқӣ дар давраи таҳсили мадраса ба шеъргӯӣ пардохт ва илмҳои асосии замонаашро азхуд намуд. Ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик аз устодони бузурги ғазал ҳисоб мешавад.

Мушфиқӣ соли 1567 ба дарбори Абдуллохон кашида шуд ва ба дараҷаи "маликушшуаро" расид.

Мушфиқӣ бисёр қасидаҳои мадҳӣ навиштааст, ки қисме аз онҳо барои омӯхтани таърихи халқҳои Осиёи Миёна дар асри XVI ҳамчун сарчашмаи таърихӣ хизмат мекунанд. Ӯ дар шакли қитъа ва рубоӣ як қатор таърихҳои қобили таваҷҷӯхе дорад, ки дар онҳо санаҳои лашкаркашӣ ва муҳорибаҳои муҳим, вафоти шахсони таърихӣ, аз тахт фаромадан ва ё ба тахт нишастани ягон шоҳ, солҳои итмоми биноҳои машҳур ва осори меъмории асри XVI инъикос ёфтаанд. Ин қисмати эҷодиёти шоир барои омӯхтани таърихи асри мазкур, хусусан, таърихи меъморӣ аҳамият дорад.

Ба ғайр аз шаҳрҳои калон, дар маҳалҳо низ шоиру мардуми донишманд кам набуданд. Масалан, дар охирҳои асри XVI дар Ҳисор Ишратии Ҳисорӣ, Ғарибии Ҳисорӣ ва дигарон ҳаёт ба сар бурдаанд.

Дар асри XVI таърихнигорӣ ҳам дар байни илмҳои замон мавқеи хосро ишғол кардааст. Яке аз муаррихони барҷастаи ин аср Хондамир буд. Соли 1475 ӯ дар Ҳирот таваллуд шуда, соли 1535 дар Деҳлӣ вафот кардааст. Хондамир дар асараш "Ҳабиб ус-сияр" воқеаҳои таърихи умумӣ ва тарҷимаи ҳоли одамони машҳурро баён карда, шарҳи ҳодисаҳоро то соли 1510 расонидааст. Инчунин ӯ муаллифи асарҳои "Дастур-ул-вузаро",

"Ҳумоюннома" буда, чилди хафтум ва қисми хотимаи асари маъруфи муаррихи номӣ Мирхон — "Равзат-ус-сафо"-ро навиштааст.

Дар асри мазкур асари таърихӣ аз тарафи Файзуллоҳи Рӯзбихон бо номи "Меҳмонномаи Бухоро" навишта шуд. Ин китоб ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, маданӣ, тарзи заминдории феодалӣ, истифодаи меҳнати ғуломон дар хоҷагии халқ, хариду фурӯши онҳо, ёдгориҳои меъмории Самарқанду Бухоро бахшида шудааст. "Меҳмонномаи Бухоро" роҷеъ ба таърихи асрҳои XV-XVI сарчашмаи муҳим мебошад.

Яке аз шоир ва муаррихони барҷастаи дарбори Абдуллохони II Ҳофиз Таниш буд. Ӯ соли 1549 дар Бухоро таваллуд шуда, соли 1635 дар ҳамин шаҳр вафот кард.

Мероси илмию адабии Ҳофиз Танишро асари таърихии ба Абдуллохон бахшидаи ӯ "Абдуллонома" ё "Шарафномаи шоҳӣ", ду девони ғазалу қасоид ва маснавӣ ташкил медиҳад.

Асари таърихии Ҳофиз Таниш "Абдуллонома" барои омӯхтани ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва адабии асри XVI аҳамияти калон дорад.

Солҳои 1539-1540 дар Уротеппа муаррихи масчоҳӣ — Ҳофиз Масъуди писари Усмони кӯҳистонӣ асари бузургҳаҷми худ "Таърихи Абулхайрхонӣ"- ро навиштааст. Дар ин китоб воқеаҳои таърихии асри XV ва қисман пеш аз он акс ёфта, сарчашмаи нодири асри мазкур ба шумор меравад.

Яке аз сарчашмаҳои нодири таърихӣ ва адабии асри XVI асари Бобур Мирзо "Бобурнома" мебошад. Ин асар дар бораи Мовароуннаҳр, Афғонистон, Ҳиндустон, шаҳрҳои он ҷойҳо маълумоти дақиқ медиҳад. Дар "Бобурнома" воқеаҳою ҳодисаҳо аниқ ва таъсирбахш ифода ёфтааст. Дар ин асар роҷеъ ба Ҷомӣ, Биноӣ, Ҳилолӣ, Беҳзод ва дигар арбобони илмию адабӣ маълумоти нодир пайдо кардан мумкин аст.



Мадрасаи Кӯҳна дар Ҳисор /асри XVI/.



2-20376

Дар шаҳрҳои калону хурди Осиёи Миёна шахсони соҳибмаълумоте буданд, ки онҳо ба рӯйнавис кардани асари муаллифони номӣ машғул мешуданд. Бо ин меҳнати пурмашаққати худ онҳо сабабгори аз насл ба насли дигар ё аз як аср ба асри дигар гузаштани асарҳои нодири ниёгони мо гаштаанд.

# САРЧАШМА

## АЗ ТАЪРИХИ МУБОРИЗАИ БОБУРМИРЗО БО ШАЙБОНИХОН

(Порча аз "Бобурнома)

Вокеаи соли 907 (1501-1502)

Ман дар Даҳкат меистодам, хабар расид, ки баҳор Шайбонихон ба Уротеппа меояд. Даҳкат замини шӯра буд. Бинобар он мо аз ағбаи Оббурдон гузашта, ба кӯҳистони Масчоҳ омадем. Оббурдон поёнтари деҳаи Масчоҳ аст. Поёнтар аз Оббурдон чашмае ҳаст. Дар болои чашма мазор аст. Болотар аз чашма ба Масчоҳ ва поёнтар аз чашма ба Фалғар таалуқ дорад. Дар сари он чашма, дар рӯи санг ин се байтро сабт намудам :

Шунидам, ки Ҷамшеди фаррухсиришт,
Ба сарчашмае бар ба санге навишт.
Бар ин чашма чун мо басе дам заданд,
Бирафтанд то чашм барҳам заданд.
Гирифтем олам ба мардию зӯр,
Валекин набурдем бо худ ба гӯр.

Дар кӯҳистони мазкур дар рӯи сангҳо кандани шеър ва дигар матнҳо одат будааст.

Вақто ки мо дар Мастчоҳ будем, шоир Мулло Ҳиҷрӣ аз Ҳисор омада, ба хизмати мо дохил шуд. Дар он рӯзҳо ман ин матлаъро гуфтам :

Такаллуф ҳар неча сурат тӯтулса ондин ортуқ сен,
Сени жон дерлар, аммо бетакаллуф жондин ортуқсен.
/Ҳар қадар, ки туро таъриф кунанд, аз ҷон ҳам беҳтарӣ,
Туро ҷон мегӯянд, вале бе такаллуф аз ҷон ҳам беҳтарӣ./

Шайбонихон омада гирду атрофи Ӯротеппаро ғорат карда, оташ зад ва гашта рафт. Вақте ки Шайбонихон дар назди Ӯротеппа буд, мо аҳлу аёли худро дар Масчоҳ монда, бо дастаи кам, ба ночизии аслиҳахон кӯшуни худ нигоҳ накарда, аз ағбаи Оббурдон гузашта, ба Даҳкат омадем, ки шаб ё рӯз дар ҷое ҷамъ оем, то он чизе, ки худаш ба дасти мо меояд, аз даст надиҳем. Вале Шайбонихон бо шитоб ақиб гашта рафт. Ақиб гаштани Шайбонихонро дониста, мо боз ба Масчоҳ баргаштем.

Ба хотирам омад, ки кӯҳ ба кӯҳ гаштан, бе хона ва ҷой, бе замин ва бе мулк зиндагонӣ кардан мумкин нест. Беҳтар аст, ки ба назди хони бузург ба Тошканд рафта, ба кӯши ӯ дохил шавем.

# БОБИ II

## ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР АСРИ XVII ВА НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XVIII

## ТАЪРИХИ СИЁСӢ

**Низоъҳои байниҳудӣ**

Абдуллохони II соли 1598 вафот кард. Ба ҷои ӯ писараш Абдулмӯъминхон ба тахти Бухоро нишаст. Баъд аз як чанд моҳ ӯ кушта шуд. Ҳукмрони охирини намояндаи сулолаи Шайбониён - Пирмуҳаммадхони II низ ҳалок гардид.

Ҳамсоягони хони Бухоро аз задухӯрдҳои миёни Шайбониён истифода бурданд. Шоҳи Эрон Аббоси I қисмати зиёди Хуросонро забт кард. Балх зери таъсири ин шоҳ гузашт. Қазоқҳо водии Фарғона, шаҳри Тошканд ва ҳатто Самарқандро ишғол намуданд. Хоразм аз итоати Бухоро баромада дубора истиқлолият ёфт.

Аъён ва ашрофи феодалӣ маснади хони Бухороро ба Ҷонимуҳаммад Султон (Ҷонибек Султон) пешниҳод намуданд. Бинобар он сулолаи хонадони нав Ҷониён ё Аштархониён номида шуд. Номи Аштархониёнро гирифтани онҳо аз он иборат буд, ки Ҷонибек Султон аз шаҳри Ҳоҷитархон (Астархони ҳозира) ба Бухоро омада буд.

Вале Ҷонибек Султон хон шудан нахост. Ба сари ҳокимият Боқимуҳаммад (1599-1605) омад. Ба ӯ муяссар гардид, ки шаҳри Балхро тобеъи Бухоро гардонад. Аз ҳамин вақт валиаҳди хони Бухоро дар Балх менишаст.

Баъд аз вафоти Боқимуҳаммадхон бародари ӯ Валимуҳаммадхон ҳукмрон гардид. Ӯ аз ӯҳдаи идораи давлат набаромад. Бинобар он аъёну ашроф тахти хониро ба Имомқулихон (1611-1642) вогузоштанд. Дар соли ҳукронии ӯ вазъият андаке беҳтар шуд. Ба вай лозим омад, ки ба муқобили қалмиқҳо ва қазоқҳо мубориза барад ва Тошкандро ба тасарруфи худ дарорад. Баъд аз забти ин шаҳр ба хотири писари кушташудааш қасос гирифтанӣ шуда, Имомқулихон қасам ёд кард, ки хуни кушташудагон бояд то узангуи аспаш бирасад. Кушокушии мисташ диданашуда сар шуд ва ҳазорон мардуми тамоман бегуноҳ ба қатл расид. Танҳо бо илтимоси шахсони наздикаш, ки онҳо аз чунин ваҳшигӣ ва бераҳмӣ ба ҳарос афтида буданд, хон розӣ шуд, ки қатли одамонро бас кунад. Вале барои рафъи қасамаш Имомқулихон аспсавор ба ҳавз даромад ва оби бо хуни одамон омехташудаи он то узангуи аспи ӯ расид. Дар ҷангҳои дигар ҳам хон бераҳмии мислаш диданашуда зоҳир мекард. Бо роҳи қатлу ваҳшигӣ ба Имомқулихон муяссар гашт, ки то як дараҷа ҳокимияти устувор баркарор кунад.

Баъд аз ҳукмронии сисола хони Бухоро кӯр шуда ҳокимиятро ба бародараш ҳокими Балх Надирмуҳаммадхон (1642-1645) супурд. Ҳукмронии ӯ дер давом накард. Ба тахти салтанат писараш Абдулазизхон (1645-

1680) соҳиб шуд. Вале талоши хон шудан ва соҳиби мулк гаштан байни бародарон давом мекард.

Ниҳоят давлатро Субҳонқулихон (1680-1702) ба даст даровард. Дар аҳди салтанати ӯ вазъият душвортар гардид. Тохтутози хевагиҳо ҳамоно давом мекард. Онҳо ҳатто Самаркандро забт карданд. Барои барҳам задан ба тохтутози хевагиҳо Субҳонқулихон ба қарор омад, ки дар он ҷо мебояд қоиммақоми худро таъин намояд. Ин кор оқибат ба ӯ муяссар гардид. Вале ҷангҳои дохилӣ ҳеҷ тамом намешуданд. Ҳатто писари Субҳонқулихон Сиддиқмуҳаммад худро дар Балх мустақил эълон карда, ба муқобили падар шӯриш бардошт, вале шикаст хӯрд ва бо фармони падар ба қатл расид. Аз задухӯрдҳои байнихудӣ истифода намуда, як қатор вилоятҳо истиқлолият ба даст даровардаид, ки Бадахшон аз ҷумлаи онҳо буд.

Барои ҷангҳои пайҳам маблағ лозим буд Бинобар ин Субҳонқулихон аз аҳолӣ барои ҳафт сол пешакӣ андозҳоро ситонид. Ин беадолатӣ сабаби вусъат ёфтани норозигӣ ва бесарусомонӣ дар давлати Ҷониён гардид.

Баъди Субҳонқулихон ба тахти Бухоро Убайдуллохон (1702-1711) нишаст. Амирон худро тамоман соҳибихтиёр медонистанд. Аксарияти онҳо ба ҳамқабилаҳои худ такя карда, ҳокимияти марказиро тамоман ба эътибор намегирифтанд. Убайдуллохон дар назди худ вазифа гузошт, ки пеши роҳи исён ва ҷангҳоро бигирад. Бинобар он ҳамаи солҳои ҳукмронии Убайдуллохон дар ҷангҳои зидди феодалон гузашт. Дар чунин шароит ӯ ба ҳамон қисми феодалоне такя менамуд, ки ба барқарор кардани тартиботи муайян дар давлат ва пурзӯршавии ҳокимияти марказӣ манфиатдор буданд.

Аз тарафи дигар, Убайдуллохон як қатор чорабиниҳои муҳим гузаронид. Вай тартиби идоракунии давлатро нав карданӣ шуд. Мехост, ки ба он намояндагони табақаҳои поёниро ҷалб намояд. Убайдуллохон чандин тадбирҳо андешид, то ки хазинаи давлат пур шавад. Ба ин мақсад хон ислоҳоти пулӣ гузаронд. Мутаассифона, чораҳои андешидаи ӯ вазъияти мавҷударо чандон сабук карда натавонист. Соли 1711 Убайдуллохон дар натиҷаи сӯиқасд кушта ва дарбори хонӣ тороҷ карда шуд.

Пас аз ӯ бародараш Абдулфайзхон (1711 - 1747) ба тахт нишаст. Ӯ охирон намояндаи сулолаи ҷониён дар тахти Бухоро буд. Дар солҳои ҳукмронии хони мазкур ҳукумати марказӣ иқтидори худро тамоман аз даст дода, давлати хонӣ ба қисмҳои мустақили ҷудогона тақсим мегардад. Ҳокимони музофотҳои алоҳида худсариҳо мекарданд.

Вазъият дар нимаи аввал дар асрҳои XVIII боз ҳам бадтар гардид. Дар натиҷаи тохтутозҳои ҳафтсолаи қазоқҳо (1723-1730) Миёнколот (байни Самарқанду Бухоро) тамоман ба харобазор табдил ёфт. Қаҳтӣ ва гуруснагии сахт сар шуд. Касони аз ҷанги фалокат раҳоёфта ба ҳар тараф фирор мекарданд. Шаҳрҳои номбурда бе одам монд. Ба харобӣ рӯ ниҳодани ноҳияҳои марказии давлат ба тараққиёти нисбии гӯшаву канорҳои мамлакат сабаб шуд. Зеро косибону ҳунармандон барои эмин мондан аз хавфу хатар ва пайдо намудани имкони кори осоишта марказҳои бузурги касбу

ҳунар ва тиҷоратро тарк карда, ба гӯшаҳои дурдаст паноҳ мебурданд. Шоҳи Эрон Нодиршоҳ аз ин вазъи мушкили Мовароуннаҳр истифода бурда солҳои 1739-1740 ба Бухоро ҳуҷум кард.

**Бадахшон ва Ҳисор дар асри XVII - нимаи аввали асри XVIII**

Ҳудуди зиёди давлати замони Темуриёнро сулолаи нав — Аштархониён дарбар намуданд. Пойтахти онҳо шаҳри Бухоро буд. Дар шимоли Афғонистон, соҳили чапи дарёи Аму—Қундуз, Файзобод, Балх, Шибирғон ва Бадахшон, дар соҳили рости ин дарё — Тирмиз, Кӯлобу Қубодиён тобеъи сулолаи мазкур буд.

Дар замони ҳукмронии Субҳонқулихон мавқеъ ва эътибори баъзе аз сарони қабилаҳо баланд гардид. Яке аз онҳо Маҳмудбий аталиқ буд. Хон ӯро ҳокими Балх ва Бадахшон таъин намуд. Он солҳо Бадахшон амалан мулки мустақил буд. Дар он ҷо асосгузори сулолаи амирони бадахшонӣ Ёрибек ҳукмронӣ мекард. Дар нимаи дуввуми асри XVII муносибати байни Бадахшон ва Бухоро бад шудан гирифт. Тохтутози лашкари Бухоро ба Бадахшон вусъат гирифт. Бадахшониҳо бо сардории мири худ Ёрбек ба истилогарон муқовимати сахт нишон медоданд. Онҳо бухориёнро ба кони лаъли худ роҳ намедоданд. Бо мақсади ба даст овардани лаъл Маҳмудбий аталиқ ба Бадахшон лашкар кашид. Вале муваффақият ба даст даровarда натавонист. Оқибат маҷбур шуд, ки бо Ёрбек муоҳида баста ақиб нишинад. Ёрбек мебоист маҳсули дусолаи кони лаъли Бадахшонро ба хон супорида, тобеъи Бухоро гардад. Лекин дар амал ӯ ҳокими мутлақи он ҷо буд ва тамоман мустақилона кор мебурд.

Дар асри XVI Балх, Тирмиз, Қундуз, Қубодиён, Хатлону Бадахшон тобеъи беки Ҳисор буданд. Дар солҳои ҳукмронии сулолаи Аштархонӣ ин мулкҳо, ҳатто Ҳисор тобеъи Балх гашт. Чунки дар Балх валиаҳди хони Бухоро ҳукм меронд ва ӯро низ "хон" меномиданд.

Дар замони ҳукмронии Имомқулихон дар Ҳисори Шодмон Давлатбийи кенагас ҳукм меронд. Ӯ байни ҳокимони вилоятҳои дигари Бухоро мақоми хосро соҳиб буда, сиёсати ниммустақилро пеш мебурд.

Ҳукмронии Давлатбий то соли 1642 давом кард. Баъди ба сари ҳокимияти Бухоро омадани Надирмуҳаммадхон дар вилоятҳо писарони ӯ ҳукмрон шуданд. Ҳисор ба Қиличмуҳаммад ном писари ӯ расид. Мулки дар асри XVI ягонаи Ҳисор, дар замони ҳукмронии сулолаи Аштархонӣ ба қисмҳо тақсим шуда ба итоати Бухоро гузашт. Вале мубориза барои ҳокими Ҳисор шудан байни писарони Надирмуҳаммадхон давом мекард. Писари саввуми ӯ Баҳром Султон оқибат ҳокими ин мулк гашт.

Баъд аз ба сари ҳокимияти Бухоро омадани Абдулазизхон (1645-1680) байни хонҳои Бухоро ва Балх барои соҳиб шудан ба Ҳисор мубориза сар зад. Аз ин мубориза истифода намуда як муддати кӯтоҳ ҳокими Самарканд Ҳисорро тобеъи худ гардонид.

Итоати мулки Ҳисор ба Балх, Самарқанд ва Бухоро доимӣ набуд. Дар охири асри XVII аз бесарусомонӣ ва беадолатии хони Бухоро истифо-

да намуда Ҳисори Шодмон мустақилии худро барқарор намуд.

Ҳисор яке аз вилоятҳои саркаш буд. Соли 1703 лашкари Бухоро бо сардории Муҳаммадраҳимбӣ бо мақсади забти ин мулк ворили вилоят гашт. Рафтори густохонаи лашкари ӯ боиси хашму ғазаби мардуми Ҳисор гардид. Шӯриши умум оғоз ёфт. Исёнгарон қароргоҳи лашкари Бухороро торумор карданд.

Хабари ноқомии лашкари Бухоро дар Ҳисор ба ҳокими Балх Муқимхон расид. Бо фармони ӯ лашкари Балх бо сардории Маҳмудбий аталиқ, моҳи феврали соли 1704 ба сӯи Ҳисор ҳаракат кард. Вале то омадани онҳо ҳокими Ҳисор Уткан додхоҳ лашкари гурезаи Бухороро таъқиб намуда, лавозимоти зиёди ҳарбӣ, чодару хайма ва асиронро ғанимат гирифт.

Шикастхурӣ дар Ҳисор хони Бухоро Убайдуллохонро (1702 - 1711) руҳан азоб медод. Ӯ аз ноиттифоқии байниҳудии қабилаи юз истифода намуда, ба сӯи Ҳисор лашкар равон кард.

Ин навбат ҳам Балх бо мақсади ба итоати худ даровардани мулки Ҳисор лашкари сершуморро зери фармони Маҳмудбий равон кард. Ба ӯ муяссар гардид, ки лашкари Бухороро мағлуб намуда Дарвеш қушбегӣ, писари Фозилбийро ҳокими Ҳисор таъин намояд.

Баъд аз ронда шудани лашкари Бухоро бештар аз 50 сол Ҳисор ҳамчун мулки мустақил арзи вуҷуд намуд. Дар ин муддат бекҳои Ҳисор ҳамдигарро иваз мекарданд. Ба баъзеи онҳо муяссар мешуд, ки ба сарзамини ҳамсоягони худ лашкар кашанд.

Аз тарафи дигар, хонҳои Бухоро мекӯшиданд, ки Ҳисорро мутеъи худ гардонанд. Дар лаҳзаҳои душвори таҳдиди душман Ҳисор иттифоқчии худро пайдо кард. Яке аз иттифоқчии ин мулк ҳокиму мардуми Ӯротеппа буданд. Чунки ҳам дар Ҳисору ҳам дар Ӯротеппа сулолаи хонадони юзҳо ҳукм меронданд. Иттифоқи мустаҳками онҳоро воқеаи соли 1754 равшан аён кард.

**Хуҷанд ва Ӯротеппа дар асри XVII — нимаи аввали асри XVIII.**

Ду шаҳри қадимаи халқи тоҷик — Хуҷанд ва Ӯротеппа дар асри XVII баъзан ҳамқисмат гашта аз тарафи як ҳоким идора мешуданд. Дар ибтидои ҳукумронии хонҳои сулолаи Аштархониӣ аз парокандагии рӯйдода истифода намуда, Хуҷанд ва умуман водии Фарғона, Ӯротеппа ва Тошканд аз итоати Бухоро баромаданд.

Дар солҳои ҳукмронии Имомқулихон Ӯротеппа ва Хуҷанд аз тарафи Суюнчбий ном ҳоким идора мешуд. Ба ӯ муяссар мешавад, ки якчанд шаҳрҳои ба Тошканд тобеъро забт кунад. Дере нагузашта Хуҷанд ва Ӯротеппа ба ҳокими Самарқанд Ялангтушбий аталиқ тобеъ шуданд.

Дар асри XVII баъзе қабилаҳои туркнажод дар доираи идораи давлат мақоми махсусро ишғол мекунанд. Яке аз чунин қабилаҳо юзҳо буданд, ки дар якчанд вилоятҳои Мовароуннаҳр нуфуз доштанд.

Намояндаи ин қабила Боқибий юз амалиёти зидди ҳукумати марказиро сарварӣ намуда, ба қувваи ҳарбии қабилаи қазоқҳо такя мекард. Ӯ пинҳонӣ вориди Хуҷанд гашта худсариҳо намуд. Бар зидди қазоқҳо ва Боқибий лашкари Бухоро бо сардории Абдулазизхон равон карда шуд. Шоҳзодаи мазкур дохили Хуҷанд гашт. Боқибий юз назди ӯ шарт гузошт, ки ба муқобили падари худ — Надирмуҳаммадхон амал намуда, худро хони Бухоро эълон кунад. Оқибати ин тадбир амалӣ гашта дар Сарой ном музофоти Ӯротеппа Абдулазизхони 25 сола соли 1645 маросими тоҷгузорӣ гузаронид. Падараш, ки дар дашти Қаршӣ машғули шикор буд, аз ин воқеа огоҳ гашта, дар Балх паноҳ ёфт.

Боқибий юз аз тарафи Абдулазизхон ҳокими Хуҷанду Ӯротеппа таъин шуд. Қабилаи юз мавқеъи худро дар хонии Бухоро мустаҳкам намуд. Дар солҳои ҳукмронии Абдулазизхон (1645-1680) ҳокимони Хуҷанду Ӯротеппа тобеъи Бухоро буданд.

Баъд аз ба сари ҳокимият омадани Субҳонқулихон (1680-1702) дар Ӯротеппа ва мулкҳои тобеъи он якчанд сол (1677-1686) Муҳаммадмуротбийи ҳукм ронд. Ба ғайр аз ӯ, намояндаи обрӯманди қабилаи юз—Муҳаммадраҳимбий юз дар таърихи Хуҷанду Ӯротеппа, Самарқанду Бухоро мавқеъи намоёнро ишғол мекард. Ӯ аз тарафи хони Бухоро, соли 1703 барои пахш кардани шӯриши халқӣ ба Ҳисор фиристода шуд.

Баъд аз ба сари ҳокимият омадани Убайдуллохон барои идора кардани Ӯротеппа ва Хуҷанд писари Раҳимбий юз — Оқбӯта қушбегӣ ҳоким таъин шуд. Ӯ зиёда аз сӣ сол (1702-1734) ҳукмронӣ намуд.

Пойтахти Оқбӯтабек шаҳри Ӯротеппа буд. Сарзамини васеъ — аз ҳудуди Хӯқанд то сарҳади Самарқанд, болооби Зарафшон — Масчоҳу Фалғар тобеъи ӯ буданд. Бо ин ҳам қаноатманд нашуда, Оқбӯта қушбегӣ хост водии Фарғонаро забт намояд. Ин хоҳиши ӯ амалӣ нашуд, чунки соли 1734 аз дасти падарарӯси худ хони Хӯқанд Раҳимбий минг (1734-1750) ба қатл расид. Баъд аз ин Раҳимбий Хуҷанд ва Ӯротеппаро забт кард.

## МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ

**Феодалон — соҳиби замин**

Дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII ҳуқуқи атоликҳо ва қудрату ихтиёри ашрофи баъзе тоифаҳо назар ба асри XVI бағоят афзуд. Умури идораи давлат комилан ба дасти онҳо гузашт, мансабҳои калони давлатиро ишғол намуданд. Дар нимаи аввали асри XVIII дар сарзамини Осиёи Миёна, алалхусус, дар вилоятҳои марказии он, таназзули амиқи иқтисодӣ рӯй дод. Хоҷагии кишлоқ ақиб рафт. Нон намерасид. Вале даромади солонаи феодал аз замин сол аз сол меафзуд.

Дар натиҷаи зулму истисмори бераҳмона ва хироҷу молиётситониҳои аз ҳад афзун деҳқонон чунон ҳам ба фақирӣ ва қашшоқӣ афтоданд, ки ҳукумат дигар ба зиёд кардан ва ё ҷорӣ кардани ягон андози нав ҷуръат накард.

Замин дар дасти феодалони калон буд. Яке аз чунин феодалони сарватманд ҳокими Самарқанд Ялангтушбӣ буд. Ӯ заминҳои беҳаду канори киштро, махсусан, дар вилояти Самарқанд, ба даст даровард. Ба замми ин, ӯ аз пардохти давлатии даромади солиёна озод буд.

Бузургтарин моликони замин шайхони Ҷӯйборӣ буданд. Яке аз онҳо Тоҷиддин ба ҳар роҳ заминҳои бе ин ҳам беҳадду ҳисоби авлодии худро боз ҳам меафзуд. Ҳамзамони шайхони мазкур навиштааст, ки "Аз сарҳади Туркистон то марзи дурдасти Хуросон деҳ, кӯҳ, дашге набуд, ки эшон замин надошта бошанд".

Дарбори шайхони Ҷӯйборӣ ба дарбори давлат шабоҳат дошт. Сарвари хоҷагии онҳо девони вакил номида мешуд. Вазир ба корҳои молиявии мулки онҳо машғул буд. Мансабдорони дигар - саркору дафтардор дар ихтиёри худ якчанд муншӣ доштанд. Дар дафтархонаи эшон доимо ба ғайр аз 40 нафар муншӣ, 72 кас ба ҷамъ кардани андози замин машғул буданд. Ғайр аз инҳо, вазифадорон амал мекарданд. Масалан, нигоҳубини аспони Хоҷа ба ихтиёри мироҳурҳо буд.

Хоҷа Тоҷиддини номбурда ҳазор таҳта замини кишт, 50 чорбоғ дар ҳудуди Бухоро, Балх, Самарқанд, Тошканд, Андиҷон, Ҳисор ва ҷойҳои дигар дошт. Ба ғайр аз ин, ӯ соҳиби сарой, ҳавлӣ, ҳаммом, бозорҳои болопӯшида (тим), осиё буд.

Дар ҳудуди Ҳисор ҳазор нафар мардикорон бо амри хоҷагони ҷӯйборӣ кор карда, чорбоғ ва гулбоғ бино карда, заминҳоро обшор гардониданд. Барои обёрӣ кардани замини корами онҳо дар водии Ҳисор даҳ ҳазор мардикор истифода шуд. Ба заминдорон чорво ва олоти корӣ тааллуқ доштанд. Дар заминҳои заминдорон деҳқонони чоряккор кор мекарданд.



Санад барои истифодабарии об /соли 1711/

Дар ҳудуди мулки Ӯротеппа калонтарин заминдори асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII Хоҷа Мӯсо (вафот 1731) ном феодал буд. Замини корам ва оби ин шахс, дар ҳудуди як чанд деҳаҳои мулки мазкур ва дар кӯҳистони Масчоҳ ҷойгир буданд. Хоҷа Мӯсо дар дарбори Бухоро обрӯю эътибори калонро соҳиб буд. Аз ин мавқеъ истифода намуда, ӯ дар назди ҳокимони Ӯротеппа имтиёзҳои хосро доро буд. Масалан, ӯ аз андози замин озод буд. Ӯ ҳатто ба корҳои идоракунии мулки Ӯротеппа даҳолат мекард.

**Касбу ҳунар** Дар давлати Ҷониён шароит барои тараққиёти касбу ҳунар номусоид буд. Вале косибон ҳунари худро фаромӯш намекарданд. Шоҳиди замон, шоири ширинкалом Сайидои Насафӣ дар як худи Бухоро дусад намуди ҳунарро ном бурдааст. Касбу ҳунар, ки маҳсулоти он ба хориҷ содир мешуд, як дараҷа вазъи беҳтаре дошт. Талаботи берунӣ дар чунин шароити сахт ба пешрафти истеҳсолот мусоидат мекард.

Косибон матоъҳои ҳархеларо бештар дар хонаҳояшон истеҳсол мекарданд. Ҳунари бофандагӣ хело ривоҷу равнақ ёфта, газворҳои пахтагӣ бартарӣ доштанд ва онҳоро ба бозорҳои берунӣ мебароварданд. Харидорони чунин матоъҳо бештар қабилаҳои бодиянишин ва давлати Рус буд. Бинобар он муносибатҳои тиҷоратии вусъатёбанда бо Русия аҳамияти махсусе дошт.

Мисли асрҳои гузашта сохтани асбобҳои оҳанин ва мисин афзалият пайдо кард. Устоҳо аз сӯзан сар карда то юғу сипор ва асбобҳои рӯзгор истеҳсол мекарданд. Чун пештара устоҳои соҳибҳунари силоҳсоз аслиҳаи гуногун –камон, найза, шамшер, ханҷар, ҷавшан, зиреҳ, сипар месохтанд. Дар шаҳрҳои марказӣ, махсусан дар Бухоро, истеҳсоли тиру тӯп ва борут ба роҳ монда шуд. Истеҳсоли маҳсулоти фулузӣ бо сабаби кам будани истеҳсоли оҳан дар Осиёи Миёна нисбатан маҳдуд буд. Ҳукумати подшоҳии рус ба ин сарзамин овардани мис, оҳан ва фӯлодро манъ кард. Миқдори ночизи фулузот дар вилоятҳои Бухоро ва Самарқанд истеҳсол мешуд. Дар вилоятҳо мутахассисоне буданд, ки ба истеҳсоли санги мармар ва гаҷ шуғл доштанд.

Истеҳсоли намудҳои гуногуни сангҳои қимматбаҳо ва нимқимматбаҳо бештар дар Бадахшон мушоҳида мешуд. Лаъли Бадахшон дар аксари мамлакатҳо маъруф буд.

Ба нисбатан ҷоннок шудани касбу косибӣ васеъ шудани савдои дохилӣ ва хориҷӣ сабаб гашт.

**Савдо** Савдои дохилӣ ва берунӣ тараққӣ кард. Мисли асрҳои гузашта бо қабилаҳои кӯчманчии ҳамсоя ва давлатҳои Ҳиндустону Хитой алоқаҳои мӯътадили тиҷоратӣ давом мекард. Дар асри XVII тиҷорати байни Русия ва Осиёи Миёна авҷ гирифт. Аз як мамлакат ба мамлакати дигар корвонҳои зиёде ҳаракат доштанд.

Дар ҳар навбат ба Бухоро ё шаҳри калони дигар садҳо, баъзан зиёда аз ҳазор уштурҳои пурбор ворид мешуданд. Роҳҳои корвонгузар даштҳои Қазоқистон дар қисмати шимол буд, ки ба шаҳрҳои соҳили Волга ва Сибир дар қисмати шимоли ғарбӣ ба Хоҷитархон (Астархан) мебурд. Ба воситаи водии Фарғона корвонҳо ба сӯи Қошғар ва Синҷон ҳаракат мекарданд. Роҳи тиҷоратӣ бо Ҳиндустон аз Балх ва Кобул гузашта ба Пешовар, Банорас, вилояти Дакан ва дигар шаҳру вилоятҳои ин мулк мерафт.

Аз Русия ба Осиёи Миёна пӯст, чарм, моҳут, намудҳои гуногуни асбобҳои рӯзгор (элак, сатил, сандуқ ), молҳои заргарӣ (ҳалқа, мӯҳра, сӯзан, сӯзанак, ангуштпона мех меоварданд. Тоҷирони Осиёи Миёна ба Русия

матоъхои пахтагӣ, шохӣ, камонҳои бухорӣ, гилем, меваи хушк мебурданд.

Аз Хитой бештар шоҳивор, асбобхои чинӣ, дорувор, чой, аз Хиндустон—сангҳои кимматбахо ва нимкимматбахо, дурр, дока, ресмон ва матоъҳои зардӯзӣ, рангубор, моддаҳои хушбӯй (атриёт) ба бозорҳои Осиёи Миёна ворид мешуданд. Як кисми онҳо аз Бухоро ба Русия ва дигар мамлакатҳои европой бурда мешуд.

Аксар ҳокиму хонҳои мамлакатҳои номбурда барои ривочу равнақи савдои берунӣ чораҳо меандешиданд. Дар роҳҳои корвонгузар чоҳҳои об канда, корвонсаройҳо бино мекарданд ё худ аз молҳои тичоратӣ бочро кам мекарданд. Аммо кабилаҳои бодиянишини роҳзан корвонро ғорат мекарданд.

Баробари ривочи муносибатҳои тичоратӣ робитаҳои дипломатӣ низ инкишоф меёфт. Баъзан точирон вазифаи дипломатиро дар ӯҳда доштанд ва супориши султони худро адо менамуданд.

**Чунбишҳои халкӣ** Дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII норозигии оммаи халк ниҳоят зиёд шуд. Сабабҳои асосии он зулму ситами токатшикан ва истисмори бераҳмона, ҷангҳои дохилӣ ва ҳамлаи давлатҳои ҳамсоя ва факру гуруснагӣ буд.

Дар замони Абдулазизхон (1645-1680) шӯрише дар деҳаи Дахбеди Самарканд рӯй дод. Хон шахсан ба мукобили шӯришчиён лашкар кашида онро фурӯ нишонд ва Даҳбедро оташ зад. Баъзан акси ҳол ҳам мушоҳида мешуд. Яъне оммаи халки як вилоят дар атрофи яке аз тавонотарин ва обрумандтарин сарварони худ муттаҳид гашта, бар зидди ҳукумати марказӣ мубориза мебурд. Яке аз чунин шахсон ҳокими оядаи Ӯротеппа ва Хучанд Фозилбий юз буд. Дар охири асри XVII ва асри XVIII ӯ тавонист, ки ба халқ такя намуда, хонҳои Бухороро ба ташвиш андозад ва мустақилии мулкашро таъмин намояд.

Яке аз вилоятҳои саркаш Ҳисор буд. Мисоли равшани муборизаи халки ин диёр вокеаҳои соли 1703 мебошад. Дар ин сол киёми калонтарин ва зафармандонае дар мулки Ҳисор рӯй дод. Сабабҳои он чанги байни ду феодал гардид. Лашкари Бухоро бо сардории Муҳаммадраҳимбий юз ба мукобили Ӯткан ном ҳокими яке аз қалъаҳои вилояти Ҳисор ҷанг сар кард. Вале лашкари Бухоро музаффарият ба даст наоварда, акибнишинӣ намуд. Аз низоъҳои хунини байни феодалон ба танг омада, аҳолии Ҳисор ба даст сангу калтак гирифт. Шӯришчиён аз хони Бухоро талаб намуданд, ки онҳоро ҳимоят намояд. Қиёми халки чабрдида имконият дод, ки мулки Ҳисор такрибан дар давоми 50 сол ҳамчун мулки мустакил арзӣ вучуд намояд.

Бар зидди Убайдуллохон дар Шеробод низ ҳаракати халкӣ чой дошт.

Соли 1708, дар вакти эълони ислоҳоти пул, халки Бухоро бар зидди Убайдуллохон шӯриш бардошт. Дӯкону бозорҳо баста шуданд, кори савдо касть гардид. Дар бозор чизе ёфт намешуд. Ин боиси ба шӯриши ошкоро бархостани мардуми факиру бенаво гардид. Вале шӯриши халкӣ бераҳмона пахш

карда шуд. Чанд касро ба дор кашиданд. Ислохоти пул комилан чорӣ гардид. Вале ин шӯриши халқӣ чашми ҳукуматдоронро хеле тарсонда буд.

Дар ҳолати ногувор, хавфи ишғоли шаҳру вилоятҳо аз тарафи сардорони қабилаҳо ва ҳокимони ҳамсоя, оммаи халқ аксар вақт ҳукумати марказиро тарафдорӣ менамуд, чунки ҷангу низоҳои дохилии феодалӣ аҳолии ҳам шаҳр ва ҳам деҳотро хонахароб месохт. Масалан, як гурӯҳ феодалони қабилаи кенагас соли 1714 хостанд дар Бухоро табадуллоти дарборӣ гузаронанд ва ба арки хон дохил шаванд. Вале ин навбат халқ ба ҳимояи ҳукумат бархоста, дар шаҳр сангарҳо сохт. Фақат тавассути кӯмаки мардум ба хон муяссар гардид, ки душманашро саркӯб созад.

Ба ғайр аз шӯришҳои номбурда боз дар соли 1713 дар Самарқанд, соли 1719 дар Балх, соли 1747 дар Тошканд ва ҷойҳои дигар шӯришу ошӯбҳои халқӣ ба вуқӯъ омаданд. Ин баёнгари он аст, ки халқ, чӣ тоҷику чӣ ӯзбек аз сохту шароити мавҷудаи феодалӣ ба дод омада, баҳри ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои худ бар зидди ҳукумат ба мубориза ошкоро бармехост.

## МАДАНИЯТИ МОДДӢ ВА МАЪНАВӢ

**Меъморӣ ва санъат**

Бо вуҷуди он ки замона пур аз низову ҷангҳои харобиовар буд, дар шаҳрҳои марказӣ ва баъзе маркази вилоятҳо иншоотҳои меъморӣ меафзуданд. Биноҳои боҳашаматро бештар аъёну ашрофи сарватманд месохтанд. Яке аз онҳо Ялангтушбӣ (1608-1656) дар Регистони Самарқанд сохтмони бузургеро вусъат дод. Дар рӯбарӯи мадрасаи Улуғбек бо амри ӯ байни солҳои 1619-1631 меъмори номӣ Абдуҷаббор мадраса бино кард. Дар пештоқи даромадгоҳи ин мадраса даррандаи бабрмонанд тасвир ёфтааст. Аз ҳамин сабаб онро мадрасаи Шердор номиданд. Сардари мадраса дар марказ, дар гӯшаҳо манораҳо, дар байни дарвоза ва манораҳо гумбазҳои тегдор бино ёфта болои ду дарсхонаро зеб додаанд.

Солҳои 1641-1660 Ялангтушбӣ аз тарафи сеюми Регистон боз як иморати дигар андохт. Чун дар ороишоти ин бино тиллои бисёре истифода шуд, онро мадрасаи Тиллокорӣ номиданд. Ин биноест, ки мадрасаву масҷид дар як ҷо сохта шудаанд : дар ҳар се тарафи ҳавлӣ ҳуҷраҳо ва дар тарафи чорум масҷид воқеъ гардидааст. Ҳамин тариқа, дар маркази шаҳри Самарқанд майдоне ба вуҷуд омадааст, ки як тарафаш кушод, се тарафаш бо се бинои мӯҳташами хушнамо зинат ёфта, бо номи Регистони Самарқанд маъруф гардидааст.

Дигар аз ёдгорҳои меъмории асри XVII маҷмӯи иморатҳоест, ки дар Бухоро воқеъ гардидааст. Яке аз амалдорони олимақоми он замон Нодир-девонбегӣ фармуд, ки ҳавз, мадраса ва хонақоҳе созанд. Ҳоло ин макон бо номи "Лабиҳавз" ё худ "Лабиҳавзи Девонбегӣ" маъруфу машҳур аст.

Дигар маҷмӯъаи меъмории дар асри XVII биноёфтаи Бухоро мадрасаест, ки муқобили мадрасаи Улуғбек бино ёфтааст. Ин мадрасаи Абду-

лазизхон мебошад. Ороиши ин бино бағоят зебо ва бодабдаба аст.

Аз ороиши биноҳо маълум мешавад, ки меъморҳо анъанаи ду қарни пешинаро давом додаанд. Дар ин аср комёбии устодони кандакории рӯи гач назаррас аст. Дар ороиши иморатҳо аз ҳунари хотамкорӣ ва кошинкорӣ ба таври васеъ истифода мебурданд.

Сохтмони биноҳои гуногун дар вилоятҳои дурдасти тоҷикнишин низ ҷой доштанд. Маъруфтарини онҳо манораи мансуб ба номи Абдуллохон дар деҳаи Навгилеми ноҳияи Исфара, мақбараи Хоҷа Ҳотами Асомӣ дар ноҳияи Файзобод, мадрасаи Мирраҷаб Додхоҳ дар Конибодом, дарвозаи арки Ҳисор, якчанд бинои аз хишти пухта дар маҳалли Сари-Мазори Ӯротеппа ва дигарҳо мебошанд.

Дар кӯҳистони Помир якчанд биноҳо — қалъаи асрҳои XVII-XVIII боқӣ мондааст. Ин қалъаи Панҷ дар маҳалли Рошткалъа, қалъаи Бартанг дар Вахан, қалъаи Вомар дар Рӯшон ва дигарҳо мебошанд. Аксар қалъаҳои Помир дар баландкӯҳҳо бино ёфтаанд, то ки барои душманон дастнорас бошанд.

**Мусаввирӣ ва хаттотӣ**

Дар китобхона ва музейҳои мамлакатҳои ҷаҳон нусхаҳои хаттии китобҳои гуногунмазмуни асрҳои XVII- XVIII маҳфузанд. Баъзе аз онҳо бо миниатюраи мусаввирони Осиёи Миёна зинат ёфтаанд. Аз намунаи кори онҳо маълум мешавад, ки анъанаи мактаби миниатюрии асри XVI давом ва инкишофи босазои худро дар асрҳои баъдина пайдо намудааст. Мисоли онро мо дар асари Шарафиддин Алии Яздӣ "Зафарнома" мебинем. Ин нусха соли 1628 дар Самарқанд китобат шуда, 12 миниатюраро дар бар мегирад. Ҳамаи расмҳо бисёр зебо ва ҷолибанд. Мусаввири забардаст дар саҳнаҳои рамзӣ бо як маҳорати ҳайратангез тавонистааст миқдори зиёди симоҳои одамро ҷой диҳад. Дар ин миниатюра симои 28 одам ва 18 асп мавҷуд аст. Дар миниатюра чанги 20 кас тасвир ёфтааст. Саҳнаи базми Темур низ пуродам аст: дар ин ҷо аҳли кибор, сипоҳиён, мутрибон, ҳофизон, ровиён ва соқиёнро метавон дид. Саҳнаҳо хеле зебо ва хушранг офарида шудаанд.

Ба ҳамин навъ санъати баланд асари муаллифи маҷҳулӣ Масъуд ибни Усмони Кӯҳистонӣ — "Таърихи Абдулхайрхон", асари Ҳотифӣ — "Темурнома" зеб ёфтаанд. Яке аз мусаввирони забардасти замон Муҳаммадмуроди Самарқандӣ буд. Ӯ асари маъруфи Саъдии Шерозӣ "Бӯстон"-ро бо санъати волои худ зеб додааст.

Китобҳои гуногунмазмун, махсусан девони шоирони замонҳои мухталиф, аз тарафи хаттотони маъруфу машҳури асри XVII--ибтидои асри XVIII рӯйнавис мешуданд. Нисбат ба мусаввирон хаттотон афзалият доштанд. Хушхаттарин ва маъруфтарини онҳо дар дарбори хонҳо ва ашроф хизмат мекарданд. Хаттотони маъруфи ин аср Мир Имод ва Ҳоҷӣ Ёдгор буданд. Хаттотӣ як навъи боэътибори касбу ҳунар ба шумор мерафт. Азбаски шоирони доираҳои шаҳр ба воситаи шеър зиндагии худро таъмин карда наметавонистанд, бисёри аз онҳо баробари шеъргӯӣ хушнависӣ ва

хаттотӣ низ мекарданд. Ин ҳунар барояшон мадори маош мегардид. Яке аз устодони хат Ҳоҷӣ Муҳаммад Собири Самарқандӣ ҳам шоир, ҳам устоди хафтқалам (яъне устоди хафт намуд хат) буд. Дигар устоди хат шоири забардаст Мумтози Самарқандӣ ба шумор мерафт.

Санъати баланди хаттотие, ки дар навиштани китобҳо мушоҳида мешавад, аз хатҳои рӯи санги қабрҳо фарқ мекунад. Аз катибаҳои боқимондаи кӯҳистони тоҷик—Мастчоҳу Фалғар, бармеояд, ки дар асри XVII ҳунари зебои асри XV-XVI рӯ ба таназзул ниҳода буд. Устодони хатти рӯи сангҳо дар кӯҳистон Ҳоҷи Махмуд, Боқӣ писари Муҳаммад ва дигарон буданд.

Ба санъати мусаввирон ва хаттотони забардаст ҳунари саҳҳофон (муқовакунандаи китоб) чӯр буд. Зебоӣ ва бозоргир шудани китоб ба ҳунари онҳо низ вобастагӣ дошт. Муқоваро устоҳо аз чарм сохта, рӯи онро бо гулҳо оро медоданд. Ба рӯи муқова ба ғайр аз гулу гулкорӣ ном ва соли ҷилдсозиашонро устоҳо сабт мекарданд. Яке аз саҳҳофони устокори асри XVII Мулло Ортуқ писари Сӯфӣ Турсун буд. Ӯ соли 1683 Қуръонро чунон устокорона муқова кардааст, ки бинандаро дар ҳайрат мегузорад.

**Адабиёт** Асри XVII-- нимаи аввали асри XVIII давраҳои бисёр муҳими таърихи адабиёти тоҷик мебошад. Дар аҳди Ҷониён якчанд ҳавзаҳои адабӣ вуҷуд дошт. Калонтарини он Самарқанд ва Бухоро буданд. Ҳамаи шоирони ин ду ҳавза аз 150 нафар бештар буд. Аз ин миқдор бештар аз 20 нафар шоирони хунарманд буданд. Баъзеи онҳо деҳқонӣ мекарданд. Симоҳои дурахшон ва пешқадами адабиёти ин давр Малеҳо, Сайидо, Сарафроз, Фитрат ва Мулҳам буданд.

Муҳаммадбадеъ Малеҳои Самарқандӣ соли 1650 таваллуд ёфта, аввали асри XVIII вафот кард. Падари ӯ аз одамони соҳибмаърифат ва мӯътабари Самарқанд буда, дар мадрасаҳои ин шаҳр дарс мегуфт ва ба шеъру шоирӣ муҳаббати фаровон дошт. Малеҳо дар назди падараш ба шеъргӯӣ оғоз кард. Ӯ то синни 30 солагӣ асосан бо роҳбарии падараш ба омӯхтани илмҳои ақлӣ машғул буд. Донишомӯзии худро вай аз омӯхтани забони арабӣ ва илмҳои динӣ, аз қабили фиқҳ, тафсир ва ғайра оғоз менамояд. Соли 1678 баъд аз вафоти падар Малеҳо ба сафари Хуросон ва Эрон баромада, бо аҳли адаби ин мамлакат мулоқоту сӯҳбатҳо мекунад.

Баъди бозгашт аз Эрон Малеҳо дар қозихона ба кор даромада, ба мударрисии мадрасаи Шайбонихон низ мансуб гардид. Ӯ дар баробари адои вазифаи шаръӣ ба шеъргӯӣ ва такмили тазкираи худ машғул шуд.

Малеҳо тазкираи худро "Музоккир-ул-асҳоб" номидааст. Аз ҷумлаи 165 шоире, ки дар қисми асосии тазкира зикр шудаанд, 56 нафарро шоирони Эрон ташкил мекунанд, ки муаллиф бо онҳо шахсан воҳӯрда, ҳамсӯҳбат шудааст.

Намунаҳои дар тазкираи Малеҳо омадаи осори шоирони асри XVII барои муайян кардани хусусиятҳои равнақи адабии ин давр аҳамияти бузург доранд.

Шоири забардаст ва машҳури асри XVII Саидкамол Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ буд. Ӯ аз байни халқи меҳнаткаш- табақаи ҳунармандон сабзида баромадааст. Фитрат соли 1657 дар Самарқанд таваллуд ёфта, баробари ҳунари зардӯзӣ дар хондан ва аз худ кардани илмҳо қобилияти хуб нишон дод.

Фитрат баробари таҳсил дар яке аз мадрасаҳои Бухоро фаъолияти адабии худро низ равнақу вусъат дода, дар шеър ба дастовардҳои калон соҳиб шуд ва ба зудӣ дар радифи шоирони машҳуртарини замон қарор гирифт.

Фитрат достони "Толибу Матлуб" ва дар тамоми шаклҳои асосии назми лирикӣ (қасида, ғазал, рубоӣ, қитъа ва ғайра) асарҳои зиёде эҷод кардааст. Соли вафоти ӯ маълум нест.

Мулло Абдуллои Мулҳами Бухороӣ аз шоирони тавоно ва номдори асрҳои XVII-XVIII буда, ба ҳунармандони шаҳри Бухоро тааллуқ дошт. Ӯ аз ҷавонӣ тарзи зиндагии қаландаронаро ихтиёр карда, ҳамроҳи қаландарони ҷаҳонгард ба саёҳат баромад. Аз шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон баргашта, ӯ як ҷо қарор гирифта ба касби худ — хиргоҳтарошӣ машғул шуд. Зиндагии Мулҳам бо нодориву азобу машаққат мегузашт. Соли вафоти Мулҳам чун соли таваллуди ӯ маълум нест.

Мулҳам дар ду жанри адабӣ ҳунарнамоӣ кардааст — ғазал ва маснавӣ. Маснавии ӯ бо номи "Лайливу Маҷнун" маълум аст. Мулҳам соҳибдевон буда, ғазалиёти ӯ симои эҷодиашро чун шоири ғазалсаро нишон медиҳад.

Бузургтарин шоири асрҳои XVII-XVIII Сайидои Насафӣ буд (вафот байни солҳои 1707-1711). Падару модари Сайидо дар Бухоро истиқомат доштанд. Ӯ ба табақаи ҳунармандон наздик шуда, аз байни онҳо дӯстону ҳамфикрон пайдо кардааст.

Сайидо ҳанӯз дар ҷавонӣ аз рӯи ниёзмандӣ ба касбу ҳунар пардохта, ба ҳамин восита зиндагии худро таъмин мекард. Чунончи, дар ин байт ӯ таъкид кардааст :

Ба зӯри дасту бозу мехурам, эй Сайидо, рӯзӣ.
Маро чун Кӯҳкан хуни ҷигар бошад беҳ аз ширам.

Сайидо дар ғазалиёташ аз қашшоқию гуруснагӣ, ғарибию бекасӣ, касодию беқадрии санъату ҳунар, хориву зиллати аҳли фазлу адаб шикоятҳои ҷонсӯз намудааст. Вай бештари умри худро ба сахтӣ гузаронидааст.

Рӯзгорам ҳама умр ба сахтӣ мегузарад,
Устухонро чу ҳумо рӯзии ман сохтаанд.

Ба ғайр аз шоирони номбурда, дар вилоятҳои тоҷикнишин устодони каломи бадеъ ҳаёт ба сар бурда, асарҳо эҷод мекарданд. Масалан, дар Қаротегин шоир ва олим Ҷомӣ ибни Камолиддини Қаротегинӣ (муаллифи маснавии "Мазҳари кул"), Хоҷӣ Шоҳи ибни Хоҷа Абдураҳмони Ҳисорӣ (вафот 1657), Рифъати Ҳисорӣ ва дигарон буданд.

Эҷодиёти шоирони асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII нишон медиҳад, ки адабиёти тоҷик дар чунин як шароити душвори таърихӣ дар

марказ ва ноҳияҳо ривоҷ меёфт. Шароити душвор, истеъдоди адабӣ ва малакаи эҷодии халқи тоҷикро аз равнақ боз дошта натавонист.

**Инкишофи илм** Дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII бо вуҷуди харҷу марҷи сиёсӣ ва вазнин шудани шароит илму фанни тоҷик ривоҷ дошта як зумра олимон ба таълифу тасnифи асарҳои илмӣ ва тадрис дар мадрасаҳо машғул буданд. Баъзе аз олимон баробари фаъолияти илмӣ ба шеъру адаб низ сарукор доштанд. Дар даврони мазкур натанҳо улуми расмии динӣ, балки илмҳои сирф дунявӣ, монанди ҳайъат, зиҷ, ҳандаса, ҷабру муқобала (алгебра ва муодила-ҳо), кимиё ва ғайра низ инкишоф меёфтанд.

Намоёнтарин олими ин давр Мулло Турсуни Фароизи Самарқандӣ бо илмҳои дунявӣ ва дақиқ машғул буд. Ӯ дар соҳаи гуногуни илмҳои математика, астрономия, химия ва ғайра маҳорат дошт. Ва дар улуми динӣ—фиқҳ (қонунҳои динӣ), ҳадис ва тафсир низ соҳибфан буд. Фароизӣ асарҳои зиёд эҷод кардааст. Чанде аз онҳо чунин номҳо доштанд : "Масоили ҳисобия" ("Масъалаҳои ҳисоб"), "Шарҳи сироҷият ул-ҷабрия" (оид ба алгебра ва муодилаҳо), "Ҷомеъ-ул-ҳисоб", "Шарҳи викоя" (оид ба фиқҳ) ва ғайра буданд.

Олим ва шоири намоёни ин давр Қозӣ Лутфулло Шокири Бухороӣ низ дар улуми динӣ ва ғайридинӣ забардаст буда, дар фиқҳу ҳадис, калому тафсир, ҳикмату ҳайъат, мантиқ ва наҳву сарф мутасаддӣ буд. Вай дар мадрасаҳои Бухорову Самарқанд дарс ҳам мегуфт. Ин олим ба фанҳои фалсафа (ҳикмат ва мантиқ) ва табиатшиносӣ низ таваҷҷӯҳ дошт. Ӯ ҳамчун шоир шӯҳрати бештаре пайдо кардааст.

Олим ва шоири боистеъдоди аср Миршарифи Мунсифи Самарқандӣ буд. Ӯ дар мадрасаи Бухоро ба машқи ҳандаса (геометрия), танзим (ситорашиносӣ), арқоми зиҷ машғул шудааст.

Дар ин давр машҳуртарин олими соҳаи дин Мирмуҳаммадшарифи Шаҳрисабзӣ, ки мударрис ва аъламі Бухоро буд, бо тахаллуси Шариф шеър низ эҷод мекард.

Дар асри XVII- нимаи аввали асри XVIII баробари намояндагони бузурги адабиёт ва илм таърихнависони бузург низ буданд. Маҳмуд ибни Валӣ яке аз таърихнависони маъруфи ин давра мебошад. Асари ӯ "Баҳр-ул-асрор фӣ маноқиб-ул-ахбор" як навъ энсиклопедияест, ки аз чор ҷилд иборат буда, таърихи давраи аз Чингизхон то Ҷониёнро дарбар мегирад.

Муаллифи дигар – Ҳоҷи Муҳаммад Салим асари таърихиро бо номи "Силсилат-ус-салотин" таълиф кардааст. Ӯ бо хонҳои Бухоро хешутаборӣ дошта, солҳои дароз дар дарбори сулолаи Аштархониён ҳаёт ба сар мебурд. Асари мазкур воқеаҳои таърихиро аз соли 1468 то соли 1711 дар бар карда, соли 1730 навишта шудааст.

Азбаски Муҳммадсалим аз хешовандони хонҳои Бухоро буд, воқеаҳои зиёди дарборӣ, харҳашаҳои байниҳамдигарии хонадони сулолаи Аштархонӣ ва муносибатҳои онҳо бо давлатҳои ҳамсоя, махсусан бо Эро-

ну Ҳиндустон ва хонхои казоку Хоразм, чабру истисмори аҳолии зери-дасти онҳо, ошубхои халкӣ ва монанди инҳоро, ки аз пеши назари муаллиф гузаштаанд, хело хуб баён кардааст.

Дигар асари муҳиме, ки дар ин давра таълиф ёфтааст, "Таърихи Сайид Роким" мебошад. Муаллифи асар Мулло Шарофуддини Самаркандӣ вокеаҳои таърихиро бо як тартиби муайян тасвир накарда бошад ҳам дар бораи одамони машҳур, дар хусуси бинокорӣ ва осори адабии асрҳои XV-XVIII маълумоти хеле пуркимат медиҳад.

Аз таълифоти дигаре, ки дар ин давра навишта шудааст, асари Муҳаммадюсуф Мунший "Таърихи Мукимхонӣ" мебошад. Ин асар дар солҳои ҳукмронии наберан Субхонкулихон—Муҳаммад Мукимхон (1702-1707) дар Балх навишта шуд. Бинобар он муаллиф бобҳои алоҳидаи асарашро ба масъалаҳои мухталифи ҳаёти иктисодию ичтимоӣ ва сиёсии вилояти Балх, таърихи хонхои Бухоро, хусусан, сулолаи Аштархониён, муносибати байни Бухоро ва Балх бахшидааст.

Муҳимтарин асари таърихии ин давра "Убайдуллонома"-и Мирмуҳаммадамини Бухорӣ аст, ки комилан ба даври ҳукмронии Убайдуллохон ( 1702 - 1711 ) бахшида шуда вокеоти гуногунро, аз чумла,ислоҳоти пул, ки боиси норозигии аҳолӣ дар Бухоро ва сар задани шӯриш гардид, дар бар гирифтааст.

Дар ин давр асарҳои дигари таърихӣ низ навишта шудаанд, ки яке аз онҳо асари Хӯчамкулбеки Балхӣ " Таърихи Кипчокхонӣ" мебошад. Ин асар сарчашмаи таърихии судманд ба шумор меравад. Чунки муаллифи он шоҳиди вокеаҳои тасвиркардааш мебошад.

## САРЧАШМА

### ЧАЗОИ ЧАЛЛОД

Солҳои 1630-1631 аталики ҳокими Балх Шоҳмуҳаммадбӣ кӯкалтоши фӯлодчӣ буд. Ӯ золиме буда, оламе аз дасти ситамкорӣ, фарёду фиғон ба фалак бардошта. Аксари мусулмонро Шоҳмуҳаммадбий ба деги равғани тафсида ва чархи оҳанин меандохт, бо чуфти гов сар меканд. Овозаи чаллодии ӯ ва норозигии оммаи халк то ба гӯшаи хони Бухоро Имомкулихон (1611-1642) расида буд. Хони мазкур аз шӯриши халкӣ тарсида, аз Бухоро ба Балх меояд.

Шоҳмуҳаммадбӣ кӯкалтоши фӯлодчӣ гурехта, ба мадрасаи Абдуллохон даромада, аз болои мадраса ба чанг баромада, мардуми бисёреро талаф намуд.

Ҳангоми шаб чавонони подшоҳӣ девори мадрасаро сӯрох карда, ӯро дастгир намуданд. Ба ҳукми подшоҳ сари ӯро ба чуфти гов каиданд, часадашро ба деги равғани тафсида андохтанд, баъд аз чархи оҳанин гузарониданд.

## ВАҲШОНИЯТИ ДАҲШАТАНГЕЗ

Писари Имомқулихон — Искандархон ҳокими Тошканд буд. Мардуми башӯромада ӯро дастгир намуда, қатл карданд. Баъди кушта шудани писараш Имомқулихон ба тарафи Тошканд лашкар кашида, як моҳ онро муҳосира кард. Баъди соҳиб шудан ба ин шаҳр хон ба қатли ом фармон дод. "Баҳодурони" хон тараҳҳум ба пиру ҷавон накарда, аз куштаҳо пуштаҳо баровարданд. Ҳарчанд хоҷагони бузургвор ва умарои завуликтидор барои авфи ҷароими он карда, гуноҳгорӣ шафоат карданд, мақбул нааф-тод, балки ба забони қаҳр ва сутут чунон фармуданд, ки "ман савганд хӯрдам, ки то аз хуни ин бадкирдорон рикоби ҳумоюнии мо гулгун нашавад, даст аз қатли онҳо боз надорам". Алқисса, уламо фатво доданд, ки ҳазрат аспи хосаи худро дар ҷӯй андозанд, ки оби он то рикоб бошад ва обро бо хуни куштагон огушта созанд. Дар ин сурат хун ба рикоби зафармаоб расида бошад. Пас вузаро, музаммоъ ва амирони ин хиллаи шаръиро узр оварда, оташи баландгаштаи ғайрату ғазаби подшоҳро ба селоби андеша ва тадбир фурӯ нишониданд.

*(Мухторов А. Дурдонаҳои маданияти Тоҷикистон дар ганҷинаҳои Ҳиндустон, Душанбе, 1980)*

## ҚАТЛИ КӮДАКОН

Соли 1645 Абдулазизхон худро хони Бухоро эълон кард. Падараш Нодирмуҳаммадхон ба Балх гурехта, ҳокими он ҷо гашт.

Дар ҳамон ҳолат дар хидмати Нодирмуҳаммадхон чанд ғуломе беш намонда буд, ки тоифаи аламони шароратгумон дар навоҳии мамлакат сар ба шӯриш бардошта, ҳарчӣ аз амвол ва анқоли зердастон меёфтанд, ба тороҷ мебурданд, қатли содот, уламо ва вузаҳод ва таҳрики масоҳиф ва таҳриби (вайрон кардани) масоҷид мекарданд.

Чунончӣ, дар мавзеи Ҷузҷон Иброҳим ном дарвеш, дар ниҳияҳои он мавзеъ мунзавӣ (гӯшанишин) буда, бо эзидпарастӣ иштиғол дошт.

Оламони он ҳудуд ӯро аз асҳоб ва ҷаддуҳол дониста, камоли эътиқод ва иродат ба ӯ доштанд. Ҷамъи аз он тоифа забола бар сари он мавзӯ ба қасди ниҳоб ва ғорат расидаанд. Дарвеши мазкур қариб 400 кӯдак аз дабистонҳои навоҳӣ фароҳам сохта, ҳар қадомро масоҳафӣ дар гардан андохта, масҳуби худ назди он кард. Саффоки бебок бар сабили шафоат бар ӯ то бошад, ки ба истеъфои ин бегуноҳон даст аз иҷрори мусулмонони ин диёр боз доранд. Он зарандузони зулмпараст Иброҳимро ба атвол ва масоҳаф ба масҷид даровара, дар атрофи он ҳезуми бисёр чида, аз ҳар ҷониб оташ зада, ҷумларо сӯхтанд.

## САРМОЯИ МАНСАБДОР

Хазинаи амвол ва интиқоли Ӯразбийро, ки аз алади ҳисоб афзун ва аз тахмину қиёс берун буд, помол ва сатҳуши аламон гардид. Аз давлати ӯ достонҳост. Аз он ҷумла он, ки рӯзе Имомқулихон (1611-1642) ба Балх



3-20176

ташриф оварл. Уразбий рухсати мехмонӣ дархост. Дар чаҳорбоғи Асноф асбоби зиёфат мураттаб сохт ва то чанд фарсах пойандоз густурида, баъд аз эҳзори хоналвон, атъама ва ашарба ва аксому анъом, алон ҳавокин писанди анвоъ, фавока ва мураббоҳои гуногун ва аснофу халвоёт ва атриёти руҳафзои рангоранг ба тарики назру нисори он. Ҷаҳондори фалакиктидор як ҳазор раъс аспи раҳволи аблики (аълои) шохсавор, як ҳазор нафар шутурмояи бачадор, як ҳазор модагов, 12 ҳазор гӯсфанди мода бо барраҳо, ҳазор даст ҷонварони шикорӣ, ҳазор калодаи саги тозӣ пешкаш оварда.

Имомқулихон пас аз иштиғоли зиёфат ба муқаррибони худ мефармуданд, ки Уразбий ҳамагӣ пешкашҳои аҳдкардаашро муҳайё тавонад кард. Валекин дарҳам расонидани ҳазор саги тозӣ номумкин буда, хиҷолат хоҳад кашид.

Ҳаргоҳ подшоҳ аз Балх ба азимати Мовароуннаҳр ба лаби об (Амударё) расид, дид, ки ҳазор нафар ғуломи бараҳнарӯи дурр дар гӯш ва қабои заррин бардӯш, килодаҳои саги тозӣ бар даст истодаанд. Ҳазрати хокон таъбиркунон ба он амири кабири рукн ун-сарир таҳсин ва офарин намудаанд.

## САНАДОИДИ ЗАМИНИ МУЛК

Низомаддин Ялангтушбий атолик!

Ҳукком, арбоб ва аъмоли вилояти Ӯротеппа бидонанд, ки чун севуним оби мулк қабл аз ин ба муҷиби ҳукми ҳумоюн суюрголи мулло Хоҷаарбоб мукарар шуда буда ҳоло ба валадаи он — Хоҷабобо таалluқ ёфта ва нишони ҳумоюн— Абдуллохонро дар даст дорад. Бояд ки ба ҳамон дастур амал намуда, оби мазкурро мукаррар ва мусаллами ӯ донинста, ба иллати мол ва ҷиҳот ва ихроҷот музоҳам нашаванд. Ҳарсола нишони муҷаддад талаб надоранд ва хилоф ҳукм накунанд. Дар ӯҳда донинста амал намоянд. Шарҳи муҳаррам, 1052 (март-апрели 1642).

*А. Мухторов. Материалы по истории Ура-тюбе, М. 1963, с. 15*

## ХИЗМАТИ ХУШНАВИС

Мавлоно Ҳоҷӣ Ёдгор — шогирди Мир Ҳусайни занинқалам, дар китобхонаи хони Бухоро Абдулазизхон (1645-1680) ба китобат ва китъанависӣ иштиғол дошт. Ӯро Миралии Сонӣ мегуфтанд. Ба он яғонаи офоқ подшоҳ рӯйнависи девони Ҳофизи Шерозӣ фармуда буд, пурсид, ки :—" Эй Ҳоҷӣ ! Аз ин китоб дар рӯзе чӣ микдоре навишта хоҳад шуд"? Агар саъй намоям, ҳар рӯз даҳ байт менависам, ҷавоб дод хаттот.

Хон ин китъаро хонд :

"Хоки машриқ шунидаам, ки кунад,
Ба чиҳил сол косаи чинӣ.
Сад ба рӯзе кунад дар Бағдод,
Лоҷарам, қимматаш ҳамебинӣ"

Мо туро хушнавис гуфта, ин китобро фармудем. Дар рӯзе, ки дах байт навишта шавад, дар он хат чӣ латофат бошад !

Агар ҳавсала ёрӣ диҳад, ду байт ва илло як байт рақам намо. Оқибат, бар ин минвол карор дода, Ҳоҷӣ ба муддати хафт сол он китобро ба итмом расонид. Вакте ки дар Эрон ба шоҳ Сулаймон (хони Бухоро) мулоқот намуд, аз ҷумлаи ҷавоҳир ва ақшама, аспони бодрафтор ва шоҳин, шингор ва бахтиёни қатор ба расми тӯҳфаву ҳадия фиристод ва ҳамон китобро, ки бо хати Ҳоҷӣ буд, замимаи асбоби мазкур сохт. Шоҳи Эрон ба хеҷ як илтифот накард ва китобро гирифта гуфт : "Имрӯз хон ҷамии тӯҳфаҳои хафт кишварро дар маҳзами ин маҷаллад андохта, ба ман бахшиданд".

*"Таърихи Муқимхонӣ" Муҳаммадюсуфи Муншӣ*

## МУНОСИБАТ БО РУССИЯ ДАР АСРИ XVII

Солхои 1645-1646: Молу пуле, ки ба Бухоро равона кардаанд:

... Бо фармони подшоҳи бузург Алексей Михайлович ба сарзамини Бухоро бо дасти Анисим Грибов ва хамроҳони ӯ чунин молҳо фиристодаанд ; ба маблағи 4251 сӯм пӯсти санҷоб, ба маблағи 100 сӯму 2 гривен устухони моҳӣ, моҳути анорранг 15 аршин, нархаш ба маблағи 143 сӯму 13 олтину 2 динор, 2500 сӯм пули тилло, хар кадомаш як сӯми тилло фиристода шуд. Ба Анисим инчунин 10000 сӯм барои харидани мол дода шудааст, то ки молро аз Москва харида, ба Бухоро барад.

### Соли 1671. Сӯхбат бо элчии Бухоро

Котиб Иван Астафьев аз элчӣ пурсид, ки дар Бухоро чӣ гуна молҳо мавҷуданд ? Селитра ва абрешим ҳаст ё не ? Элчӣ ҷавоб дод : дар онхо молхои зиндона ва матои одии хитой, матои шоҳии хитой мавҷуд аст, ки миқдоран хеле кам мебошанд. Селитра дар давлати онҳо ниҳоят зиёд аст ва сифатан аз селитраи форсӣ хуб аст ва онро бо батман мефурӯшанд. Як батман ба 1,5 пуд баробар аст ва нархаш ба пули Бухоро панҷ олтин меистад. Ҳар як тини Бухоро ба 5 тини русӣ баробар аст, яъне бо пули русӣ хар як батман ба 25 олтин баробар аст. Абрешим, ки он паф номида мешавад, бо пули Бухоро 2 сӯм меистад.

### Сӯхбати дуюм бо элчӣ

Дар сарзамини Бухоро чунин молҳо ҳастанд : абрешим, лаъл, кумоши сурх, матои оддии хитой, матои шоҳии хитой, маъданҳои нукра ва курғошим, селитра ва дигар молхо хастанд, ки баъзеи онхоро аз Ҳиндустон меоранд. Тоҷирон мунтазам рафтуомад доранд ва гавхару ҷавоҳирот ва молхои гуногуни зебо меоранд. Ба давлати подшоҳии аълоҳазрати ӯ чунин молхо лозиманд : пӯсти хушсифати самур, рӯбоҳи сиёҳ, қоқум, моҳут, Устухони моҳӣ (морж).

Аз элчӣ пурсиданд, ки дар мамлакати ӯ гавҳар, маъдани нуқра ва селитра (намаки борут) ҳосил менамоянд ё не ? Агар ҳосил кунанд, бо кадом усул ва аз як пуд маъдан чӣ қадар нуқра ҳосил мешавад ва нархи шоҳиву нуқра чанд пул аст ? Элчӣ ҷавоб дод, ки гавҳарро дар давлати онҳо саноатчиён ҳосил мекунанд, онҳо гавҳарро дар кӯҳҳо мекобанд ва аз байни онҳо лаъл ва дигар гавҳархоро ҷудо карда мегиранд. Маъдани нуқра бошад, дар мамлакати онҳо бисёр аст, вале фақат саноатчиён каманд. Маъданро ба дегҳо мегудозанд.

Аз як пуд маъдан чӣ қадар нуқра ҳосил карда мешавад ? Инро элчӣ намедонад.

Абрешимро аз онҳо бо нархи арзон - пудаш 2 сӯмӣ, харидан мумкин аст. Селитраи гудохташударо пудаш 10 сӯмӣ бо пули русӣ харидан мумкин.

Ба элчи гуфта шуд, ки ба подшоҳ маълум аст, ки дар давлати Бухоро асирони рус мавҷуданд, ки аз асирии дигар давлатҳо баромада, ҳозир дар сарзамини Бухоро зиндагӣ мекунанд ва хон бояд он асирони подшоҳи бузургро фавран ва бегуфтугӯ озод кунад ва бо ин нисбат ба подшоҳи бузург муҳаббату дӯстии худро нишон диҳад.

Элчӣ гуфт :

Ҳамин, ки ӯ ба назди хон баргардад, ба ӯ дар ин бора маълум мекунад ва умедвор аст, ки агар касе аз одамони рус ба давлати худ, назди подшоҳи бузург баргаштан хоҳад, хон онҳоро озод мекунад, аз он сабаб, ки хони онҳо бо подшоҳи бузург аз самими қалб мехоҳад дӯстӣ кунад. Вале одамони асиршудаи подшоҳи бузург дар давлати хони онҳо шӯҳрати калон доранд ва бисёрии онҳоро амалдор таъин карда, ба дарбори хон ҷалб карда шудаанд ...

*/Материалы по истории Узбекской, Таджикской и Туркменской ССР. М. 1963/*

## Марҳаматномаи Убайдуллоҳон (1702-1711) ба номи эшони Мӯсохӯҷа нисбати таъин намудани Оқбӯта қушбегӣ ба вазифаи ҳокими Ӯротеппа ва Хуҷанд

Ҳувалуллоҳу мустаъон !

Абулмузаффар ва-л мансур сайид Убайдулло Муҳаммад Баҳодурхон!

Ниҷобатпаноҳ, дуогӯи биллоиштибоҳ, хайрияниҳод Мӯсохоҷа, аз марохими хисравона сарфароз буда бидонад, ки маротиби дуогӯӣ ва ихлоси ӯ навъи дигар хотирнишин шудааст. Дар ин вилоят вилояти Ӯротеппа ва Хуҷанд ва Чаҳорсадаи Андигон ба бандаи хоназод — Оқбӯта қушбегӣ марҳамат намудем. Чун марҳаматнома расад аз пештар беҳтар ба дуогӯӣ муқайяд буда, бо иттифоқи мумиилаи аз он чӣ хидмате, ки дар он ҳудуд рӯй диҳад, дар ривоҷ давлати мо шароити собиқро ба тақдим расонад, ки муҷро хоҳад шуд.

## Фармони Оқбутабий оиди аз андоз озод намудани мулки Ҳоҷамӯсо дар Номингон

Низомиддин ва-л давла Муҳаммад-Оқбутабӣ !

Дар ин вило ҷамъи олуғдорон, амалдорон, доруғаҳо ва тамоми соҳибдахмони вилояти Ӯротеппа воқиф гардида, бидонанд, ки мавзӯи Номингон мулки холиси натиҷатулавлиё, эшони Ҳоҷамӯсо Хоҷам мебошад. Бояд мулки мазкурро аз ҷамъи олгот, амалот ва аз кулли таколифот савӣ ва мустаснӣ донистa, аз ҳеч ваъҷаи мин ал-вуҷуҳ чизе ҳавола ва мутолиба надоранд. Бар ин муҷиб муқаррар шумурда, хилоф наварзанд. Агар хатое аз аҳли қария ба вуқӯъ ояд, ба эшон гузоштаем. Дар ин мартаба аз фармуда дар нагузаранд.

*/А. Мухторов. Материалы по истории Ура-Тюбе. М. 1963. с.15./*

## Оиди ҳуҷуми лашкари Нодиршоҳ ба сарҳади хонии Бухоро

/Аз асари Юсуф — "Зафарномаи Абдулфайзхон"/

Зи ҳиҷрат саду панҷоҳу як ҳазор !
Ба сӯи Насаф шуд шаи дин савор.
Ҷамъ дар Балх панҷоҳ ҳазор
Аз он ҷо намуданд касди Бухор.
Гирифтанду бастанду куштанду тез.
Талаф шуд фаровон залилу азиз.
Бародар занад моли ҳамшираро,
Бараҳна кунад тир ҳамшираро.
Ба мири аталики мангитсиришт,
Шуда инчунин ҳодиса сарнавишт.
Ҳокиме, ки дар рӯзи ҷангу ҷидол,
Намуда басе душманон поймол.
Пиёда гурезон ба кӯҳи баланд,
К-аз он ҷо шавад судҳо пойбанд.
Гурезон ба ҳомун шуда ҳар яке,
Ки аз бим маҷнун шуда ҳар яке.
Мухолиф бувад лашкари садҳазор,
Ба майдони душман наёяд ба кор.
Тааҷҷуб аз ин лашкари бекарон,
Ба як лаҳза гардид ҳар сӯ равон.
Садоҳои замбӯрак омад зи дур,
Ки мекард девори Қаршӣ нуфур.
Зи ҳарду тараф кушта гашта басӣ,
Нагардид андар миён ворасӣ.

## Аз Сайидои Насафӣ

Ба турониён бахт ёрӣ намуд,
Дари фатҳ ба рӯи эшон кушуд.
Ба эрониён охир омад шикаст,
Забардаст шуд, оқибат зери даст.
Аламдорро дасту по шуд қалам,
Бикарданд аспон думи худ алам.
Намонд об шамшерхоро ба ҷӯй,
Ба дарё ниҳоданд чун сел рӯй.
Сипохони Балхӣ зи болои зин,
Фитоданд чун накши по бар замин.
Бигуррид он шоҳи Эронзамин,
Ки бодо шуморо ҳазор офарин !
Чӣ дидед аз ин як-ду-се хурдсол,
Ки бодо худ гирифтед чандон вубол ?!
Чӣ пеш омад аз гардиши рӯзгор,
Ки кардед худро чунин шармсор ?!
Аз эшон яке гуфт, ки эй комҷӯ,
Ба ин қавм натвон шуд рӯ ба рӯ.

*/Саидои Насафӣ. Куллиёти осор. Д. 1990/.*

**Савол ва супориш**

1. Сабабхои таназзули давлати Шайбониён ва вокеахои ибтидои ба сари хокимият омадани сулолаи Аштархониро накл кунед.

2. Ҳудуди хонии Бухоро дар асри XVII. Мавкеи Бадахшон ва Ҳисорро дар ин худуд накл кунед.

3. Мавкеи Хучанд ва Ӯротеппаро дар асри XVII ва ибтидои асри XVIII ва муборизаи сулолавӣ дар ин худуд аз кадом далелхо омӯхта мешаванд ?

4. Калонтарин соҳибони замин ва сарвари онҳоро номбар кунед.

5. Кадом намудхои хунармандӣ бештар ривоч ёфт ?

6. Хонии Бухоро бо кадом давлатхо муносибати савдоӣ дошт? Кадом намуд молхо ба бозорхои хонии Бухоро ворид мешуд ?

7. Ҷангу низоъхои дохилӣ ва окибати манфии он дар нимаи аввали асри XVIII.

8. Бинохои бохашамати дар асри XVIII биноёфтаро номбар намоед. Онхоро кӣ бино кардааст ?

9. Устодон ва котибони хат. Манфиати махсули онҳоро накл кунед.

10. Шоирони маъруфи ин асрро номбар намоед.

11. Ривочи илму фан ва соҳаҳи гуногуни онро накл кунед.

# БОБИ III

## ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XVIII

### ТАЪРИХИ СИЁСӢ

**Ҳуҷуми Нодиршоҳ**

Дар солҳои ҳукмронии намояндаи сулолаи Ҷониён -- Абулфайзхон (1711-1747) дар Осиёи Миёна давлати ягона вуҷуд надошт. Дар Самарқанд мулки мустақиле ба вуҷуд омада буд, ки бо Бухоро рақобат мекард. Ҳокими Самарқанд аз бодиянишинон кӯмак хост ва онҳо дар давоми ҳафт сол (1723-1730) водии Зарафшон (Миёнкол)- ро ба харобазор табдил доданд. Бо суми аспони худ манзараву киштзор ва боғоту токзорҳои деҳқононро поймол намуданд. Заминҳои кишт ва чарогоҳҳои мамлакат дар зери суми чорпоёни сершумори бодиянишинон ба биёбон мубаддал шуданд. Қаҳтӣ, гуруснагӣ ва қашшоқӣ сар шуда, чанд сол ҳукмфармоӣ мекард. Сокинони Самарқанду Бухоро ба ҳар сӯ пароканда гардиданд. Ин вазъияти харҷумарҷи сиёсӣ ва харобии иқтисодӣ имконияти ғалабаи Нодиршоҳро осон месохт. Нодиршоҳ кӣ буд?

Дар ибтидои асри XVIII Эрон давраи мушкилро аз сар мегузаронид. Як қисми мулкро Туркия ишғол карда буд. Аз тарафи дигар, қабилаҳои афғон зидди ҳокимияти марказии Эрон шӯриш бардоштанд. Аз қисмати шимоли мамлакат Русия як қисми ҳудуди Озарбойҷонро бо шаҳри Боку ишғол намуд. Дар чунин шароит сарлашкари Эрон Нодиршоҳи Афшор ба арсаи идоракунии давлат омад. Ӯ тавонист, ки сарзамини Эронро аз афғонҳо ва туркҳо озод намуда, мамлакатро муттаҳид ва худро шоҳаншоҳи мулк эълон намояд. Бо ҳамин дар Эрон хонадони нав, сулолаи Афшорҳо ба сари давлат омад.

Вазифаи аввалиндараҷаи Нодиршоҳ баланд бардоштани иқтисодиёти Эрон ва пуриқтидор гардонидани лашкар буд. Забт намудани мулкҳои ҳамсоя ва ба талаву тороҷ даст задан пешаи шоҳ шуд. Нодиршоҳ писараш Ризоқулихонро ҳамроҳи сарлашкараш Таҳмосхони Ҷалоир барои ишғоли Балх равон карда, худаш ба ҷануби Афғонистон ва Ҳиндустон равон гашт.

Баъди ишғоли Балх лашкари Ризоқулихон ба соҳили рости дарёи Аму гузашта, даст ба қатлу ғорат зад. Баъд аз ишғоли Ғузор онҳо ба сӯи Қаршӣ ҳаракат карданд. Сокинони қалъа ва ҳокими он барои имдод ба хони Бухоро муроҷиат намуданд. Абулфайзхон тирамоҳи соли 1737 бо лашкари худ ба сӯи Қаршӣ ҳаракат кард. Ҳокимони вилоятҳои гуногун, то Тошканду Хӯқанд бо лашкари худ ба кӯмаки хони Бухоро омаданд. Дар ихтиёри Абулфайзхон сад ҳазор лашкар ҷамъ омад.

Лашкари хони Бухоро сафи душманро рахна намуда, дохили Қаршӣ гардид. Ҳол он ки мебоист ба ҷанги зидди лашкари Эрон омада гардад. Аз фурсат истифода намуда, Ризоқулихон тӯпҳои худро ба кор андохт. Лашкари Бухоро бо ин намуд ярок шинос набуд ва садои тӯпро ҳам нашунида

буданд. Ба эрониён муяссар мешавад, ки ба лашкари Бухоро талафоти калон расонанд. Ҷанги шадид дар назди Қаршӣ ба шикасти лашкари Абулфайзхон анҷом ёфт. Миқдори ғанимати ба дасти эрониён расида ҳадду канор надошт. Касони зиёд аз тири тӯпу замбӯрак мақтул гаштанд. Як қисми лашкар пароканда шуд. Аз лашкари садҳазораи хон сӣ ҳазор боқӣ монд.

Сарлашкари Эрон аз ғалабаи худ Нодиршоҳро, ки он вақт дар Қандаҳор меистод, огоҳ намуд. Инчунин ӯ навишта буд, ки баъд аз ишғоли Қаршӣ лашкари худро ба сӯи Бухоро раҳсипор мегардонад.

Вале Нодиршоҳ фармон равон кард, ки лашкари Эрон бояд ба сӯи Балх ақиб гардад. Ӯ нақша дошт, ки аввал Ҳиндустонро забт карда, баъд ба сӯи Мовароуннаҳр лашкар кашад.

Бо ҳамин амалиёти лашкари Эрон дар ҳудуди хонии Бухоро зимистони солҳои 1737-1738 ба охир расид.

Вале Нодиршоҳ муваққатан ақибнишинӣ карда буд. Ӯ бо тайёрии ҳамаҷониба ба ҳуҷуми қатъӣ гузаштан мехост. Ҳамлаи лашкари Ризоқулихон ба Қаршӣ барои падари ӯ замина шуд.

Илова ба харобии иқтисодии Осиёи Миёна, заиф гаштани хонии Бухоро дар ҷангҳои байниҳамдигарӣ, барои ба осонӣ забт намудани ин мулк аз тарафи Нодиршоҳ мусоидат мекард.

Нодиршоҳ дар муҳорибаҳои Кафкоз, Афғонистон ва Ҳиндустон зафар ёфта, дар соли 1740 аз роҳи Балх ва Чорҷӯй ба Мовароуннаҳр дохил шуд. Дар ин давра табақаи ашрофи қабилаи манғит дар идоракунии Бухоро имтиёзи бештаре пайдо мекунад. Нодиршоҳ майлҳои ҷоҳталабонаи феодалони осиёмиёнагиро моҳирона истифода мебурд. Яке аз онҳо Муҳаммадҳаким атолиқ буд. Писари ӯ Муҳаммадраҳим ба истиқболи Нодиршоҳ рафта, дар назди ӯ сари итоат фуруд овард. Худи Муҳаммадҳаким, ки аз тарафи Абулфайзхон барои музокирот ба ҳузури Нодиршоҳ фиристода шуда буд, низ ба манфиати шоҳи Эрон амал кард. Пас аз бозгаштан бо амри Нодиршоҳ Муҳаммадҳаким ҳукмрони Бухоро ва бародари ӯ Муҳаммаддониёлбӣ ҳокими Кармина таъин шуданд. Ба ин тариқа, Бухоро ба қаламрави Нодиршоҳ мубаддал гардид.

Худи ҳамон сол (1740) Нодиршоҳ муқовимати Элбарсхонро шикаста, ӯро дар муҳориба ҳалок намуда, Хеваро низ забт кард ва ба сари ҳокимият қоиммақоми худро нишонд. Ӯ ҳам дар Бухоро ва ҳам дар Хева захираҳои озуқа, пул ва дигар чизҳои пурқимматро мусодира карда, аскарони маҳаллиро ба қӯшуни худ ҳамроҳ намуд.

Пас аз вафоти Муҳаммадҳакимбӣ писари ӯ Муҳаммадраҳимбӣ қӯшуни пурқувват ва боинтизоме ташкил дода исёни амирони мухолифро фурӯ нишонид. Ӯ дар дарбори Абулфайзхон мавқеи асосиро ишғол карда, амалан ҳукмрони давлати хонӣ гардид.

Соли 1747 Нодиршоҳ кушта шуда, давлати бузурги ташкилкардаи ӯ рӯ ба завол ниҳод.

**Огози хукмронии сулолаи Мангития**

Аз кушта шудани Нодиршох дере нагузашта, Мухаммадрахимбӣ Абулфайзхонро бо ду писараш ба катл расонида, ба тахти хонии Бухоро нишаст. Ӯ соли 1753 силсилаи хонадони мангитияро асос гузошта, худро хон эълон кард.

Дар ин солхо хар як хокими мулкхои алохида аз сустшавии хокимияти марказӣ ва иваз шудани сулолахо дар Бухоро истифода бурда мекӯшид мустакил шавад. Бинобар он Мухаммадрахимхон барои пуркувват кардани хукумати хонӣ, мухолифати феодалони махаллиро нисбат ба хокимияти марказӣ то дарачае бархам дода, хокимияти худро пойдор намуд. Ӯ ба чудоихохи феодалон, ки пеш дар итоати хони Бухоро буданд, мехост хотима дихад. Бинобар он Мухаммадрахимхон ба хар вилояти тобеъи худ хоким таъин кард. Самаркандро забт карда, хокимияти онро ба бародари худ супурд. Дар Шахрисабз, Тошканд ва дигар шахру вилоятхо низ одамони худро ба сари кор овард. Барои расидан ба максади асосии худ ӯ лашкари пурзӯре ташкил намуда, исёни кабилахои ӯзбекро, ки дар Миёнкол мезистанд, пахш намуд. Замини кабилахои Ёти—Уруғ ва Бахринро мусодира намуда, сокинонашро ба наздикии шахри Бухоро кӯчонд, то ки онхо доим зери назорати хукумати хонӣ бошанд.

Баъди ин Мухаммадрахимбӣ нохияхои Ургут, Панчакент ва Ӯротеппаро ба зери итоати худ даровардани шуда, баъди чангхои пуршиддат ӯ тавонист танхо Ургутро тобеъ кунонад. Мубориза барои ба даст даровардани Ӯротеппа тӯл кашида бе окибат монд.

**Мубориза барои ишголи Ӯротеппа**

Хокими шучоъ ва тавонои Ӯротеппа Фозилбӣ юз писари Содикбӣ хонхои Бухороро ба ташвиш гузошт. Ба сифати сардори кабилаи юз ӯ ба мукобили Нодиршох низ омода буд. Баъд аз ду соли катли Нодиршох Фозилбӣ хокими Ӯротеппа шуда, бар зидди Хӯканду Бухоро истодагарӣ намуд. Хони Бухоро Мухаммадрахимхон дар мубориза ба мукобили хокими Ӯротеппа заифии худро хис намуда, бо хони Хӯканд Ирдонабий (1751-1770), сардорони кабилаи кипчок ва хокими Каршӣ иттифок баст. Соли 1754 ӯ ба мукобили Ӯротеппа лашкар кашид. Дар чунин холат Фозилбӣ танхо бо лашкари Ӯротеппа ба мукобили иттифокчиён истодагарӣ карда наметавонист. Бинобар ӯ ба хеш ва хамкабилаи худ, хокими Хисор Мухаммадаминбӣ юз мурочиат намуда, имдод талабид. Хашт хазор лашкари хисориён ба воситаи дараи Каротоғ, ба сардии хаво ва барфпӯш будани ағбаи мушкилгузар нигох накарда, ба ёрии Ӯротеппаи мухосирашуда расида омаданд.

Барои иттифокчиён, яъне хони Бухоро, хони Хӯканд ва дигарон дар фасли номусоид зери деворхои калъа хозир шудани Мухаммадамини юз бо лашкараш, ғайричашмдошт буд. Хонхои Бухорову Хӯканд пай бурданд, ки пайдоиши ногахони Мухаммадамин окибати хуб надорад.

Задухӯрди рӯзи аввал 18 маи соли 1754 сурат гирифт. Лашкари Ӯротеппа мавкеъи хуб интихоб карда буд. Онхо байни гору сойхо чойгир шуда буданд, ки ин чойхоро факат ахолии махаллӣ медонист. Ин буд, ки ӯротеп-

пагихо дар айни авчи задухӯрд аз ҷойхои панахёфта ногахон ба душман ҳамла карда, онро ба танг овардаид. Душман мебоист чораҳои фаврӣ андешад. Муҳаммадраҳимхон лашкари Бухороро бар зидди лашкари Ҳисор равон кард. Эълон шуд, ки хар касе сари буррида душманро оварад, номи ӯро ба тӯмори махсус навишта, сонитар тӯҳфа медиҳанд. Хони Хӯқанд низ ба шахсони дар задухӯрд шуҷоат нишондода, инъому тӯҳфаҳо медод. Вале бо ҳамаи ин хони Бухоро қаноатмандӣ хосил накард. Ӯ медонист, ки бо ин навъ чораҳо ғалаба ба даст овардан аз имкон берун аст. Бинобар он ӯ ба Насаф (Қаршӣ), Якабоғ ва Шаҳрисабз чопарҳо равон карда, лашкари он ҷойҳоро ба ҳузури худ хост.

Аз нақшаҳои душман ӯротеппагиҳо ва ҳисориён огоҳ гаштанд. Муҳаммадамини ҳисорӣ роҳи осони ғалабаро ҷуста, чорае андешид. Ӯ ду мактуб тартиб медиҳад. Яке ба номи хони Бухоро ва дигаре ба номи хони Хӯқанд. Ба Ирдонабий аз номи Фозилбой навишта буд, ки мо ҳамсоя ва хешутабор мебошем, бинобар он набояд бо ҳамдигар ҷангем ва хони Бухоро дӯстии моро барҳам диҳад.

Дар мактуби хони Бухоро навишта буданд, ки ба Шумо 92 қабилаи ӯзбекияи Мовароуннаҳр мутеъ аст. Мо низ ба шумо мутеъ мешавем. Мактуби ба номи хони Бухоро навиштаро ба Ирдонабий ва мактуби ба ӯ навиштаро ба Муҳаммадраҳимхон мерасонанд. Баъди расидани мактубҳо ҳарду тараф (Бухоро ва Хӯқанд) иродаи ҷанг нанамуданд. Лашкари Бухоро ақиб гашт. Лашкари Хӯқанд ба сӯи Хуҷанд равон шуд. Нисбат ба бухориҳо хӯқандиҳо камаслиҳа ва кампӯшок буданд. Бинобар он лашкари Ӯротеппаву Ҳисор хӯқандиёнро таъқиб намуданд. То расидан ба Хуҷанд лашкари Хӯқанд талафоти зиёд дод. Касони бисёр аз онҳо кушта ва асир шуданд. Аз каллаи сарбозони Хӯқанд дар соҳили дарёи Оксу калламанора бардоштанд.

Асирони Хӯқандиро ба Ӯротеппа оварда, ба қатл расониданд ва аз сари онҳо калламанораи дуввум бардоштанд.

Муҳаммадаминбий юз баъд аз чанде аз Ӯротеппа ба воситаи Киштути Панҷакент ба ҷониби мулки худ, Ҳисори Шодмон баргашт. Дар Тақоби Киштут ӯ маликонро, ки ҳукуматдори Фон буданд ва калони он қавм малик Мизробро бо дувоздаҳ нафар ақрабояш ба қатл расонид. Муҳаммадамин қасоси хуни қозӣ Ҳусайни мираконӣ - ҳокими Фалғар, ки соли 1743 Малик Мизроб ӯро кушта буд, гирифт. Дар Киштут Мусобӣ, писари Оллохёрбӣ ҳоким таъин шуд.

Ғалабаи соли 1754 бар лашкари Бухорову Хӯқанд истиқлолияти Ӯротеппаро ним аср, яъне то охири асри XVIII таъмин намуд.

**Забти Ҳисор**

Муҳаммадамини Ҳисорӣ баробари марди ҷасур ва сипоҳӣ будан, бо хунхорӣ ном бароварда буд. Касони зиёд аз ӯ тарсида ва норизо гашта, аз вилоят фирор намуданд. Ҳатто баъзе ноҳияҳо аз тасарруфи беки мазкур баромада ба тобеияти Бухоро гузаштанд. Бар абас рафтани нақшаи хони Бухоро нисбати Ӯротеппа ва ишти-

роки ҳокими Ҳисор дар он корзор, норозигии мардуми вилояти мазкур аз Муҳаммадаминбӣ, хони Бухороро водор намуд, ки нақшаи чандинсолаи худро амалӣ гардонад. Муҳаммадраҳимхон ба сӯи Ҳисор ду маротиба лашкар кашида, солҳои 1757-1758, баъди ҷанги шадид мулки мазкурро забт кард. Ҳокими он Муҳаммад амини юз асир афтод, вале назди хони Бухоро сар фуруд наовард. Муҳаммадраҳим ӯро ба қатл ҳукм кард. Асирро ба сари бозори Ҳисор бурда, ба дор овехтанд.

Дар Ҳисор истеҳкомоти нав сохта шуд. Чун Ҳисор ва вилоятҳои атрофи он барои хони Бухоро аҳамияти калон доштанд ва феодалони ин маҳалҳо саркаш буданд, Муҳаммадраҳимхон амаки худ Дониёлбиро ҳокими Ҳисор ва вилоятҳои Кӯҳистон таъин намуд. Бо ин ғалабааш Муҳаммадраҳимхон дар Ҳисор, Қубодиён, Қундуз ба якборагӣ дастболо гардид. Мулки Балх ва тавобеоти он — Кӯлоб ва Бадахшон тобеи мулки Ҳисор, яъне Дониёлбӣ шуданд.

**Амалиёти ҳокимони Ӯротеппа**

Баъд аз қатли ҳокими Ҳисор Муҳаммадаминбӣ хеш ва иттифоқчии ӯ, ҳокими Ӯротеппа Фозилбӣ дар қасди қотилон мешавад. Барои иҷрои мақсади худ мавриди мувофиқ меҷуст. Чунин фурсат баъд аз вафоти хони Бухоро (1758) фаро расид. Фозилбӣ лашкар ба сӯи Самарқанд кашид. Ҳокими ин шаҳр, бародари Муҳаммадраҳимхон — Баротбек Султон буд. Баъд аз забти шаҳр Фозилбӣ ӯро, ба қасоси ҳокими Ҳисор, ба қатл расонид.

Фозилбӣ дар қасди ишғоли пойтахти хонигарӣ - шаҳри Бухоро юриши худро давом дод. Ӯ Хатирчӣ, Кармина ва Катта-қӯрғонро ишғол намуд. Ҳамон солҳо дар музофоти кӯҳистони тоҷик кӯҳ чаппа шуда, оби дарёи Зарафшонро баст. Ногаҳон сарбандаи об канда шуда, сел омад ва як қисми лашкари Фозилбиро бурд. Оқибати ин офати табииро ӯ "аз ғайб " пиндошта "ҷазои илоҳӣ" шумурд ва лашкарашро ба шаҳри Самарқанд баргардонид.

Аз ин ақибнишинӣ истифода намуда, хони Бухоро Дониёл аталиқ Қаршӣ, Нурато ва Миёнколотро ба тасарруфи худ даровarда, ба муҳосираи Самарқанд омода гашт. Задухӯрди 50 - рӯза натиҷа набахшид ва лашкари хон ба Бухоро баргашт.

Ҳокими Самарқанд Бобобӣ, писари Фозилбӣ, ногаҳон бе ҷанг шаҳрро ба хони Бухоро супорид. Фозилбӣ бошад ба Бухоро, барои зиёрати ҷойҳои муқаддаси он омада, боз ба мулки худ, шаҳри Ӯротеппа баргашт.

Дар замони ҳукмронии Фозилбӣ ва писари калонии ӯ, марди ҷасур Худоёр девонбегӣ ҳудуди мулки Ӯротеппа дар қисмати шарқ — Нов, Хуҷанд ва Маҳрами Конибодомро дарбар намуда, аз Хоҷабоқирғонсой мегузашт. Дар самти шимол ва шарқи шимол — Сирдарё сарҳади ин мулк буда, Бекобод ва Хавосро фаро мегирифт. Дар қисмати ғарб мулки мазкур ба Самарқанд ҳамсарҳад шуда, шаҳрҳои Ҷиззах, Ем, Пшоғар ва Зоминро зери ҳукмронӣ нигоҳ медошт. Сарҳади ҷанубии мулки Ӯротеппа то каторкӯҳи Ҳисор расида, Масчоҳу Фалғар, Фону Киштут ва Панҷакентро дарбар гирифт.

Дар нимаи дуввуми асри XVIII, дар замони ҳукмронии Фозилбӣ мулки Ӯротеппа давлати мустақил буда, чунон нашъунамо ва тавоноиро соҳиб буд, ки ба муқобили лашкари Хӯқанду Бухоро истодагарӣ карда метавонист.

**Ҳукмронии Дониёл атолиқ**

Баъд аз марги Маҳаммадраҳимхон, соли 1758 дар Бухоро шӯриш сар зад. Шӯришчиён чизу чораи сарватмандонро зада гирифта, хонаи онҳоро оташ заданд. Сабаби шӯриш чорӣ намудани андозҳои нави вазнин буд. Аммо шӯриш ба хун оғушта гардид. Дар чунин як шароити вазнин Дониёлбӣ атолиқ ҳукуматро ба дасти худ гирифт. Лекин вай тахти хониро қабул накарда, расман Абулғозӣ ном набераи Абулфайзхонро ба тахти Бухоро нишонид ва худаш маъмури вазифаи атоликӣ гардид.

Дар солҳои ҳукмронии атолики мазкур (1758-1785) пароканадагии феодалӣ ва тангшавии ҳудуди хонигарии Бухоро зоҳир гардид. Мулки Ӯротеппа истиқлолияти худро нигоҳ медошт. Балх истиқлолият ба даст овард. Ташаккули хонии Хӯқанд дар ниммаи дуввуми асри XVIII ба анҷом мерасид.

Баъди аз Ҳисор ба Бухоро баргаштани Атоликбӣ, ин мулк боз мустақил гашт. Қаротегин ва Дарвоз мулкҳои мустақил буданд. Мулкҳои хурди дигар — Рушон, Шуғнон, Вахон танҳо ҳудуди як ё ду водиро ишғол мекарданд. Дар байни ҳокимони Ҳисор, Кӯлоб, Қаротегин ва Дарвоз аксар вақт мубориза дохилии феодалон давом мекард. Масалан, яке аз задухӯрдҳои хунин байни Дарвоз ва Қаротегин соли 1790 дар ҳудуди деҳаи Мунҷихарфи ноҳияи Дарбанди имрӯза ба амал омад. Дар чунин шароити вазнин хонии Хева ва подшоҳи Афғонистон ба Бухоро ҳуҷум оварданд. Ба Атоликбӣ ва писари ӯ Шоҳмурод (1785-1800) лозим омад, ки таҳдидҳои ба сари хонигарӣ омадаро бартараф намоянд. Онҳо бояд ҳокимияти худро аз болои бекигариҳои саркаш барқарор намуда, тадриҷан хонигарии Бухороро аз вазъияти вазнини бӯҳрони сиёсӣ мебароварданд.

Соли 1770 ба Дониёл атолиқ муяссар гашт, ки Қаршӣ, Шаҳрисабз ва ҳатто Ҳисорро ба худ тобеъ кунад. Вале ин муваффақияти муваққатӣ буд. Баъди вафоти Дониёл атолиқ дар ҳамаи қисмҳои хонигарии Бухоро муборизаи ҳокимони хурди феодалӣ барои баромадан аз ҳайати хонигарӣ сар шуд. Ин мубориза бо муборизаи оммаи васеи аҳолӣ ба муқобили худсариҳо ва фишори феодалон дар як вақт давом дошт. Махсусан, дар маркази хонигарӣ — шаҳри Бухоро шӯриши калон ба амал омад. Норозигии оммаи халқ тамоми аморати Бухороро фаро гирифт.

**Мубориза барои мустаҳкам кардани аморат.**

Пас аз вафоти Дониёл атолиқ валиаҳди ӯ Шоҳмурод соли 1785 ба тахти Бухоро нишаст. Дар ин сол косаи сабри аҳолии Бухоро лабрез шуда, онҳо шӯриш бардоштанд. Дар рафти шӯриш беш аз ҳазор нафар кушта шуд. Муборизаи халқ ниҳоят вусъат дошт. Шоҳмурод маҷбур шуд савганд хурад, ки аҳолии Бухороро аз ҷабру зулм ва хироҷу ан-

дозхои аз ҳад зиёд озод хоҳад кард. Фармони ӯро ба рӯи санг сабт намуда, дар пештоқи масҷиди ҷомеи Бухоро гузоштанд.

Аҳди салтанати Шоҳмурод (1785-1800) дар таърихи сулолаи Манғития давраи нисбатан устувор гардидани аморат ба шумор меравад. Ӯ аз унвони хонӣ даст кашида, худро амир эълон намуд. Ин чунин маъно дошт, ки вай ҳокими танҳо як пораи давлати мусулмонӣ, яъне танҳо хонигарии Бухоро мебошад. Аз ин давра сар карда, хонигарии Бухоро ба худ номи "аморати Бухоро"- ро гирифт.

Шоҳмурод ба мақсади бартараф намудани норизоятии умумӣ баъзе ислоҳот ҷорӣ намуд. Вай фақат чунин андозҳои шаръӣ, монанди хироҷ ва закотро боқӣ гузошта, дигар ҳамаи молиёт, боҷ ва ҷаримаҳоро барҳам дод. Лекин ба ивази ин чизъя — андози аз қавмҳои ғайри мусулмон ситонидашавандаро хеле зиёд кард. Ба аскарон моҳона муқаррар намуд. Бисёр заминҳои вақфро, ки хонҳои собиқ мусодира карда буданд, дубора барқарор кард. Ӯ ислоҳоти пул гузаронид, ки ба ривоҷу равнақи тиҷорат мусоидат намуд.

Шоҳмурод бо мақсади афзудани иқтидори ҳокимияти марказӣ ҳокими вилоятҳоро аз кор барканор карда, ҳокимони нав тайин намуд. Муқобилияти феодалони ҷудогона дарҳам шикаста шуд. Ҳатто саркаштарини онҳо низ сари итоат хам карданд. Яке аз онҳо ҳокими Шаҳрисабз Ниёзалӣ буд.

Амири Бухоро ба ҳар шаҳру деҳа қозӣ таъин карданро ҷорӣ намуд. Умури маҳкамаро низ як дараҷа ба тартиб овард. Шоҳмурод рисолае роҷеъ ба ҳуқуқ таълиф намуд, ки барои қозиҳо ҳамчун дастур хизмат мекард. Дар он замон қонуне ҷорӣ гардид, ки мувофиқи он агар касе нисбат ба моликият ҷинояте содир кунад, сарфи назар аз мартабаҳои ҷамъиятии ӯ, ба сахттарин ҷазо гирифтор мешуд. Чунин тадбир як андоза пеши роҳи ғорату тороҷҳои аз ҳад зиёдро гирифта, ба манфиати табақаҳои осоиштатолаби аҳолӣ буд. Ҳама медонистанд, ки барои роҳзанӣ, дуздӣ дасти ростро мебуриданд ва ғайра. Шоҳмурод барои муҳофизати расму оин мансаби раисиро ҷорӣ сохт, ки ӯ мебоист иҷрои тамоми фармудаҳои шариатро назорат кунад.

Мустаҳкам шудани ҳокимияти марказӣ боиси таъмини амнияти роҳҳо гардид ва ин, дар баробари ислоҳоти пул, барои равнақи тиҷорат заминаи мусоид фароҳам овард. Кишоварзӣ дубора рӯ ба инкишоф овард. Наҳрҳои нави обёрӣ канда шуданд. Дар натиҷаи пешрафти корҳои обёрӣ ба зиндагонии муқимӣ гузаштани тоифаҳои бодиянишин дар заминҳои навобод қувват гирифт. Дар бобати афзудани нуфузи ноҳияҳои камодам чораҳо дида шуданд. Яке аз ин чораҳо аз як ноҳия ба ноҳияи дигар кӯчондани аҳолӣ буд. Аксар вақт ин тадбир бар хилофи хоҳиши одамон сурат мегирифт.

Баъд аз каме беҳтар гаштани вазъияти дохилии аморат Шоҳмурод ҷангҳои ғоратгаронаро сар кард. Ӯ чанд мартаба ба Хуросон лашкар кашид ва бисёр маҳалҳои онро тороҷ намуд. Дар ин лашкаркашиҳо ҳар як

каси қобили меҳнатро аз аҳолии Хуросон асир карда, ба Бухоро оварданд. Ба ин восита бозори ғуломфурӯшии Бухоро хеле авҷ гирифт.

Дар охирҳои асри XVIII Шоҳмурод дубора Марвро ишғол кард. Пас аз чанде вай ба муқобили бародари худ Умарбӣ, ки дар Марв ҳукм ронда, барои ҷудо шудан аз Бухоро кӯшиш мекард, мубориза бурда, сарбанди дарёи Мурғобро ба куллӣ вайрон намуд ва сокинони ин водиро бе об мононд. Шоҳмурод қисмати зиёди аҳолии ин воҳаро ба Самарқанду Бухоро кӯчонида дар таъмири харобаҳое, ки аз ҷангҳои собиқ ба амал омада буданд, истифода бурд. Воҳаи Марв тамоман ба харобазор табдил ёфт. Ӯ мекӯшид, ки мулкҳои саркаши Ҳисор ва Ӯротеппаро ба худ тобеъ кунонад. Дар ин роҳ натиҷа ба даст наовард. Дар мавридҳои лашкаркашӣ аҳолии қобили меҳнати атрофи Хуҷанд, Ӯротеппа, Зомин ва Ёмро зӯран ба Самарқанд бурда, дар сохтмони биноҳо ва иншооти обёрӣ истифода бурд. Маҳз бо қувваи ин одамон дар Самарқанд 24 масҷид ва дигар иморатҳои гуногун сохта шуданд.

Ҷанги Шоҳмурод бо подшоҳи Афғонистон, ки иттифоқчии ҳокими Ӯротеппа Худоёрбӣ девонбегӣ буд, бо ноком анҷомид.

**Таърихи хонии Хӯқанд**

Фарғона дар охирҳои асри XVIII ниммустақил шуда буд. Дар асри XVIII ин мулк аз ҷиҳати мавқеи ҷуғрофии худ назар ба Бухоро, Хева ва Тошканд вазъияти афзалиятноке дошт. Зеро бисёр ҳодисоти харобиовар, аз ҷумла футуҳоти Нодиршоҳ, то он ҷо асар накарда буд. Аз ин рӯ, аҳолии Фарғона хеле афзуда, иқтидори иқтисодии он зиёд мешуд. Ҳамин буд, ки барои таъсиси давлати мустақил замина ва имкониятҳои мусоид муҳайё гардид.

Яке аз аввалин хонҳои Хӯқанд Шоҳруххон (1709-1721) ном дошт. Ҳокими Ӯротеппа ва Хуҷанд Оқбӯтабӣ духтари ӯро ба ақди никоҳи худ даровардa, ба хонии Хӯқанд домод шуд. Дар навбати худ ӯ духтарашро ба хони Хӯқанд Раҳимхон (1721-1735) медиҳад. Вале бо вуҷуди хешутаборӣ, ҳокими Ӯротеппа ва Хуҷанд намехост, ки "қалъаи Раҳимхон", яъне шаҳри Хӯқанд, мустаҳкам гашта, бо ӯ ҳамсарҳад гардад. Бинобар ин Оқбӯтабек домодашро ба меҳмонӣ пазируфта, мехост ӯро ба қатл расонад. Раҳимхон аз ин нақша огоҳ гашта, мулки падарарӯсашро тарк намуд.

Оқбӯтабек аз нақшаи худ даст накашида буд. Ӯ бо роҳи ваъдаҳои бардурӯғ бори дигар Раҳимхонро даъват намуда, дар Хуҷанд меҳмондорӣ намуд. Хони ҷавони Хӯқанд бори дигар аз маккории Оқбӯтабек огоҳ гашта, шабона ба хонаи хоби падарарӯсаш дохил шуд ва ӯро бо ду писараш ба қатл расонид. Соли 1734 як қисми мулкҳои тобеъи Оқбӯтабӣ ба Раҳимхон гузашт. Ин ғалабаи бе ҷанг сабаб шуд, ки хонигарии Хӯқанд аз душманони нисбатан тавонои худ эмин гашта, ҳамчун давлати мустақил арзи вуҷуд намояд.

Дере нагузашта, ҳокими Ӯротеппа тавонист Хуҷандро аз нав тобеъи худ гардонад. Шаҳри мазкур дар нимаи дуввуми асри XVIII борҳо бо роҳи силоҳ аз итоати Ӯротеппа баромада, ба хонҳои Хӯқанд тобеъ гаштааст.

Дар замони ҳукмронии намояндаи қабилаи минг Ирдонабӣ (1751-1769) ва Норбӯтабӣ (1763-1799) ташаккули хонигарии Хӯқанд ба охир расид. Ҳукмронии хонадони мингҳо дар ин мулк оғоз ёфт.

Норбӯтабӣ пеш аз ба сари ҳокимият омадан бо ҳокимони Ӯротеппа Фозилбӣ ва Худоёр девонбегӣ дӯстӣ дошт. Вақто ки ӯ фирорӣ гашта, ба Ӯротеппа омад, Фозилбӣ қалъаи Қизилӣ ва деҳаҳои тобеъи онро ба Норбӯтабӣ дод. Ӯ бо Худоёр девонбегӣ рафоқат дошт. Бо вуҷуди ин,баъди ба сари ҳокимият омадан, Норбӯтабӣ лашкар кашида, Хуҷанд ва Ӯротеппаро забт намуд. Ирисқулибӣ ҳокими Ӯротеппа таъин шуд. Ҳукмронии ӯ, яъне тобеъияти ин шаҳр ба хонии Хӯқанд се сол давом кард.

Худоёр девонбегӣ бо ҳокимони Шаҳрисабзу Ургут забон як карда, бо ёрии лашкари ин мулкҳо Ӯротеппа ва Хуҷандро забт намуд. Ирисқулибӣ ҳалок гашт.

Хонҳои давлати ҷавони Хӯқанд аз ибтидои аввали баркарор гаштани ҳокимияти худ на танҳо бо ҳокимони Ӯротеппаву Хуҷанд ва мулкҳои дигари нисбатан хурд, балки бо феодалони алоҳида, гурӯҳҳо ва қабилаҳои бодиянишин низ мубориза мебурданд. Чунки мебоист давлати худро аз ҳуҷуми қабилаҳои ҳамсояи қирғизу қипчоқ муҳофизат намоянд. Зеро онҳо тез-тез ба деҳаҳои мардуми муқимӣ ҳамла меоварданд. Мардуми баъзе шаҳрҳо ҳам аз дасти онҳо ба дод омада буданд. Барои иҷрои ин кор лашкари пурқуввати низомӣ ташкил кардан лозим меомад. (Як қисми лашкари хонҳои Хӯқанд аз Мастчоҳ ва Дарвоз буданд).

Баъд аз ҷангҳои дуру дароз ба хонҳои Хӯқанд муяссар гашт, ки дар охири асри XVIII давлати нисбатан пурқуввате ташкил кунанд. Ин мулк яке аз хонигариҳои калонтарини Осиёи Миёна ба ҳисоб рафта, бо аморати Бухоро ва хонии Хева ҳамвазн гашт.

Дар қисмати шимоли Осиёи Миёна хонии Хева арзи вуҷуд дошт. Дар асри XVIII ин давлат давраи хеле сахти ҷангу ҷидолҳои байниҳудиро аз сар мегузаронид. Ба замми ин, дар солҳои 60-и асри мазкур саросари онро гуруснагӣ ва вабо фаро гирифт. Дар Хева қариб одам намонд. Ба хони ин мулк Муҳаммадамини қунғрот (1763-1790) муяссар гашт, ки тартибу низоми муайян ҷорӣ намояд. Ӯ инчунин ҳукмронии сулолаи қунғротро дар Хева асос гузошт, ки то соли 1920 онҳо давлати хониро идора карданд.

Ҳамин тариқ, дар нимман дуввуми асри XVIII дар сарзамини Осиёи Миёна якчанд давлатҳои мустақили феодалӣ арзи вуҷуд доштанд — аморати Бухоро, хонигариҳои Хӯқанд ва Хева, мулки Ӯротеппа ва Ҳисор. Байни ҳар кадоми онҳо рақобати доимӣ вуҷуд дошт, ки дар асри XIX ба ҷангҳои хунин ва парокандагии баъзеи онҳо оварда расонид.

## САРЧАШМА

### ХАРОБИИ НАЗМИ АМОРАТ ДАР ЗАМОНИ АМИР ДОНИЁЛ

Бадон, ки дар айёми ҳукумати амир Дониёл (1758-1785) ба доруламорати Бухоро хеле тафовути фоҳиш (ошкор) дар умури миллатӣ воқеъ шуда, аксар мадрасаҳо ва масоҷид аз дарсу намоз таътил ёфта, ҳуҷраоти

мадорис коххонаи хари обкашу ғалладони баккол шуда, ба сабаби он, ки мардуми ӯзбек[1] дар умури давлатӣ талоҳул ёфта (аст), чихати безабтии салтанат шуда, харчи аз хар чо ёфтаанд, мутассарифу молик шуда, шӯъла аз чароғи бевазан ва нон аз анбори ӯ қоқ дуздида, ба масрафи шикаму харчи худ мерасониданд ва касеро мачоли бозхост набуд ва бозори хамр (маёнӯшӣ), кимор ва фиску фасод бисёр ронччу гарм буда, дар миёни умаро ва хукком. Лекин фукаро ва раоёро мачоли харакату сукун (бепарвоӣ, бехаракатӣ), набуда аз фарти (барзиёдии) зулму зарч ва олуку солук, мисли аминонаю вакилона ва арзонии никоху киматии никохона. Масалан, махри муаччал дах дирам ва никохонаи козӣ дах динор ва як ман гандум, дах танга, хаккудмизон (тарозупулӣ) понздах танга ва хазо. (Ахмади Дониш. Рисола...).

*Ахмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. Д. 1992*

Амир Шохмурод тамоми малхакоти Хучанд, Ӯротеппа, Ховос, Зомин ва Ёвро забт намуда, ахолии онхоро чудои ватан карда, кӯчонда ба Самарканд овард. Ба хамин тарик Самаркандро обод кард.

Олон, дар Самарканд, гузархое, ки ба номи "Ховосӣ, "Зоминӣ", "Хучандӣ", "Ургутӣ" ва ғайра машхур аст, ки нишонаи он аз ватан чудоёфтагон аст".

Дар Самарканд ин одамонро дар корхои бинокорӣ кор мефармоянд. 24 масчид, дарвозаи шахр ва дигар иморатхо бо мехнати онхо сохта шудааст.

"Дар асной иморати тоқ рӯзе Шохмурод ба имора омада, дар бораи таъмир ба меъморон фикр медод, ки аз чудоии ватан шудагон Мавлавӣ Худойназар ва Охунд Мулло Қурбон ном ду муллои Ховосӣ рӯбарӯяш омада, Мулло Қурбони мазкур ба дуруштии тамом ба амир хитоб карда гуфт : "Эй золими мазлум- озори худонотарс ! Гунохи мо чӣ буд, ки моро аз ватан ба кахр баровардa, ба (дасти) илот ва сипохиёни шаддод супоридӣ ?! Бисёри аз авлодамон аз машаккатхо дар зери аспони сипох халок шуда, аёлони мо сару побарахна афтону хезон ва амволи мо ба дасти зулму тороч ва толон ва худхои мо саросема ва хайрон ба хазор укубат дар ин вилоят ба балои мусофират гирифтор шудем. Фардои киёмат дасти мову домани ту! Эй золим!

Худро суфӣ ва мунаккӣ ном гузоштӣ ва мо бечорагон ба худотарсии ту эътимод намуда, ба чое карор нанамудаем...!" Амир ба дахшати ин суханони хак ва талх токат карда натавониста ва ба худ чуръати мукобилат надида, аз эшон рӯй тофта, ба тарафи арк рохӣ шуд. Муллоёни маз-

[1] Ӯзбек — сулолаи хонадони манғитияро номидааст.

кур то вакте ки овозашон мерасид, хеҷгуна дашном ва носазоро дареғ на-донистанд".

*/Мулло Ҷумъақули Ҳумулӣ/.*

*С. Айнӣ. Таърихи амирони манғитияи Бухоро. Тошканд. 1923.*

## НИКОҲХАТИ СОЛИ 1782

Дар таърихи шахри ҷамодиулсонӣ, санаи 1196 буд, ки икрор ва эътирофи шаръӣ намуданд, ҷаноби сиёсатмаоб, натиҷатулкиром, бақиятулизом - эшони Ибодуллохоча дар сулби ақди никоҳи Маликабонуоим бинти Ҳотамбӣ тасмия намуданд, маблағи навад хазор тангаи нуқраи сараи раиҷатулвакти Сайид Субҳонқулихонӣ дар бадали сулси муаҷҷали маҳри мазкур. як шабона рӯз оби Номингон маъ арозии мутаалиқа ба он дар даврони 22 рӯз, ба кимати 7 хазор танга мавсуф, як об аз Шӯрак дар даврияи 24 рӯз, маъ арозии мутаалиқа ба он, ба кимати 7 хазор танга, нисфи Қалъаи Оксу, маъ нисфи боғ, нисфи осиё, нисфи обҷувоз, нисфи ҷамъи заминҳои мутаалиқа ба он ба қимати 6 ҳазор танга ; нисфи боғи Муҳаммад Қосим, ки воқеъ аст дар маҳалаи Ичакон, маълум улхудуд аст, ба қимати 6 ҳазор танга. Як осиёи Хонакоҳ ва заминхо ба қимати 4 ҳазор танга Ҷаноби эшони мазкур дар бадали маҳри оими мазкура доданд. Ин буд сурати воқеае, ки тахрир ёфт.

*/А. Мухторов. Материалы по истории Ура-Тюбе. М.1963./*

**Савол ва супориш**

1. Максади хуҷуми Нодиршоҳ ба Осиёи Миёна ва окибати онро накл кунед.

2. Роҳи хунини ба тахти хонии Бухоро соҳиб шудани сулолаи манғитияро накл кунед.

3. Иттифоки ҳокимони Ӯротеппа ва Ҳисор, анҷоми он барои хонихои Хӯканд ва Бухоро

4. Забти мулки Ҳисор аз тарафи Бухоро ва сабаби асосии он аз чӣ иборат буд ?

5. Амалиёти мустакилонаи ҳокимони Ӯротеппа ва окибати онро накл кунед.

6. Парокандагии хонии Бухоро ва кӯшишхои Шоҳмурод барои давлати мутамарказ аз чӣ иборат буд?

7. Таърихи ба вуҷуд омадани хонии Хӯкандро накл кунед. Аввалин хонхои онро номбар намоед.

# БОБИ IV

## ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XIX ВА ТО ЗАБТИ РУСИЯ

## ТАЪРИХИ СИЁСӢ. ХОНУ ҲОКИМОН

**Амирони Бухоро** Соли 1800 амири Бухоро Шоҳмурод вафот кард. Ба ҷои ӯ писараш амир Ҳайдар ба тахти аморат нишаст. Ӯ соли 1826дар синни 48-солагӣ аз дунё гузашт.

Сулолаи хонадони Аштархонӣ (Ҷониҳо) худро аз авлоди пайғамбари ислом ҳазрати Муҳаммад пиндошта, тахаллуси ифтихории сайидро доштанд. Хонадони сулолаи манғития аз ин авлод набуданд. Бинобар он асосгузори ин сулола Муҳаммадраҳимхон духтари хони охирини сулолаи хонадони аштархонӣ Абулфайзхонро (1711-1747) ба издивочи худ даровард. Бо ин ӯ мақсад дошт, ки насли ояндаи хонадони Манғития ба унвони муқаддас ва ифтихории "сайид" мушараф гардад. Вале аз ин никоҳ фарзанд нашуд.

Баъд аз ба сари ҳокимият омадан Шоҳмурод зани амакаш Муҳаммадраҳимхонро (духтари Абулфайзхонро) ба ақди никоҳи худ даровард. Аз онҳо се фарзанд таваллуд ёфт. Калониаш Ҳайдар ном дошт. Азбаски ӯ аз духтари сайид таваллуд ёфта буд, аз амир Ҳайдар сар карда, то Олимхон (1910-1920) амирони Бухоро пеш аз номи худ номи ифтихории "сайид"-ро менавиштагӣ шуданд.

Дар солҳои аввали ҳукмронии амир Ҳайдар ба лашкари Бухоро муяссар гардид, ки ба Хева зарбаи шадид расонида, аз ҷониби ин хонигарӣ хавфи ҳуҷуми душманро ба Бухоро бартараф намояд. Вале баъд аз чанд соли ин воқеа, ба сабаби заиф гардидани аморати Бухоро, хонҳои Хева аз ҷумла, Муҳаммадраҳимхони қунғурот, муттасил ҳуҷум намуда, то деворҳои Бухоро расид.

Бо мақсади муттаҳид кардан ва мустаҳкам намудани давлати худ амир Ҳайдар ба саргаҳи Зарафшон ҳамла намуда, Панҷакент, Фалғар ва Масчоҳро як муддат ба қаламрави худ дохил намуд. Муборизаи амир Ҳайдар бо Шаҳрисабз, хонии Хӯқанд ва Ӯротеппа хеле тӯлонӣ ва тоқатфарсо буд. Ба амир лозим омад, ки ба тарафи Ҳисор ҳам лашкар кашад.

Ӯ сиёсати падари худро дар бобати марказият додани давлат пеш бурда натавонист. Вай худро яке аз уламои замон пиндошта, дар мадрасаи арк, ки бо амри ӯ сохта буд, ба дарсгӯӣ машғул шуд. Амир Ҳайдар Қуръонро аз бар карда бошад ҳам, ҳеҷ гоҳ зоҳиди риёзаткаш набуд. Дар ҳарами худ духтарони зиёдро ҷамъ оварда буд. Дар замони ӯ муқовимати феодалони маҳаллӣ дубора қувват гирифт. Дар натиҷаи лашкаркашиҳои сершуморе, ки ба муқобили феодалони исёнкор ва ҳамсоягони хусуматпарвар ба амал оварда мешуд, инчунин пардохти маоши беш аз ҳазор амалдор ва

инъомхои пулии харсолаи аъёну ашроф, эхтиёчи моддии давлат низ зиёд мегардад. Дар ин вакт харчи амир ду баробар аз дахли ӯ зиёдтар буд. Андозхо ба номи молиёт ва хироч монанди кӯшунпулӣ, танобпулӣ, алафпулӣ, чӯбпулӣ, миробина, кавсан ва ғайра дубора чорӣ гардида буд. Ба замми ин, горатгарихое, ки хангоми амалиёти харбӣ ба вукӯъ меомад, ба сари мардуми мехнаткаш мусибатхои зиёде оварда, ӯро боз хам кашшоку бенавотар мегардонд. Дар ибтидои солхои бистум таназзули иктисодӣ ва харобии саросари кишвар рух дод. Афзудани чабру зулм ва истибдод боиси сар задани ошӯбхои халкӣ гардид. Яке аз калонтарини он шӯриши хитойкипчахо буд, ки аз соли 1821 то соли 1825 дар водии Миёнкол сар зада давом кард.

Амир Хайдар якчанд писар дошт. Насрулло — фарзанди дуввуми ӯ иктом дошт, ки харчи зудтар ба тахти Бухоро сохиб шавад. Ӯ хокими Каршӣ буд ва падараш амир Хайдарро ба тӯи хатнаи писараш Музаффар ба он шахр даъват намуд. Падараш дар тӯй ширкат варзид. Вале дар рохи бозгашт ба Бухоро бемор шуда, баъди 18 рӯз вафот кард. Зеро ки писараш Насрулло ба хӯроки падар захр андохта буд.

Писари калонии Амир — Мир Хусайн ба тахти Бухоро нишаст. Кушбегии амир Хакимбӣ бо Насрулло забон як карда ба Мир Хусайн таомхои захролуд дода, сабаби халокаташ гардид. Баъд аз 76 рӯзи хукмронӣ Мир Хусайн вафот кард. Вале пеш аз вафоташ ӯ бародараш Мир Умарро аз Кармина даъват намуда, ба чои худ амир бардошт.

Хукмронии Мир Умар камтар аз ду мох давом кард. Ӯ бештар ба айшу ишрат машғул шуда, ба корхои давлатӣ беахамиятӣ намуд. Ин бепарвоӣ сабаби норозигии аъёну ашроф ва мардуми Бухоро гардид. Аз ин вазъият истифода намуда, Насрулло бо максади ишголи тахти Бухоро ба сӯи ин шахр лашкар кашид. Ба ӯ кушбегӣ Хакимбӣ кӯмак мерасонид. Мир Умар мачбур мешавад, ки Бухороро тарк намуда, фирор намояд. Баъд аз якуним сол ӯ дар Хӯканд вафот кард. Часадашро оварда, дар Бухоро гӯрониданд.



Амир Насрулло /1826-1860/

Насрулло соли 1826 ба тахти Бухоро сохиб шуда, то соли 1860 хукмронӣ намуд. Ӯ фавран се бародари дигари худ — Зубайрхон, Хамзахон ва Сафдархонро бо зану фарзандонаш катл намуда, аз даъвогарони тахти амирӣ худро эмин намуд. Барои асрори ба тахт сохибшавиашро пинхон доштан, кушбегӣ Хакимбӣ низ катл шуд. Дар давоми як мохи пас аз чулуси худ Насрулло хар рӯз 50-100 касро ба катл мерасонид. Ба ғайр аз инхо Насрулло дар ибтидои 7-8 соли хукмронии худ хамаи дарбориёни пада-

раш, наздикон, сипохиёни ӯро аз вазифаашон маҳрум намуда, қатл кард ва молу мулки ҳар кадом ба манфиати хазинаи амир мусодира шуд. Ӯ бо ғаддорӣ ва хунхории фавқулодда аз дигар амирон фарқ мекард. Барои ин вайро мардум "амири қассоб" номида буданд. Давраи ҳукмронии зиёда аз сӣ соли амир Насрулло бо бадкирдорӣ, қатлу куштор, хиёнат, бешарафӣ ва хирсу ози гӯшношунида ном баровард.

Амир Насрулло ба Шаҳрисабз, Ӯротеппа, Хӯқанд ва Хева муттасил ҷанг мекард. Кӯшишҳои ӯ дар бобати ба ҳайати аморати Бухоро баргардонидани вилоятҳои соҳили чапи дарёи Аму, ки акнун ба тасарруфи амирони афғон даромада буданд, натиҷа набахшид.

Амир Насрулло бо мақсади ҳокими мутлақ гаштан як қатор чораҳои ниҳоят бераҳмона гузаронид. Умаро ва сарони сипоҳ, ки андаке норозият изҳор кунанд ва ё майли ҷудошавӣ пайдо намоянд, кушта ё худ бадарға намуда, молу мулкашон мусодира карда мешуд.

Соли 1842 ӯ беки Масчоҳ Ботурхӯҷаро ба Бухоро ҳамроҳ бурда, қатл намуд. Соли 1858 дар яке аз юришҳои худ ба Ӯротеппа ба амир Насрулло муяссар мешавад, ки шаҳрро забт намуда, ҳокими он Рустамбекро ба қатл расонад.

Баробари лашкаркашиҳо амир Насрулло дар пойтахт барои бехатар намудани қисмати худ, ҳуқуки қушбегиро маҳдуд намуд.

Соли 1837 амир Насрулло ислоҳоти ҳарбӣ гузаронид. То ин вақт лашкари Бухоро аз ду қисмат иборат буд : яке нӯкарҳо, ки бидуни мӯҳлат хизмат мекарданд, дигаре қарачирикҳо, ки сершумор буданд. Ғайр аз нӯкарҳо шогирдпешаҳо низ буданд. Онҳо хизмати қисми тайёрии қӯшунро адо мекарданд. Нӯкарҳо ба ду қисм — ба мерганҳо ва найзадастон ҷудо мешуд. Мерганҳо бо туфанг ва ё камон, найзадастон бо найза мусаллаҳ буданд. Қисми махсусро тӯп ташкил медод, ки ба он тӯйчибошӣ фармонфармоӣ мекард.

Қарачирикҳо аксар вақт бесилоҳ буданд. Мардони бе силоҳ, аз рӯи амри амир, белу каланд ба даст мегирифтанд.

Асоси қисми муназзами амир асирони рус, форсҳо ва дигарон буданд. Барои онҳо либоси махсуси низомӣ ҷорӣ карда шуд. Ҳамаи сарбозони ин қисм мусаллаҳ буданд. Силоҳи тӯпчиён таппонча ва шамшери русӣ буд.

Соли 1860 ин мустабиди хунхор аз тарафи зани ба зӯр гирифтааш - духтари беки Шаҳрисабз Кенагасхоним ба ҳалокат расонида шуд. Аз баъзе ривоятҳо маълум мешавад, ки номбурда ҳангоми хоб ба гӯши амир симоб рехтааст. Амир Насрулло аз дарди ҷонкоҳ бедор шуда, пеш аз марг фармудааст, ки он зан ва ҳамаи фарзандони ӯро кушта, ба чоҳ партоянд.

**Хонҳои Хӯқанд** Хонии Хӯқанд дар охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX сарзамини васеъро ишғол намуд. Шаҳрҳои Хӯқанд, Намангон, Андиҷон, Марғелон, Ӯш (дар водии Фарғона), Тошканд ва Туркистон, ноҳияҳои ҳозираи Тоҷикистон — Исфара, Конибодом, Ашт, каме дертар — Дарвоз, Қаротегин ва Помир ба ин хонӣ тобеъ бу-

данд. Бо ин қаноат накарда, хонҳо барои васеътар гардонидани мулки худ лашкаркашӣ ва хунрезиҳои зиёде кардаанд.

Норбутабӣ панҷ писар ва панҷ духтар дошт. Баъд аз вафоти ӯ писараш Олимхон тахтнишин гашт. Ӯ зиёда аз даҳ сол (1800-1810) ҳукм ронда, дар синни 36-солагӣ аз тарафи бародараш Умархон қатл шуд.

Олимхон барои мустаҳкам намудани хонии Хӯқанд баъзе тадбирҳо андешид. Ӯ иқдом гузошт, ки баъзе урфу одатҳое, ки ба шариати ислом мувофиқат намекунанд, барҳам диҳанд. Чунончӣ, касоне, ки худро дурӯғ сайидзода ва шайхзода сохта буданд, ҳамаро манъ намуд.

Дар Мовароуннаҳр ва вилоятҳои дигар расм буд, ки дар ҳар ҷо дарахти азим бошад, дар он ҷо ӯро алам сохта, мазор пиндошта, латта меовехтанд, чароғ дар мегиронданд, аз инҷо ёрӣ металабиданд ва худро дар гумроҳӣ меандохтанд. Бо фармони Олимхон ин қабил дарахтҳоро аз беху бунёдаш барканданд.

Чораи навбатии Олимхон нисбат ба гадоҳо буд. Яъне гадоҳое, ки бо вуҷуди давлат доштан, гадоӣ мекарданд, ҳамаро хон ҷамъ намуда сарбоз сохт. Ба ҳар қадоми онҳо як уштур биспурд, ки онҳо фарбеҳ кунанд, дар вақти бор ба корхонаи подшоҳӣ ҳозир созанд.

Аз рӯи мушоҳидаи Олимхон дар қаламрави ӯ шайхтарошоне буданд, ки худро валӣ сохта, бардурӯғ кароматфурӯшӣ мекарданд ва мусулмононро мефирефтанд. Хон ҷумлаи ин қабил одамонро ҷамъ намуда, имтиҳон менамуд. Онро, ки кораш ба шаръӣ мувофиқ буд, ба иззати тамом рухсату иҷозат медод. Онро, ки кораш бар хилофи шаръӣ дармеёфт, ба чандин хорӣ тавба медод.

Аз ин чораҷӯиҳо бармеояд, ки Олимхон марди соҳибмаърифат буд. Бесабаб нест, ки ӯ тариқаи ҷаҳрияро дошт ва ҳар рӯз баъд аз хуфтан дар қасри худ ҷаҳр мекард.

Чораҳои андешидаи Олимхон сабаби норозӣ гаштани баъзе табақаҳои ашроф ва сардорони қабилаҳои бодиянишин гашт. Барои худмуҳофизатӣ хони мазкур сафи сарбозонро аз ҳисоби ҷавонони кӯҳистонӣ — Масчоҳ, Қаротегин ва Дарвоз афзун гардонид. Қисми савораи лашкари Хӯқанд ба даҳ ҳазор расид. Барои ин миқдор сарбозро аз хӯрок ва лавозимоти ҳарбӣ таъмин намудан Олимхон ба таҷовузи мулкҳои дигар омода гашт. Ӯ борҳо барои ишғоли Хуҷанд, Ӯротеппа ва Ҷиззах лашкар кашидааст.

Амалиёти таҷовузкоронаи хони Хӯқанд ба нафси амири Бухоро мерасид. Байни ин ду давлат барои ишғоли мулки Ӯротеппа задухӯрдҳои зиёде ба миён омад.

Чун тассаруфи Ӯротеппа ба Олимхон муяссар нашуд, қусури онро аз ҷои дигар баровард. Дар охирҳои ҳукмронияш Тошкент ва қабилаҳои қазоқи ҳамҷавори онро ба қаламрави худ дохил кард.

Олимхон дар бобати марказонидани давлат ҷидду ҷаҳди бисёре ба харҷ дод. Вале мухолифати доираҳои бонуфузи аъёну ашроф ва рӯҳониёнро бартараф карда натавонист.

Ба гурӯҳҳои аз Олимхон норозӣ муяссар гашт, ки сӯиқасд ташкил намуда, хонро ба қатл расонанд. Ба ҷои ӯ бародараш Умархон (1810-1822) ба тахт нишаст. Дар аҳди салтанати ӯ сохти маъмурии давлати хонӣ комилан ташаккул ёфт. Умархон ба тарафи шимол лашкар кашида, масоҳати пахноварн даштҳои казоқнишинро аз баҳри Арал то Ҳафтруд ишғол намуд. Ҳамин тариқ, як қисми қабилаҳои қирғизу казоқ ба қаламрави хони Хӯқанд дохил гардид. Табақаи ашроф аз солҳои ҳукмронии ӯ ба имтиёзҳои пешинаи худ молик гардида, мансабҳои олии давлатиро соҳиб гаштанд. Умархон борҳо барои ишғоли Хуҷанд, Ӯротеппа ва Ҷиззах бо ҳокимони ин мулкҳо ва амири Бухоро ҷангидааст. Хунрезӣ ва қатлу ғорати лашкари Хӯқанд ҳадду канор надоштанд. Масалан, соли 1816 Умархон Ӯротеппаро ишғол намуда, зиёда аз ду ҳазор касро қатл кард. Сензлаҳ ҳазор одамро асир намуда, ба мулки худ овард. Бо қувваи асирони ӯротеппагӣ шаҳр бо номи Шаҳрихон бино карда, садҳо таноб замин обёрӣ карда шуд. Дар муддати ҳафт сол аз рӯи фармони Умархон асирони мазкур ҳуқуқи хона пӯшидан надоштанд. Онҳо дар чайлаву чодарҳо истиқомат мекарданд.

Бо роҳи қатлу ғорат ва истисмори мардуми зеридаст ба Умархон муяссар мешавад, ки иқтидори иқтисодии мулки худро ба дараҷаи нисбатан баланд бардорад.

Умархон худ шоир буд ва бо тахаллуси Амир шеър мегуфт. Дар солҳои ҳукмронии ӯ дар Хӯқанд доираи адабӣ арзи вуҷуд намуд. Яке аз шоираҳои соҳибсалиқаи ин доира ҳамсари Умархон--Моҳларойим буд, ки бо тахаллусҳои Макнуна ва Нодира шеър эҷод мекард.

Баъд аз вафоти Умархон писари 15-солааш Муҳаммадалихон ба тахти Хӯқанд нишаст. Даставвал ӯ шахсони ба худ номақбул ва маҳдудкунандаи амалиёти ӯро аз дарбор дур кард. Сиёсати падар ва амакашро давом дода, ӯ борҳо барои ишғоли Кашғар, вилоятҳои ҷануби Қазоқистон, Ӯротеппа, Ём ва ҷойҳои дигар лашкар кашид. Қаротегин, Кӯлоб, Дарвоз ва як қисми Помир дар замони ҳукумронии хони мазкур як мудат тобеъи Хӯқанд гаштанд.

Муборизаи Муҳаммадалихон бо амири Бухоро — Насрулло оштинопазир ва бардавом гашт. Оқибат соли 1842 ба лашкари Бухоро муяссар шуд, ки Хӯқандро ишғол намоянд. Хони Хӯқанд Муҳаммадалихонро бо писараш, модараш Нодира ва бародараш Султон Маҳмуд ба қатл расонид. Нӯҳ моҳ Хӯқанд зери идораи дастарвари Бухоро қарор гирифт.

Муҳаммадалихон марди золим ва бетараҳҳуме буд. Ӯ одамони бегуноҳро ба қатл мерасонид. Чун шӯҳратпарасти фосиқ умр ба сар мебурд, айшу нӯш ва кайфу сафо шуғли доимии Муҳаммадалихон ба шумор мерафт. Муҳаммадалихон кафтарбозиро дӯст медошт. Дар ҳар кучое, ки кафтарҳои бозингар парвариш мешуданд, ба он ҷо лашкар кашида, соҳиби ин паррандаҳо шудан мехост. Бо ин васила ҳамнишастии ӯ аксар вақт кафтарбозони касбӣ ва авбошони шаҳрӣ буданд. Рафтори номуносиби хони Хӯқанд барои ишғоли ин мулк, қатли Муҳаммадалихон ва наздикони ӯ аз тарафи амир Насрулло баҳона шуд.

Баъд аз дуним моҳи ин воқеа ҳокимияти Бухоро дар Хӯқанд аз тарафи сарварони қабилаҳои қирғизу қипчоқ бо иттифоқи мардуми шӯришбардоштаи шаҳри Хӯқанд сарнагун гашт. Ба сари ҳокимият ҷияни Норбӯтабӣ – Шералихон (1842 — 1844) омад. Ӯ тавонист, ки ҳокимияти Хӯқандро бори дигар дар Тошканд, Қурама, Хуҷанд ва ҷанубии Қазоқистон барқарор намояд. Дар солҳои ҳукмронии ӯ қабилаи қипчоқ бо сарварии Мусулмонқул дар мулки Хӯқанд обрӯ ва нуфус пайдо намуд. Мубориза барои тахти хонӣ байни ворисони Олимхону Умархон аз як тараф ва қипчоқҳо аз тарафи дигар, ба хунрезиҳо оварда, Шералихон қатл шуд. Писари ӯ Худоёрхон соли 1844 ба тахти Хӯқанд соҳиб гашт. Вале дар ин сарзамин худсарии қипчоқҳо ба дараҷаи баланд расид. Онҳо соҳибихтиёрона амал намуда, мардуми тахҷоии Хӯқандро аз худ паст шуморида, таҳқир мекарданд. Оқибат бар зидди Мусулмонқул ва қабилаи қипчоқ балвои омма бархеста, ҳокимияти бодиянишинон барҳам хӯрд. Соли 1852 Мусулмонқул қатл шуд.

**Бекҳои Ҳисор ва Кӯлоб**

Амир Ҳайдар ( 1800– 1826) ба тахти Бухоро нишастан ҳамоно ба қарор омад, ки ҳокимони вилоятҳо мебояд иваз карда шаванд. Бо ин мақсад ӯ баъзеро ба осонӣ иваз намуд, барои иваз намудани баъзеи дигар лашкар кашид. Беки Ҳисор Алабердии Тоз нисбат ба аморати Бухоро сиёсати мустақилона мегузаронид. Ин вазъият барои амир Ҳайдар баҳона шуд ва ӯ ба Ҳисор юриш намуд. Амир ғалаба ба даст овард ва Алабердии Тоз ба қатл расид. Дар Ҳисор нуфуси қабилаи юз зиёд буд. Инро ба инобат гирифта, бо мақсади такягоҳ пайдо кардан амир Ҳайдар Саидбий юзро дар ин ҷо ҳоким гузошт. Барои тобеъияти Ҳисорро ба Бухоро мустаҳкам кардан, амир Ҳайдар духтари Саидбийро ба никоҳи худ даровард ва ҳокими мазкур ба рутбаи аталиқӣ сазовор гашт. Ӯ муддати тӯлонӣ дар ин мулк ҳукм ронд.

Саидбий бо даъвати амир Ҳайдар соли 1825 дар пахш кардани шӯриши хитой- қипчоқҳо дар Миёнкол бо лашкараш иштирок кард.

Ба ҷои Саидбий аталиқ писараш Сӯфибий девонбегӣ юз беки Ҳисор шуд. Ӯ ба амир Насрулло тағо мешуд. Бинобар он ҳоким ба ҳуқуқҳои калон соҳиб мешавад. 500 нафар лашкари Ҳисор якҷоя бо лашкари амир Насрулло, соли 1842 дар ишғоли Хӯқанд иштирок кард.

Ҳукмронии Саидбий ва писари ӯ Сӯфибий юз дар Ҳисор тақрибан ним аср давом кард.

Баъди Суфибий девонбегӣ писари дигари Саидбий аталиқи юз Абдулкаримбий парвоначӣ ҳокими Ҳисор шуд. Ҳокимият дар ин мулк меросӣ гашта, аз як насл ба насли дигар мегузашт. Абдулкаримбий ба обрӯю эътибори калон молик гашт.

Шоири маъруфи Ҳисор Парии Ҳисорӣ асари худ "Зафарнома"-ро ба Абдулкаримбий бахшида, гуфтааст :

"Нигорад ба имдоди табъи салим,
Ба парвонагӣ бин Абдулкарим.
Шаҳи покгавҳар, муқаддассифот,

Зи бурҷи саёдат ду хуршеди зот.
Амиру саросар ҷахон бигирифт,
Аз ин баргирифтан наёмад шигифт.
Иморатпаноҳ асту вологуҳар,
Муҳаммадсаидбийи аталиқ падар".

Дар замони ҳукмронии Абдулкаримбий парвоначӣ муносибати мулки Ҳисор бо ҳокимони Кӯлоб, Балҷувон ва Дарвоз тезутунд шуданд. Беки Балҷувону Кӯлоб Каттабек ба сӯи Ҳисор лашкар кашида, мағлуб мешавад ва асир меафтад. Аз тарафи ромитиҳо Каттабек катл шуд. Писари ӯ Мизробшоҳ (1849-1859) барои қасос гирифтан бо шаҳи Дарвоз Исмоилхон иттифоқ баста, ба сӯи Ҳисор лашкар кашид. Файзободро иттифоқчиён ишғол намуда, ба сӯи Душанбе ҳаракат карданд. Баъд аз ишғоли ин шаҳр, бо фармони Мизробшоҳ ва Исмоилхон Душанберо оташ заданд.

Ба ҷои Мизробшоҳ бародари хурдиаш Сарабек ҳокими Кӯлобу Балҷувон шуд. Ҳокими Ҳисор кӯшиш намуд, ки бо ӯ муносибати дӯстона барқарор намояд. Сарабек ин таклифро қабул кард. Абдулкаримбий ва Сарабек байни худ иттифоқ бастанд ва якҷоя ба муқобили шаҳи Дарвоз лашкар кашиданд. Иттифоқчиён лашкари Дарвозро дар Обигарм мағлуб карданд. Ин ғалаба кинаи деринаи байни Ҳисору Кӯлобро аз байн бурд ва Ҳисор худро нисбати Бухоро мустақил шумурд.

Барои ба итоати худ даровардани Ҳисор амир Музаффар соли 1867 ба ин мулк юриш намуд. Қӯшуни Бухоро дар назди Деҳнав ғалаба ба даст овард. Ҳисориҳо дар ин қалъа муҳосира шуданд. Лашкари Бухоро шабохун зада, Деҳнавро ишғол намуд. Сарбозони амир ба қатли омми даҳшатангезе шурӯъ карда, ҳар каси ба дасташон афтодаро нобуд сохтанд.

Ба чанде аз ҳисориён ва иттифоқчиёни онҳо муяссар гардид, ки ба мулки Қаротегин, Дарвоз ва Кӯлоб гурехта ҷон ба саломат баранд. Аз он ҷумла беки Ҳисор Абдулкарим додхоҳ ба Кӯлоб паноҳ бурд. Беки ин ҷо Сарабек бо мақсади беҳтар намудани муносибати худ бо амири Бухоро Абдулкарим додхоҳро бо чанд нафар ҳамрикобонаш ба амир Музаффар супорид. Беки Ҳисор бо тамоми хонаводааш ба қатл расид.

Яқуббек қушбегӣ ҳокими Кӯлоб ва Раҳмонқул парвоначӣ аз туғ-манғит, ҳокими Ҳисор таъин шуданд.

Баъди шикасти лашкари амир аз русҳо дар назди Самарқанд (соли 1868) Раҳмонқул парвоначӣ аз итоати Бухоро баромад.

Барои забти Шаҳрисабзу Ҳисор амир аз русҳо имдод талабид. Соли 1870 бо ёрии лашкари рус ба амир Музаффар муяссар мешавад, ки Ҳисору Кӯлобро ишғол намояд. Амир дар Ҳисор панҷ ҳазор касро қатл кард. Барои зери итоати худ нигоҳ доштани мулк чор ҳазор сарбозро бо 11 адад тӯп дар Ҳисор ҷойгир намуд.

Бори дигар Ёқуб қушбегӣ дар ин қаламрав ҳоким таъин шуд. Баъди як сол вафот кард. Ҷои ӯро Салим дастурхончӣ ишғол намуд. Ҳукумронии ӯ дер давом накард. Ҷои Салимро писари амир Музаффар - Абдулмӯъминхон ишғол намуд. Вай дар давоми понздаҳ соли (1871 – 1886) идоракунии

ҳудсаронааш Ҳисорро ба харобазор табдил дод. Тобистони соли 1886 амир ӯро аз Ҳисор гирифта, ҳокими Бойсун таъин кард.

**Ҳокимони Ӯротеппа ва Хуҷанд**

Соли 1800 аз тарафи лашкари Бухоро Ӯротеппа забт шуд. Бародари Худоёрбӣ — Бобобий ҳокими ин мулк ва писари ӯ Бекмуродбий ҳокими Хуҷанд таъин шуданд. Бекмуродбеки ҷавон ба сӯи Ӯротеппа лашкар кашида амак ва падарарӯси худ Бобобийро ба қатл расонид. Аз ин воқеа истифода намуда, хони Хӯқанд Олимхон Хуҷандро ишғол кард. Бекмуродбий барои ба тасарруфи худ баргардонидани Хуҷанд ба бочаи худ, амир Ҳайдар мурочиат намуда, аз ӯ ёрӣ талабид. Соли 1802 амир фурсатро ғанимат шуморида, бо лашкари худ озими Ӯротеппа гашт. Бекмуродбий ба пешвози ӯ баромад. Амир Ҳайдар Бекмуродбийро дастгир намуда, ба дасти писарони Бобобий супорид. Онҳо ин ҷавони 22-соларо қатл карданд. Ба ҷои ӯ Ирназарбий ҳокими Ӯротеппа таъин шуд. Барои дар итоати худ нигоҳ доштани Ӯротеппа дар ин шаҳр чор ҳазор лашкари Бухоро сокин шуданд.

Хони Хӯқанд Олимхон соли 1805 ба сӯи Уротеппа лашкар кашида, Мулло Ирназар манғитро аз ҳокимият маҳрум сохт. Дере нагузашта, Маҳмудхони Хочаахрорӣ шаҳрро ишғол кард. То соли 1810 ӯ дар тобеъияти амир Ҳайдар буд. Баъд Маҳмудхон аз Бухоро рӯй гардонида, бо хони Хӯқанд Умархон ҳамзабон гашт. Бо вуҷуди он хони мазкур ба ӯ боварӣ пайдо накард. Маҳмудхон азл гашт.

Соли 1814 Муҳаммадраҳим атолик ё худ Атоликбек ҳокими Ӯротеппа таъин шуд. Дар замони ҳукмронии ӯ калъаи Ҷиззах, Ём ва Зомин аз нав тобеи Ӯротеппа гаштанд. Ҳукмронии ҳокими мазкур дар Ӯротеппа ва дар ҷойҳои номбурда то соли 1828, яъне 12 сол давом кард. Ӯро хони Хӯқанд Муҳаммадалихон (1822-1842) аз тахти Ӯротеппа маҳрум гардонид. Муҳаммадраҳим ба Шаҳрисабз омада, хост мулки худро аз дастпарварии хони Хӯқанд Шоҳи парваначӣ баргардонад. Вале нақшаҳои номбурда амалӣ нагашт ва ӯ қатл шуд. Шоҳи парваначӣ то дар Ӯротеппа ҳоким таъин шуданаш Хуҷандро идора мекард. Ҳукмронии номбурда дар Ӯротеппа то соли 1832 давом кард. Ӯро Ғадойбой парваначӣ иваз намуда, то соли 1839 тахтнишин гашт.

Амири Бухоро Насрулло соли 1841 ин мулкро забт намуд ва Карамқули додхоҳро ҳокими Ӯротеппа гузошт.

Баъд аз ғалабаи соли 1841 аз болои Хӯқанд амир Насрулло дар бозгашт ба сӯи Бухоро писари хурдии Нодира Султон Маҳмудро ҳокими Хуҷанд ва Бердиёрро ҳокими Ӯротеппа таъин намуд.

Дере нагузашта, хони Хӯқанд Муҳаммадалихон аз ваъдаҳои худ даст кашид. Ин сабаби бори дигар, соли 1842 ба сӯи Хӯқанд юриш намудани амири Бухоро гардид. Лашкари Ӯротеппа бо сарварии ҳокими он Бердиёр ҳамроҳи амир вориди Хӯқанд гашт. Баъд аз воқеаҳои мазкур номбурда вафот кард. Ба ҷои ӯ амир Насрулло аввал Исобек манғит ва баъди як соли он, Исобек юзро, ки набераи Худоёрбӣ буд, ҳокими Ӯротеппа таъин кард.

Ҳукмронии якуми ӯ аз соли 1843 то соли 1849 давом кард. Дар охири соли 1849 Исобек аз ҳокимият ронда шуда, Абдулғаффорбек ҷои ӯро ишғол намуд. Ӯ ҳам дер напоид ва ҳокимияти ин мулк ба Алашукурбек расид. Исобек бо ёрии лашкари кипчоқия ба мулки Ӯротеппа ҳамла оварда, ғалаба кард. Алашукурбек асир афтода, қатл шуд. Ҳукмронии дуввуми Исобек дар Ӯротеппа то соли 1852 давом кард. Дар ин сол Рустамбек ба тахти Ӯротеппа соҳиб гашт. Исобек ба назди хони Хӯқанд Худоёрхон баргашт. Хон ӯро ҳокими Андиҷон таъин кард. Дере нагузашта ӯ аз онҷо ба пойтахти хонӣ даъват шуда, ба қатл расид.

Ҳукмронии секаратаи ҳокими номии Ӯротеппа — Рустамбек то соли 1858 давом кард. Дар муддати даҳ соли давлатдориаш ӯ дар пойтахти худ корвонсарой, мадраса, ҳаммом, масҷид ва дигар биноҳои азим бино кард.

Рустамбек соли 1858 баъд аз забти Ӯротеппа аз тарафи амир Насрулло ба қатл расид. Аз соли қатли ӯ то забти мулки Ӯротеппа аз тарафи лашкари Русия дар соли 1866, дар ин мулк якчанд нафар дастпарварони Бухорову Хӯқанд ҳукм ронданд — Бозорбий, Баротбек, Абдулғаффорбек ва дигарҳо.

Ҳамаи ҳокимони ба сари қудрат омада ҳаракат кардаанд, ки хазинаи худро аз ҳисоби халқи камбоқшуда пур кунанд. Як қисми мардум маҷбур шуда буд, ки ба кӯҳистони дурдаст ва ба вилоятҳои дигар фирор намоянд. Бинобар қатлу ғорат ва ба мулки дигар фирор намудан, миқдори аҳолии мулки мазкур тақрибан зиёд намешуд. Дар ниммаи аввали асри XIX дар шаҳри Ӯротеппа ҳамагӣ даҳ ҳазор одам зиндагӣ мекард.

## ҶАНГҲО БАЙНИ ДАВЛАТҲОИ ФЕОДАЛӢ ВА ХАРОБИИ ХОҶАГӢ

Дар ибтидои асри XIX барои соҳиб шудан ба шаҳрҳои Тошканд, Ҷиззах ва баъзе дигар мулкҳои хурди кӯҳистон амири Бухоро ва хони Хӯқанд муборизаи хунин мебурданд. Ин мубориза гоҳ ба нафъи як тараф ва гоҳ ба нафъи тарафи дигар анҷом меёфт. Барои Ӯротеппа мубориза зиёда аз ним аср давом кард. Сабаб он, ки ин шаҳр аҳамияти калони стратегӣ дошт. Хатҳои иртиботии бо ҳам алоқамандкунандаи ду давлат аз ҳамин мулк мегузашт. Сабаби дигари мубориза барои Ӯротеппа ба иқтисодиёт вобастагӣ дошт. Ин вилояти сернуфуз барои хазина даромади бисёр дода метавонист, зеро он "анбори ғалла" буд. Аз ин ҷо миқдори зиёди ғалла ба деҳаҳои саргаҳи Зарафшон, Самарқанду мулкҳои дигар сомир мегардид.

Бист соли аввали асри XIX мубориза барои ба даст даровардани Ӯротеппа ва Хуҷанд ба ҳеҷ тарафи ҷангкунанда нафъ наовард. Амири Бухоро Ҳайдар ва хони Хӯқанд Умархон маҷбур шуданд, ки амалиёти ҷангро қатъ гардонида, байни худ "сулҳи абадӣ" имзо кунанд. Онҳо ба ворисони худ васият карданд, ки сулҳи мазкурро "муқаддас ва вайроннашаванда" донанд.

Бо ҳамин давраи аввали муборизаи барои Хуҷанду Ӯротеппа бо охир расид. Дар ин муддат хонии Хӯқанд пурқувват гардид. Зеро ошӯбҳои хал-

кии 1810 ва солҳои 1821-1825 аморати Бухороро заиф гардонида буд. Мардуми он гурусңагиро аз сар мегузарониданд.

Бухоро аз пурқувват гаштани хонии Хӯқанд зери хавф монда буд. Ҳони нав ба тахт нишастаи Хӯқанд — Муҳаммадалихон (1822-1842) аз мушкилиҳои дар аморати Бухоро рӯйдода хост истифода намояд.

Ӯ ва амири Бухоро Насрулло (1826-1860) "сулҳи абадӣ"-ро вайрон намуда, муборизаро барои Хуҷанду Ӯротеппа ва дигар мулкҳо аз нав сар карданд. Ин мубориза дар ибтидо ба Бухоро натиҷаҳои дилхоҳ надод. Нокомиҳои ҳарбӣ ҳар ду тарафро водор намуд, ки сулҳи нав имзо кунанд. Ин созишнома аз соли 1830 то соли 1840 нисбатан риоя мешуд. Дар ин солҳо Хуҷанд ва Ӯротеппа зери тобеъияти хони Хӯқанд буданд.

Аз соли 1840 даврани дуввуми мубориза барои ин ду шаҳр сар шуда, амири Бухоро дастболо гардид. Сабаб он, ки дар натиҷаи чораҷӯиҳои амир Насрулло қаламрави ӯ нисбатан пурзӯр гардид ва қувваи ҳарбии Бухоро нисбат ба Хӯқанд афзалият пайдо кард.

Амир Насрулло иқдом гузошт, ки хонии Хӯқандро зери тасарруфи худ дарорад. Барои иҷрои ин мақсад фосиқӣ ва ишратпарастии Муҳаммадалихон баҳона шуд. Соли 1841 амир лашкар кашида, то наздикии Конибодом расид. Хони Хӯқанд мадори муқовимат надошт. Ӯ ба назди амир элчиёни худро равон карда, ваъда кард, ки яксола хироҷи мулки худро ба ӯ медиҳад, инчунин шаҳрҳои Хуҷанду Тошканд ба итоати Бухоро мегузаранд ва ҳоказо.

Амир Насрулло қаноатмандӣ ҳосил намуд. Дар Хуҷанд Султон Маҳмудро ҳоким гузошта, худ ба Ӯротеппа баргашт. Дар ин мулк аз тарафи амир Бердиёр ишикоғобошӣ ҳоким таъин шуд. Аз амалиётҳои худ амир фориғ гашта, ба пойтахташ Бухоро баргашт.

Дере нагузашта, бо миёнравии модари худ Нодира ба Муҳаммадалихон муяссар гашт, ки бо бародараш Султон Маҳмуд забон як карда, Хуҷандро аз нав ба итоати худ дарорад. Ин навъ ҷараёни кор ба нафси амир Насрулло расид.

Соли 1842 ӯ бо лашкари якҷояи Ӯротеппа бо сардории ҳокими ӯ Бердиёр ишикоғобошӣ, лашкари Мастчоҳ бо сардории беки он Ботурхӯҷа, лашкари Ҳисор бо сардории Суфибӣ девонбегӣ, лашкари Самарқанд бо сардории Иброхимбӣ манғит, лашкари Ургут бо сардории Одил додхоҳ ва лашкари дигар мулкҳо, ба сӯи Хӯқанд ҳамла овард. Ба ин қувваи анбӯҳ муяссар гашт, ки пойтахти хонӣ — шаҳри Хӯқандро забт кунанд.

Муҳаммадалихон бо писараш, модараш Моҳлароим (Нодира), бародараш Султон Маҳмуд аз дами теғ гузаронида шуданд.

Амир Насрулло барои идора кардани хонии Хӯқанд одами худро таъин намуда, ба Бухоро баргашт. Дар ин ҷо ӯ беки Мастчоҳ Ботурхӯҷаро низ қатл кард.

Горумори хонии Хӯқанд, бераҳмиҳои сарбозони Бухоро ва сарлашкарони онҳо дар ин қаламрав, боиси шӯриши пурзӯре шуд ва дар натиҷа ҳокимияти амири Бухоро дар ин мулк сарнагун гардид.

Баъди вокеаҳои пуроншӯби соли 1842 Исфара, Конибодом ва Хучанд зери тасарруфи хонии Хӯканд ва Ӯротеппа зери ҳокимияти Бухоро мон-данд.

Аз вокеаҳои чараёнёфта маълум мешавад, ки низоъҳои байнихамди-гарии хонҳо такдири мардуми зери дасти онҳоро ҳал мекард. Сабаби чан-гҳои байниҳамдигарии онҳо дар он буд, ки амиру хонҳо мехостанд қалам-рави худро васеътар ва хазинаашонро бойтар гардонанд.

Хулласи калом, дар ними аввал асри XIX муборизаи хунини амора-ти Бухоро бо хонии Хӯканд барои соҳиб шудан ба ноҳияҳои шимолии То-чикистони имрӯза тезутунд гашта буд. Танҳо барои ба даст даровардани Ӯротеппа онҳо зиёда аз чиҳил маротиба ба ин шаҳр лашкар кашиданд. Дар ин муддат сӣ маротиба ҳоким иваз шуд. Аз чумла Исобек ду мароти-ба, Рустамбек се маротиба ва Абдулғаффорбек чор маротиб ҳокимият рон-данд.

Дар байни аморати Бахоро ва Шаҳрисабз низ муттасил чанг ва за-духӯрдҳо ба амал меомаданд. Соли 1856, пас аз 32 бор хучум овардан, ба амир Насрулло муяссар шуд, ки Шаҳрисабзро ба худ тобеъ намояд. Вале ин ғалабаи муваккати буд.

Хонҳои Хева зуд - зуд ба ҳудуди Бухоро ҳамла карда, ба талаву то-роч даст мезаданд. Амир Наррулло тамоми лашкари Бухоро, Ҳисор ва мулкҳои дигарро фароҳам оварда, соли 1834 ба сӯи Хева лашкар кашид. Ҳарчанд ин мулкро тобеъи худ нагардонида бошад ҳам, ба амир муяссар мешавад, ки қаламрави худро якчанд муддат аз хучуми Хева амон диҳад.

**Окибатҳои харобиовари чангҳои феодалӣ**

Аз чангҳое, ки барои ишғоли Ӯротеппа ва Шаҳрисабз ба вуқӯъ омаданд, маълум меша-вад, ки дар ҳар як-якуним сол шаҳр ва атрофи он ба харобазор табдил меёфт. Хони Хӯканд Олимхон (1800-1810) дар яке аз лашкаркашиҳояш ба сарбозонаш амр намуд, ки шаҳрро тороч кунанд. Дар натича, мувофиқи маълумоти шоҳиди вокеа дар шаҳр " ба чуз хоку санг ҳар он чӣ ки ин вилояти пурбаракат дошт, рабуданд." Аҳолии боқи-мондаи Ӯротеппа, марду зан, бо пои луч ва тани нимбараҳна, нолаву фи-ғонкунон, мисли ғалоён ба назди сарбозони хон омада, ҳоли табоҳи худро баён мекарданд ва хӯроку пӯшок металабиданд. Шоира Дилшоди Барно (1800-1905) дар хотираҳои худ навиштааст, ки ишғолгарон аввал деҳаҳоро ғорат карданд, боғҳо, пулҳо ва иморатҳои беруни шаҳрро оташ заданд. Баъди ба шаҳр зада даромадан, сарбозон, нӯкарон ва муқаррабони хони Хӯканд хона ба хона гашта, моли мардумро талаву тороч, фосикӣ ва бено-мусӣ мекарданд. Дар ҳар чо дорҳо сохта буданд. Аз субҳ то шом оламонро катл мекарданд. Деҳаҳо тамоман валангор гардида, киштзорҳо поймол ва сӯзонда шуданд. Аҳолӣ гуруснагӣ мекашид ва ҳалок мешуд.

Чангҳои пурдавом чойҳои дигарро низ хароб карда буд. Масалан, ишғоли қалъаи мустаҳками Шаҳрисабз ба қӯшуни Бухоро муяссар нагар-дид, сарбозони истилогар деҳаҳои атрофи онро ғорат ва хароб менаму

данд. Ҳар сол баҳорон амир Насрулло барои нобуд кардани киштзорҳои ғалла дастаҳои савораи худро ба мазраҳои Шаҳрисабз равон мекард. Дар натиҷа гуруснагӣ сар мезад, нархи ғалла ва дигар хӯроквориҳо бағоят баланд мешуд. Мардуми зиёде ба ҳалокат мерасид ё худ ба кӯҳҳо баромада мерафтанд.

Таҷовузкорон аҳолиро натанҳо горат мекарданд, балки асир карда, ба ҷойҳои дигар мебурданд ва мисли ғуломон кор мефармуданд. Масалан, соли 1816 хони Хӯқанд Умархон, баъд аз ишғоли Ӯротеппа зиёда аз ду ҳазор одамро ба қатл расонида, сездаҳ ҳазори дигарро асир карда, ба даштҳои беоби мулки худ бурд. Асирон дар муддати хафт сол ҳуқуқи барои худ хонапӯшӣ надоштанд. Бо қувваи онҳо шаҳре бино шуд, ки хони номбурда онро Шаҳрихон номид.

Дар натиҷаи ҷангҳои пайдарпай аҳолии шаҳрҳо ва миқдори заминҳои корам кам мешуд.

## СОХТИ МАЪМУРӢ

**Аморати Бухоро**

Ҳукмронии сулолаи хонадони мангития дар Бухоро меросӣ буда, бо ҳеҷ гуна қонун маҳдуд карда намешуд. Амирон соҳибихтиёрона давлатро идора мекарданд. Қонуни ягонае, ки ҳукмронии онҳоро нисбатан маҳдуд мегардонид, шариати ислом ва баъзе расму оини анъанавии ниёгон буд.

Баъди амир қушбегӣ симои дуввуми аморати Бухоро буд. Вай аз тарафи амир таъин шуда, танҳо ба ӯ итоат мекард. Тамоми корҳои маъмурӣ ва хоҷагӣ дар ихтиёри қушбегии боло буд.

Қушбегӣ вазифаи сарвазириро адо намуда, ба ӯ дигар мансабдорон итоат мекарданд. Онҳое, ки дар ҳузури ҳокимҳои вилоят вазифаи девонбегиро адо мекарданд, ба қушбегии поён тобеъ буданд.

Яке аз мансабҳои дарборӣ иноқи калон ном дошт. Шахси ба ин рутба расида дар ҳузури амир фармонҳоро қироат мекард ё тартиб медод.

Мутасаддии амалаёти ҷосусӣ дар ихтиёри кӯкалтош буд.

Корҳои дигар ба зиммаи мансабдорони дараҷаашон поён гузошта мешуд. Амалдорони амирӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешуданд. Табақаи аъёну ашрофи ғайрирӯҳонӣ ва аҳли уламо. Амалдорон ва сипоҳиён ба гурӯҳи аввал, фоқиҳ, муллобачаҳо, мударрисон, ҳуқуқшиносон, шайхулислом, қозӣ, муфтӣ, раис ва дигарон ба гурӯҳи дуввум, яъне ба аҳли уламо дохил мешуданд. Вале аталиқ, шайхулислом ва баъзе мансабҳои дигари дар асрҳои XVI-XVIII мақоми баландро ишғолкунанда дар замони ҳукмронии сулолаи мангития ба мансабҳои ифтихорӣ табдил ёфтанд.

Аморати Бухоро ба вилоятҳо ва туманҳо тақсим мешуд. Ҳар кадоми онҳоро наздикони амир, писарони ӯ ва хешовандонаш идора мекарданд. Сардорони ин мулкҳоро дар Ҳисор ва Кӯлоб бек ё ҳоким, дар Қаротегин ва Дарвоз – ша (ё шоҳ), дар Ӯротеппа ва Хуҷанд ҳоким, дар Мастчоҳу Фалгар мир ва ғайра меномиданд. Бекгариҳо ба амлокдорӣ тақсим ме-

шуданд, ки амлокдор онро идора мекард. Дар баъзе вилоятҳои кӯҳӣ (Ҳисор, Қаротегин, Кӯлоб ва ғайра) амлокдорӣ ба мири хазора чудо мешуд, ки аз як чанд деҳа иборат буд. Деҳа аз тарафи арбоб ё амин идора карда мешуд.

Дар Қаротегин ва Бадахшон ба ғайр аз шоҳ, миру акобирҳо дар идораи маъмурӣ мавқеи муҳимро ишғол менамуданд.

Муҳофизати шабонаи шаҳрҳо, пагоҳӣ кушодан ва бегоҳӣ бастани дарвозаҳои Бухоро дар ихтиёри миршаб буд. Дар Хӯқанд ва Ӯротеппа онҳоро қӯрбошӣ меномиданд. Миршаб ва қӯрбошӣ ба оромию осудагии шаҳр назорат мебурданд.

Ба воситаи мансабдорони номбурда хону амир, беку ҳокимон мулки худро идора мекарданд, хироҷу андоз ҷамъ меоварданд. Амалдорони амирӣ аз тарафи давлат маош намегирифтанд. Онҳо аз ҳисоби мардум, аксар аз ҳисоби деҳқонон ва косибон зиндагӣ карда, бори вазнини мардуми меҳнатиро дучанд мегардониданд.

Воҳиди маъмурӣ дар болообӣ Зарафшон — Мастчоҳ, Фалғар ва Фон, сада ё даҳа буд, ки ба амир ва арбоб тобеъ буд. Ҳар як даҳа қозӣ, муфтӣ ва раис дошт.

Кӯчманчиёни қисмати шимолии Тоҷикистон тартиби идоракунии худро доштанд. Бий ҳам вазифаи маъмурӣ ва ҳам вазифаи судиро дар ӯҳда дошт.

Дар Хӯқанд хонҳо аз сулолаи Минг, мисли сулолаи хонадони мангитияи Бухоро, ҳукмрони мутлақ буданд. Ҳокимияти хонро ҳеч гуна қонун маҳдуд намекард. Дар инҷо баъди хони мингбошӣ симои якум буд. Дар хонии Хӯқанд бекҳо ё ҳокимони вилоятҳо, сарзакотчӣ, қозикалон ва амсоли онҳо нақши бағоят калонро соҳиб буданд. Дар хонигарии чун аморати Бухоро мансабҳои хоҷакалон, мири асад, нақиб, саркор, девонбегӣ, амлокдор, кадхудо, арбоб (дар деҳаҳо) амал мекарданд.

Аз аҳли уламо қозикалони Бухоро дар ҷои аввал қарор мегирифт, Ӯ аз тарафи амир таъин мешуд. Ба қозикалон ҳамаи қозиёни аморати Бухоро итоат мекарданд. Шахсони ба ҳукми қозӣ норозибуда мебоист ба қозикалони Бухоро шикоят равон кунанд. Вале ин навъ мавридҳо ниҳоят кам мешуд. Ҳукми қозикалонро танҳо амири Бухоро ҳуқуқи бекор кардан дошт.

Қозикалон ва қозиҳо дар маҳкама, биноҳои махсус, ки қозихона ном дошт, нишаста эҳтиёчмандон ва гунаҳкоронро қабул мекарданд. Қозиҳо мирзоён, пешхизматон ва дигар мардуми хизматиро дар ҳузури худ доштанд.

Вақфнома, ваколатнома, тақсими мерос ва дигар асноди расмӣ дар ҳузури қозӣ тартиб ёфта, бо мӯҳри ӯ тасдиқ мешуд.

Қозиёни вилоятҳои Қаротегин ва Дарвоз аз тарафи ҳокимони он ҷо таъин мешуданд. Ҳаққултарака (моли бесоҳибмондаи меросӣ) ва никоҳона, аз рӯи одати мардуми ин ҷойҳо, ба ҳоким мерасид. Дар ҷойҳои дигар ин намуд даромадҳо ба манфиати қозӣ ва қозихона мегузашт.

**Лашкар ва аслиҳа** Қӯшуни аморати Бухоро асосан аз лашкари савора иборат буд. Онҳоро навкар меномиданд. Навкарон барои хизмати худ аз намудҳои гуногуни андози давлатӣ озод буданд. Барои хизмати сарбозӣ ҳар кадоми онҳо ҳарсола ғалладона (гандум, ҷуворӣ), сарулибос ва миқдори ночизи маош мегирифтанд. Дар ҳини эълони ҷанг навкар вазифадор буд, ки бо ярок ва аспи худ ба назди ҳокими вилоят ҳозир шавад. Агар аспи навкар ҳангоми амалиёти ҷангӣ халок шавад, ба ӯ аз ҳисоби давлат аспи дигар медоданд. Хӯроки лашкарро аз ақиби қӯшун бо уштурҳо бор карда мебурданд.

Қӯшуни амир аз тарафи даҳбошӣ ва юзбошиҳо идора карда мешуд. Сарварони лашкар аз давлат ба сифати танхоҳ замин мегирифтанд.

Яроки навкарон асосан найза ва шамшер буд. Як қисми ночизи онҳо камонҳои пилтагӣ доштанд. Дар ибтидои асри XIX як қисми сарбозон ҳатто бо камонғӯлак мусаллаҳ буда, сипари оҳанӣ ё чармӣ дар даст доштанд.

Дар вақти амалиёти ҳарбӣ барои муҳосира намудани истеҳкомҳо, сохтмони кӯпрукҳо ва дигар корҳо ба ҳайати лашкар, аз ҳисоби деҳқонон ва косибҳо, қарачирикҳо даъват мешуданд. Онҳо бо аспони худ ба ҷанг мерафтанд. Азбаски ярок намерасид, қарочирикҳо каланду бел мегирифтанд.

Лашкари амир бо тӯпҳои мисӣ низ мусаллаҳ буд. Тӯпҳоро ба ароба бор карда, мебурданд. Аз ҳар тӯп дар як рӯз 5 ё 6 тир кушодан имкон дошт.

Дар ибтидои асри XIX аморати Бухоро дорои 3600 навкар буд. Як қисми онҳо муқими шаҳри Бухоро, қисми дигараш дар вилоятҳо истиқомат мекарданд. Онҳо дар вақти ҷанг бо фармони амир фавран мебоист ҷамъ оянд.

Соли 1837 амир Насрулло лашкари пиёдагарди доимӣ ва батальони тӯпчиёнро ташкил кард. Онҳоро сарбоз меномиданд. Сарбозон бо милтиқи найзадор, таппонча ва шамшер мусаллаҳ буданд. Сарбозҳо дар давраи ҷанг сару либоси махсус, камзӯли сурх, шалвори сафед ва телпак мепӯшиданд. Миқдори сарбозон 2000 буд. Мӯҳлати хизмати сарбозӣ маълум набуд. Дар миёнаи асри XIX миқдори тӯпҳои лашкари Бухоро ба 80 расид.

Бо ин қувва ва қувваи сарбозон ба амир Насрулло муяссар мешавад, ки давлати нисбатан мутамарказ ташкил намуда, аз болои мулкҳои дигар ғалаба ба даст орад.

Қувваҳои ҳарбии хонии Хӯқанд дар нимаи аввали асри XIX аз аморати Бухоро кам фарқ мекард. Лашкари савораи хон доимӣ набуд. Онҳо дар вақти ҷанг ҷамъ меомаданд. Савораҳо низоми муайян ва яроқи якхела надоштанд. Аз хазина ҳар кадом сарбоз орду биринҷ ва дар як сол ду ҷома мегирифт. Ба ивази маош ба сарбозон ва сардорони онҳо баъзан инъомҳо медоданд. Сарбозони савора аз хон асп ва баъзан замини кишт мегирифтанд. Яроки лашкари Хӯқанд аз яроки қӯшуни Бухоро беҳтар набуд. Танҳо як қисми ночизи сарбозон бо камони пилтагӣ мусаллаҳ буданд. Ҷамъи лашкари хон дорои 100 тӯп буд.

Қисми ташкилии қувваи ҳарбии хони Хӯқанд дар нимаи аввали асри XIX аз қувваҳои низомии аморати Бухоро кам фарқ мекард. Вале назар ба лашкари Бухоро сусттар буд. Бинобар он ба амирони Бухоро муяссар гашта аст, ки дар ҷангҳои бо хони Хӯқанд сураттгирифта борҳо дастболо гашта, чандин маротиба маркази хонигарӣ — шаҳри Хӯқандро ишғол намоянд.

## МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОӢ — ИҚТИСОДӢ. ЗАМИНДОРИИ ФЕОДАЛӢ. АҲВОЛИ ОММАИ ХАЛҚ

**Аҳолӣ** Маҳалҳои аморати Бухоро аз ҷиҳати ҷойгиршавии аҳолӣ яксон набуданд: водии Зарафшон (Миёнколот) ва Қашқадарё сернуфус ва вилоятҳои Бухорои шарқӣ нисбатан камнуфус буданд. Албатта, дар ин қисмати аморат водиҳое ҳам буданд, ки нуфуси хеле зиёд доштанд.

Солҳои 1820-1840 дар аморати Бухоро тақрибан ду миллион аҳолӣ зиндагӣ мекард.

Дар пойтахти аморат — шаҳри Бухоро, бештар аз сеяки тамоми аҳолии шаҳрнишини аморат истиқомат менамуд. Нуфуси асосии ин шаҳр тоҷикон буданд. Ба ҳисоби соли 1820 онҳо ба миқдори аз чор се ҳиссаи теъдоди умумии аҳолии пойтахти аморатро ташкил мекарданд. Дар кулли аморат — тоҷикон ва ӯзбекон 80 фоизро ташкил мекарданд. Ба ғайри ин ду халқи сернуфус дар ҳудуди давлати мазкур туркманҳо (10 фоиз) ва яҳудиён зиндагӣ мекарданд. Дар бисёр шаҳру деҳот асосан тоҷикон истиқомат доштанд.

Дар ноҳияҳои зиёди аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд тоҷикон якҷоя бо ӯзбекон мезистанд. Дар бисёр деҳаву шаҳрҳои ӯзбекнишин тоҷикон ҳам буданд. Ин ду халқи бо ҳам алоқаи хеле наздикдоштаро робитаҳои хешовандӣ, маданӣ ва иқтисодӣ муттаҳид месохт.

Дар ибтидои асри XIX 40 фоизи аҳолӣ одамони кӯчӣ ва нимкӯчӣ буданд. Дар охири асри мазкур миқдори онҳо кам шуда, худи кӯчиҳо аз 15 фоиз бештар набуданд.

Умуман, мебояд донист, ки дар шаҳрҳо фақат даҳяки аҳолӣ, ҳатто аз ин ҳам камтар зиндагонӣ доштанд. Аҳолии деҳот назар ба шаҳр чандин баробар зиёдтар буд.

**Кишоварзӣ** Дар Осиёи Миёна тарзҳои ниҳоят оқилонаи истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ва муносибати обу замин ба вуҷуд омада, дар амал ҷорӣ гардида буд. Усули зироати обии ба шароити хоку иқлими ноҳияҳои гуногун мувофиқ истифода мешуд. Деҳқон меҳнати хеле зиёде сарф намуда, заминро барои зироат омода месохт. Барои ин кор мардуми кӯҳистон аз майдонҳои худ ҳазорҳо адад санг ҷамъ карда мепартофтанд.

Деҳқонони безамин ё камзамини кӯҳистон барои ба кишт омода сохтани замини санглох маҷбур буданд, ки хокро пуштора карда кашонанд. Аз ин замин танҳо як навбат ҳосил мегирифтанд. Чунки барфу борон хоки кашондаи онҳоро шуста мебурд. Соли дуввум деҳқон маҷбур мешуд, ки боз аз нав хок кашонад.

Боғдорӣ ҳам шуғли осон набуд. Масалан, ба анор дар як сол аз 6 то 10 бор об додан лозим меомад. Тирамоҳ бо машаққати зиёд, дарахти анору анҷир ва токи ангурро зери хок намуда, аввали баҳор онҳоро аз хок берун меоварданд. Бо меҳнати сахт деҳқон биёбонҳои ҳомун ва санглохҳоро ба киштзор табдил медод.

Олоти меҳнат хеле содда буд. Бо омоч шудгор мекарданд. Сипас бо мола ва сихмола хоки замини шудгоршударо майда ва ҳамвор мекарданд. Каланд ҳамчун муҳимтарин ва қулайтарин олот васеъ истифода мешуд. Бо дос дарав мекарданд. Барои бод кардан панҷшоха ва бели чӯбиро ба кор мебурданд. Дар боғдорӣ даст-калла ва каҷкорд истифода мешуд. Дар кӯҳистон чигина ва дар ҳамвориҳо хелҳои гуногуни аробаи дучарха вазифаи нақлиётро адо мекард. Барои пурзӯр ва ҳосилхез кардани замин ва киштзор пору, хоки теппа ва кулӯхи девори иморатҳои кӯҳнаро хока карда мепошиданд.

Сохт ва таркиби майдонҳои кишти заминҳои обии байни ноҳияҳои ҷудогона тафриқаҳои калон доштанд. Чунончӣ, дар ноҳияи Хуҷанд 60 фоиз заминро киштзори ғалла (аз он нисфаш гандум, баъд ҷуворӣ ва шолӣ, камтар ҷав ва арзан) ташкил менамуд. Тақрибан 14 фоизи майдон аз боғу токзор иборат буд. Пахтаи ҷойдорӣ (ғӯза) 11,5 фоиз, юнучка 6,4 фоиз, обчакорӣ 4,5 фоизи майдонро ишғол менамуд. Дар маҳалҳои ба шаҳр наздик бештар боғдорӣ ва обчакорӣ равнақ меёфт. Дар боғҳо ангур, себ, нок, анор, олу, зардолу, бодом, анҷир, тут ва ғайра парварида мешуданд, ки бо навъҳои олии худ шӯҳрат пайдо карда буданд. Дар баъзе наҳияҳои обаш фаровон мавкеи асосиро зироатҳои саноатӣ ишғол менамуд, ки муҳимтарини онҳо пахта, тамоку, зағир ва растаниҳои рангдиҳанда буданд. Вале олоти кишоварзӣ ба дараҷаи ибтидоӣ буд. Истифодаи обу замин низ бо усулҳои кӯҳна сурат мегирифт. Бинобар ин ба меҳнати хеле зиёд ва маҳорати деҳқонон нигоҳ накарда, самараи кишоварзӣ хеле ночиз буд. Чорводорӣ тақрибан дар тамоми вилоятҳо тараққӣ мекард. Ҳар як хоҷагӣ якчанд сар чорво дошт. Он аксаран аз гову барзагов ва бузу гӯсфанд иборат буд. Дар Помир ва дигар ноҳияҳои кӯҳӣ чорводорӣ соҳаи асосӣ буд. Чорво ба мардум хӯрок ва пӯшок муҳайё мекард.

Чорводории тоифаҳои нимкӯчӣ ва алалхусус кӯчӣ хусусияти дигар дошт. Рамаҳо ва ҳамроҳи онҳо аҳолӣ ё худ қисми он аз як чарогоҳ ба чарогоҳи дигар мегузаштанд. Давраи дар чарогоҳ нигоҳ доштани чорво хеле мураккаб ва тӯлонӣ буд.

Аҳолии шаҳрҳо дар баробари касбу ҳунар ва тиҷорат ба боғдорӣ, ангурпарварӣ ва умуман заминкорӣ ҳам машғул мешуд. Масалан, қисми калони аҳолии шаҳри Ӯротеппа соҳиби боғҳои ангур буданд. Ё худ машғ-

улияти асосии мардуми Самарканд боғ-дорӣ, истехсоли абрешим ва пахта буд.

**Ҳунармандӣ** Дар деҳот истехсолоти ҳунармандӣ тараққӣ карда буд. Деҳотиён дар хонаҳои худ читу хомсуф ва карбос мебофтанд. Дар шаҳри Ӯротеппа аз 1041 дӯкони косибон 187-тоаш дар деҳаҳои калон ҷойгир буданд. Ин шаҳр бештар бо истеҳсолоти лавозимоти пашмӣ, корд ва устура (поку), матоъҳои дастдӯз ва дастбоф шӯҳрат пайдо карда, маснуоти он фақат эҳтиёҷоти дохилиро қонеъ мегардонид, балки ба берун ҳам содир карда мешуд.

Касбу ҳунари деҳотиён ба дараҷаи кофӣ ривоҷ ёфта бошад ҳам, дараҷаи тараққиёт ва такомули техникии касбу ҳунари шаҳр баландтар буд.

Истехсолоти ҳунармандӣ дар ҳаёти иқтисодии аморати Бухоро роли муҳим мебозид. Аксари аҳолии шаҳр аз косибону ҳунармандон иборат буд. Дар шаҳри Бухоро тақрибан 10-15 ҳазор ҳунармандон мезистанд, ки бо хонаводаи худ қариб чоряки аҳолии шаҳрро ташкил медоданд.

Касбу ҳунар ихтисосҳои зиёдеро фаро мегирифт. Қариб сад ҳунар вуҷуд дошт, ки дар чунин соҳаҳо гирд омада буданд :

1) Сохту пардози фулузот; 2) коркарди лифа; 3) бинокорӣ; 4) дабоғӣ; 5) либосдӯзӣ; 6) таббохӣ; 7) дигар касбу кор ва машғулиятҳои тайёр кардани ашёи рӯзгор. Ҳар як соҳа дар навбати худ, ба бисёр гурӯху навъҳои касб ҷудо мешуд. Чунончӣ, сохту пардози фулузот ба панҷ гурӯҳ тақсим гардида буд : 1) Оҳангарӣ; 2) дегрезӣ; 3) мисгарӣ; 4) рехтагарӣ; 5) заргарӣ. Дар айни замон, худи як гурӯҳи оҳангарӣ чунин пешаваронро дар бар мегирифт : челонгар, наългар, қуфлсоз, кордгар, сӯзангар, мехчагар.

Ин қабил тақсиму гурӯҳбандиҳои зиёде дар дигар соҳаҳои касбу ҳунар низ вуҷуд дошт.

Пешаварон бо хонаводаҳои худ қисми муҳими аҳолии Хуҷандро ташкил мекарданд. Дар ин шаҳр зиёда аз 100 навъи истеҳсолоти ҳунармандӣ вуҷуд дошт. Аз байни он касби бофандагӣ равнақи бештар пайдо карда буд.

Мардуми ноҳияҳои кӯҳистони Қаротегину Дарвоз бо кулолгарӣ шӯҳрат доштанд. Бо ин ҳунар ҳам занон ва ҳам мардон машғул мешуданд. Ҳунари чӯбкорӣ низ равнақ ёфта буд. Устоҳо асбобу олоти кишоварзӣ — омоч, чоршох ва панҷшох, белҳои чӯбин, асбобҳои гуногуни рӯзгор — кафш, чарх, қулф, дӯкони бофандагӣ, гаҳвора, дару дарича, панҷараҳои зебо ва ғайраҳоро месохтанд. Устоҳо зини асп ва зини хар тайёр мекарданд, ки дар бозори маҳаллӣ талабот ба он калон буд.

Ҳунари заргарӣ бағоят инкишоф ёфта буд. Заргарҳо аз тиллову нуқра ва мис зебу зиннати занона месохтанд ва ба онҳо аз сангҳои қиматбаҳо ва камқимат нигин васл мекарданд.

Ҳамаи кори ҳунармандони моҳир дастӣ иҷро мешуд, ки ин меҳнати зиёди пурмашаққатро металабид. Бинобар он ҳаҷми маҳсулоти аксари

косибон чандон зиёд набуд. Музди меҳнати усто базӯр барои рӯзгор ва харидани ашёи хом мерасид.

Ҳар як усто шогирди худро дошт. Ҳунармандон ҳунари худро ба дигар, бародар ё наздикони худ меомӯзонданд.

Ҳар як ҳунар рисолаи худро дошт, ки дар он истеҳсоли ин ё он маҳсулот навишта мешуд. Косиб наметавонист қоидаи пешбинишударо вайрон кунад.

Таҷҳизоти техникии истеҳсолоти ҳунармандӣ ниҳоят кӯҳнаву анъанавӣ буд.

**Сарватҳои зеризаминӣ**

Маводи хомро барои истеҳсолоти ҳунармандӣ аз хоҷагии кишлоқ ва ҳам аз истихроҷи маъдан ба даст меоварданд. Осиёи Миёна аз сарватҳои зеризаминӣ бой буд. Дар ин сарзамин конҳои маъдан кам набуд, вале ба сабаби ҳанӯз дар ҳолати ибтидоӣ воқеъ гардидани тариқи истихроҷ ва хеле афзун будани талабот эҳтиёҷи кишварро тамоман қонеъ карда наметавонист.

Миқдори зиёди тилло дар Қаротегину Дарвоз ва болооби Зарафшон бо усули заршӯӣ ҳосил карда мешуд. Дар кӯҳҳои Ҳисор, Ванҷ ва дигар маҳалҳо маъдани оҳан, дар Кӯҳи Танг, кӯҳсори Фарғона ва Варзоб сурб (курғошим) истихроҷ мекарданд. Баробари истифодаи яроқи оташфишон ҳонҳо ба истихроҷи курғошим ва селитра, ки барои тайёр кардани тир ва борут зарур буданд, аҳамияти махсус медодагӣ шуданд. Қӯрғошим, нуқра ва селитраро дар кӯҳҳои Ӯротеппа, Фарғона, санги мармарро дар Нурато, фирӯза, мис, сурма ва оҳанро дар болооби Зарафшон, Нурато, ғаҷро дар Самарқанд истихроҷ мекарданд.

Болооби Зарафшон — Мастчоҳ, Фалғар, Фон, Киштут аз тиллою олтингӯгирд , селитраю сурма, ангиштсанг ва дигар сарватҳои зеризаминӣ бой буд.

Намак дар ноҳияҳои Қаршӣ, Бойсун, Норак, кӯҳҳои Хӯҷасартис, Хӯҷамуъмин ва ҷойҳои дигар фаровон истеҳсол мешуд. Онро ҳам ба шакли дуда (масалан дар Ашт) ва ҳам ба шакли намаксанг (конҳои машҳури намаки рангини кӯҳҳои Ғузор, намаки кӯҳи Хӯҷамӯъмин наздикии Кӯлоб ва ғайра) ба даст меоварданд.

Дар кӯҳистони Бадахшон ва Фарғона ҳаргуна ҷавоҳирот ва сангҳои қимматбаҳо, аз қабили лаълу ёқут, фирӯза, лоҷвард ва амсоли инҳо ба даст оварда мешуданд.

Аммо бисёр конҳои маҳаллӣ истифода намешуданд ва талаботи мамлакат аксаран аз ҳисоби ашёи хоми дигар давлатҳо қонеъ гардонида мешуд. Масалан, олтингӯгирд аз Ҳирот ва Балх, тилло аз Эрону Ҳиндустон оварда мешуданд. Тахтаоҳан, тилло, нуқра аз Русия ворид мегашт.

Набудани техника ва мутахассисон истифодаи сарватҳои зеризаминии маҳаллиро душвор мегардонид.

**Тиҷорат** Тиҷорат дар шаҳрҳо асосан дар бозорҳо сурат мегирифт. Бозор масоҳати калонеро ишғол менамуд. Бозорҳои Ӯротеппа ва Хуҷанд қариб болопӯшида буданд (каппон доштанд). Хусусияти хоси шаҳрҳо аз ин иборат буд, ки дар чорсӯ ва хиёбонҳои асосӣ марказҳои савдо вокеъ гардида, дар он тими дарози гумбаздор сохта мешуд. Аз байни тим кӯча мегузашт ва дар ду тарафи он дӯконҳо саф мекашиданд. Маркази савдои Самарқанд ва Шаҳрисабз ин гуна тим дошт. Дар Бухоро панҷ тим мавҷуд буд. Чунин иморатҳои бозорро дар Самарқанду Шаҳрисабз "чорсӯ", дар Бухоро "тоқ" мегӯянд. Маркази шаҳри Бухороро тамоман бозорҳо ишғол карда буданд. Дар майдони Регистон ва дигар майдонҳо низ дӯконҳо вуҷуд доштанд. Одатан дар назди дарвозаи шаҳр бозор мавҷуд буд.

Дӯконҳо на он қадар калон буда, ба ҳам зич ҷо мегирифтанд, растаҳои бозор ҳар яке моли муайян дошт. Илова бар ин, корвонсаройҳои бисёре буданд. Дар корвонсаройҳо асосан тоҷирони мусофир ва баъзан маҳаллӣ иқомат мекарданд. Дар он ҷо анбор, дӯкон, устохона, саисхона ва ғайра мавҷуд буд. Корвонсаройҳо дар ташкил ва равнақи тиҷорат роли хеле муҳим бозӣ мекарданд. Ба Бухоро ҳар сол иборат аз 12-15 ҳазор шутур корвон меомад ва он ҳама борҳо, одамон, аспу аробаҳо асосан дар корвонсаройҳо ҷой мегирифтанд.

Хуҷанд маркази калони савдо ва тиҷорат буд, ки ба воситаи он тоҷирон моли худро ба бозорҳои хонии Хӯқанд ва аз он ҷойҳо ба аморати Бухоро мебурданд. Бозори Ӯротеппа ҳам серодам ва калон буд. Ба ин ҷо мардуми Мастчоҳ, Фалғар, Ҳисору ҳатто Қаротегин меомаданд. Онҳо маҳсулоти кишоварзӣ ва чорводории худро мефурӯхтанду аз он ҷо молҳои заруриии рӯзгор ва олоти кишоварзӣ мехариданд.

Дар Хуҷанду Ӯротеппа дӯконҳои савдо асосан дар бозорҳои шаҳр ҷой гирифта буданд. Ду бозори Хуҷанд 790 дӯкон дошт. Аз 854 дӯкон ва устохонаҳои ҳунармандии Ӯротеппа 642-тоаш дар бозор ва 212-тоаш дар гузарҳои шаҳр ҷойгир буданд. Аз ин дӯконҳо маҳсули косибони маҳаллӣ ва косибони шаҳру вилоятҳои дурдаст ва мамлакатҳои дигарро пайдо кардан мумкин буд.

Бисёр шаҳру вилоятҳо бо навъи муайяни маҳсулоти ҳунармандӣ ва молҳои фурӯши худ шӯҳрат доштанд. Масалан, Ҳисор бо матоъи абр, ханҷар ва гӯсфандони худ, Ӯротеппа бо корд, матоъҳои пашмин ва кашидадӯзиҳояш, Хуҷанд бо адрасу шоҳӣ, Қаршӣ бо алоча ва ғайра.

Дар қария ва деҳкадаҳои калон ба истилоҳ "даври бозор" вуҷуд дошт (яъне "бозорнавбат" буд). Масалан, дар Бухоро бозори Когон рӯзи сешанбе, бозори Баҳоваддин рӯзи чоршанбе ва ғайра. Дар Қаратоқ сешанбе ва шанбе, дар Душанбе — чоршанбе ва якшанбе, дар Янги-Бозор ва Ҳисор душанбе, дар Файзобод сешанбе ва дар Регар шанбе рӯзи бозор буд. Тақсимоти рӯзҳои бозор байни шаҳру деҳот аз он сабаб буд, ки косибон ва тоҷирон аз як бозор ба бозори дигар рафта расида, моли худро фурӯхта тавонанд. Дар бозори шаҳрҳо ва ноҳияҳои Осиёи Миёна пулҳои тилло,

нуқра ва мисӣ дар гардиш буданд. Тоҷирон барои аз як мулк ба мулки дигар гузаронидани моли худ боҷ ва дар бозорҳо закот медоданд.

Хонигариҳои Осиёи Миёна бо дигар мамлакатҳо робитаи мустаҳками тиҷоратӣ доштанд. Савдогарони бухорӣ ва фарғонагӣ бо Эрон, Ҳиндустон, Хитой (махсусан Қошғар) савдо мекарданд. Аз Эрон ба Бухоро шоҳӣ, газворҳои пахтагӣ меоварданд. Аз Ҳиндустон ба ғайр аз чунин молҳо, чой, нил, марворид, дигар сангҳои қиматбаҳо, доруворӣ, зарфҳо ворид мешуд.

Дар нимаи аввали асри XIX робитаи савдо бо Русия нисбатан инкишоф ёфт. Аз Осиёи Миёна ба ин мамлакат меваи хушк, пӯст, газвори пахтагӣ, пахта, пӯсти қарокулӣ ва ғайра содир мешуд. Аз Русия ба Осиёи Миёна пули тилло, мис, оҳан, пӯлод, чӯян, мовут, қанд ва ғайра меоварданд.

Вале ҳукмронии сахти феодалӣ ба ривоҷи савдои дохилӣ ва хориҷӣ монеъ буд. Харобии роҳҳо ва набудани амният чӣ дар роҳу чӣ дар шаҳрҳо пеши тараққиёти тиҷоратро мегирифт. Дар роҳҳо аз дасти ғоратгарон молу ҷони савдогарон ҳамеша дар хатар буд. Инчунин дар бозорҳо боҷу хироҷ ва иҷорапулӣ ҳадду андоза надошт.

**Обёрӣ** Дар аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд корҳои бузурги обёрӣ анҷом дода шуданд. Муҳимтарин шабакаҳои обёрии водии Фарғона ба вуҷуд омаданд. Масалан, аз дарёи Норин ва Қара-Дарё якчанд шабакаҳои обёрӣ, аз ҷумла наҳри Янғиариқ канда шуд. Ба сабаби обёрии заминҳои беоб шаҳрҳои нав бунёд ёфтанд. Яке аз чунин шаҳрҳо, ки бо кувваи асирони Ӯротеппавӣ поягузор гашт, Шаҳрихон мебошад.

Дар ҳавзаи Зарафшони аморати Бухоро низ корҳои зиёди обёрӣ анҷом меёфтанд. Дар давраи ҳукмронии амир Шоҳмурод (охири асри XVIII) дар дарёи Зарафшон каналҳои Қазон-арик, Тайман-арик, Тӯқуз-арик ва дигарҳо кофта шуданд. Ба ғайри инҳо аз Окдарё ва Қарадарё, ки шохобҳои Зарафшон мебошанд, наҳрҳо канда шуд.

Дар ҳудуди Панҷакент каналҳои Ҷӯи-Хурмӣ ва Ҷӯи-Саразм заминҳои зиёдеро аз об сершор гардониданд.

Ба номи кӯшпулӣ андози махсус ҷорӣ гардид, ки маблағҳои ба ин восита ҷамъовардаро аввалҳо барои кандани каналҳои нав истифода мебурданд ва баъдтар барои эҳтиёҷоти дигар низ сарф мекардагӣ шуданд.

Каналу ҷӯйборҳоро нафақат ҳукумат, балки феодалони калон ҳам месохтанд. Яке аз чунин шахсон Ҳасан халифа буд, ки дар ҳудуди Тоҷикободи Қаротегин ва ноҳияи Панҷакент ҷӯйборҳо канда ва об бароварда аст.

Заминҳои нави аз ҳисоби шахсони сарватманд сохташуда ба ихтиёри худи онҳо мегузашт. Онҳо меҳнати деҳқонони камбағалро дар ин заминҳо истифода мебурданд.

Барои кандан ва тоза кардани каналу ҷӯйборҳо мардуми гирду атрофро ба ҳашар ҷалб мекарданд.

Дар қатори заминҳои обӣ киштзорҳои лалмӣ дар баландиҳо, нишебиҳо ва доманаҳои кӯҳҳо бисёр буданд.

**Заминдории феодалӣ**

Дар нимаи аввали асри XIX асосан ҳамон шаклҳои пешинаи моликияти хусусии заминдории феодалӣ — замини хироҷӣ, амлок — заминҳои давлатӣ ва заминҳои вақф нигоҳ дошта мешуданд. Усули ба танхоҳ додани хоҷагии деҳқонӣ аз оғози ҳукмронии сулолаи хонадони манғития ба таври васеъ ҷорӣ гардид. Дар ҳаёти иҷтимоии ин давр усули танхоҳ мавқеи муҳим дошт. Замини танхоҳ ин тариқи хизматона ба шахсони ҷудогона инъом намудани қитъаи замин, як ва ё якчанд деҳ ва ҳатто вилояти тамом, ки даромади он комилан дар ихтиёри танхоҳдор буд. Баъзан соҳиби танхоҳ ғайр аз молиёте, ки ба фоидаи худ ҷамъ мекард, музде ба маблағи муайян аз хазинаи амир дарёфт менамуд.

Аксар вақт минтақаҳои наҷандон калон ба тариқи танхоҳ ба шахсони гуногуни соҳибмансаб, аз он ҷумла ба сипоҳиён инъом карда мешуданд. Миқдори танхоҳдорон дар чоряки аввали асри XIX фақат дар аморати Бухоро аз 12 то 36 ҳазор нафар ба шумор мерафт. Агар танхоҳдор ба ҷои дигар кӯчад, заминаш ба танхоҳи нав дода мешуд. Андозаи замини ба сифати танхоҳ додашуда ба рутбаи шахс алоқаманд буд: соҳибони рутбаи поёнтари ҳарбӣ аз 1 то 5 гектар замин мегирифтанд. Шахсони олирутба аз қабили саркардаҳо як деҳаи тамомро бо садҳо гектар замин, осиёб ва дигар дороиҳояш ба даст медароварданд. Агар писар мансаби падарро ишғол намояд, ба танхоҳи ӯ низ соҳиб мешуд.

Дар мулкҳои кӯҳистон — Қаротегину Дарвоз танхоҳ дорои хусусиятҳои ба худ хосе дошт. Дар ин ҷо на замин, балки хоҷагиҳои деҳқонӣ ба танхоҳ дода мешуд. Онҳо ҳар сол ба ҳиссаи маълуми ҳосилоти деҳқонӣ соҳиб гардида, дар айни замон, аҳолии деҳаҳои зеридасти худро ба корҳои хоҷагии шахсии худ низ ҷалб менамуданд. Аз ҳамин сабаб барои деҳқононе, ки хоҷагиашон ба танхоҳӣ гузаштааст, ниҳоят дараҷа рӯзҳои сахт пеш меомад. Танхоҳхурҳо деҳқононро ғайр аз корҳои хоҷагии кишлоқ боз дар корҳои гуногун ба манфиати хоҷагии худ истифода мебурданд.

Хулоса, танхоҳ ба ивази маваҷиби пулӣ ва ғалла дода мешуд, ки аз он мадохили бузурге ба даст медароварданд.

Заминҳое, ки барои истифодаи онҳо андози замин — хироҷ ё ушр медоданд, заминҳои хироҷӣ ном доштанд. Қисми зиёди ин навъ заминҳо лалмӣ буда, ҳосил ба бориш вобаста буд. Дар миёнаи асри XIX дар музофоти Хуҷанду Ӯротеппа 82300 таноб замини хироҷӣ буд. Соҳибони чунин заминҳо ба хазинаи ҳокимон даромади калон меоварданд.

Заминҳое, ки давлат аз онҳо ҳеҷ гуна андоз намегирифт, замини мулки хурр ё мулки хурри холис ном доштанд. Соҳибони чунин заминҳо феодалони имтиёздоштаи авлодӣ буданд, ки худро аз авлоди Ҳазрати Муҳаммад (с.) нисбат медоданд. Заминҳои мулки хурр асосан дар ҷойҳои беҳтарин ҷойгир шуда, аз об таъмин буданд ва ҳосили хуб медоданд.

Заминҳои давлатиро "замини амлок" ё "замини подшоҳӣ" меномиданд. Онҳоро деҳқонон кишт карда, барои истифодаи замин ба хазина андоз медоданд. Соҳибони замини амлокӣ ҳуқуқи ба меросхӯрон додан, вақф

кардан, ба гарав монданро надоштанд. Заминхои амлокӣ мусодира мешуданд. Ҳуқуқи соҳибони замини амлокӣ абадӣ набуд. Ҳамин ки соҳиби замин кишти онро қатъ мегардонд, ҳуқуқи вай бекор шуда, замин боз ба давлат баргардонида мешуд.

Дар охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX дар хонигарии Бухоро замини вақф зиёд шуд., чунки дар ин давра таъсири рӯҳониён пурзӯр мешавад. Деҳқонони дар замини вақф кишткунанда бештар ба мутаваллиҳо вобаста буданд. Барои деҳқонон дар ин замин кор кардан пурмашаққат буд. Зеро онҳо дар заминҳои вақф тамоми сол аз субҳ то шом кор карда, танҳо аз чор ва ё аз панҷ як ҳиссаи ҳосилро мегирифтанд.

Дар аморати Бухоро заминдории вақфии феодалони рӯҳонӣ 24 фоизи замини киштро ташкил медод. Дар атрофи Панҷакент ва деҳаи Киштут то ду ҳазор таноб заминҳои вақф буд. 70 деҳаи заминҳои Ӯротеппа заминҳои вақф доштанд.

Заминҳои вақф ба се навъ тақсим мешуданд:

1. Заминҳои вақф, ки даромади он ба манфиати муассисаи динӣ — хонақоҳ, мазору масҷидҳо ё мактабу мадрасаҳо сарф карда мешуд.

2. заминҳои вақф, ки фоидаи он ба нафъи ҷамъият — сохтмон ё таъмири роҳ, купрукҳо ва ғайраҳо сарф мегашт. Ин намуд вақфро вақфи омма меномиданд.

3. Заминҳое, ки мутаваллии он аз авлоди вақфкунанда таъин мешуд. Ин намуд вақф ба манфиати меросхӯрон буда, "вақфи авлодӣ" номида мешуд.

Дар ҳудуди Панҷакент дар нимаи аввали асри XIX калонтарин соҳиби вақфи авлодӣ Ҳасан Халифа буд, ки зиёда аз даҳ ҳазор таноб замин, якчанд осиёбу наҳрҳоро соҳиб буд.

Ба ғайр аз заминҳои номбаршуда заминҳои истифодаашон ҷамъиятӣ низ буданд. Онҳо бештар дар дашту биёбонҳо, дар маҳалҳои зимистонгузаронии кӯчманчиён ва дар доманакӯҳҳо воқеъ буданд. Марғзор ва чарогоҳҳо дар баъзе ноҳияҳо умумӣ ҳисоб меёфтанд. Чарогоҳи умумии дар водии Ромит воқеъбуда "Замини мирӣ" ном дошт. Дар Мастчоҳу Фалғар чарогоҳҳо моликияти ҷамъиятӣ ҳисоб меёфтанд. Онҳо аз замонҳои қадим байни деҳаҳо ё якчанд деҳа тақсим шуда буданд.

Дар ноҳияҳои дашт ё худ дар доманакӯҳҳо (масалан дар водии Ҳисор) аксар вақт заминҳои лалмӣ заминҳои умумӣ ҳисоб меёфтанд. Ин заминҳо баъд аз кишт шудан аз тарафи деҳқонон ба қатори заминҳои хироҷӣ дохил мешуданд.

Ҷангалҳои кӯҳӣ низ дар баъзе ноҳияҳо умумӣ ҳисоб меёфтанд.

Дар хариду фурӯши замин ҳеҷ гуна маҳдудият набуд. Ҳар як тараф — фурӯшандаву харидор, мебоист қоидаҳои шариатро ба инобат гиранд. Хариду фурӯш дар назди қозӣ расмият мегирифт. Нархи замин ба ҳосилнокии он, обёрӣ шуданаш, масофаи роҳ то деҳа ё то шаҳр вобастагӣ дошт. Тоқзорҳо ва боғот назар ба замини кишт нархи баланд доштанд. Дар баъзе музофотҳои камоб (масалан мулки Ӯротеппа) об ҳам манбаи хариду фурӯш буда, нархи он аз нархи замини кишт болотар меистод.

**Андозхо** Шакли гуногуни истисмори деҳқонон тақрибан дар ҳамаи намуди замин мушоҳида мешуд. Махсусан, аҳволи сокинони ноҳияҳои кӯҳӣ ниҳоят вазнин буд. Дар болооби ноҳияи Зарафшон кишоварзони безамин 25 фоизи аҳолиро ташкил медоданд. Онҳое ки чорвои корӣ надоштанд, маҷбур буданд, ки ба сифати батрак кор кунанд.

Заминҳои хироҷӣ барои амиру хонҳо ва ҳокимон даромади калон меоварад. Миқдори хироҷ аз ҳар таноб замин ба дараҷаи обёрии замин вобастагӣ дошт : аз заминҳои обӣ аз чор як ва аз панҷ як ҳисса, аз заминҳои лалмӣ ба андозаи аз шаш як қисми ҳосил андоз гирифта мешуд.

Аз деҳқонони қишлоқҳои кӯҳии болооби Зарафшон аз панҷ як қисми ҳосилро хироҷ мегирифтанд. Дар бекигариҳои Могиёну Фороб хироҷ ба шакли молиёт (натура) гирифта мешуд, ки тахминан аз 14 то 20 ҳазор пудро ташкил мекард.

Ба ғайр аз ин хироҷро пулакӣ ҳам меруёниданд.

Аз боғу токзор, кишти юнучқа, полиз ва обчакорӣ андоз бо номи "танобона" ситонида мешуд. Дар имОрати Бухоро солҳои 1807-1808 аз ҳар таноб ба маблағи як тилло ё худ ба тариқи мол сеяки ҳосилро ба сифати танобпулӣ меситониданд. Дар хонии Хӯқанд ва баъзе ҷойҳои дигар ин андоз пулакӣ ситонида мешуд. Бинобар он ҳам "танобпулӣ" ном гирифтааст.

Барои ситонидани танобпулӣ замин дар ҳар се сол як маротиба чен карда мешуд. Ин андоз ҳангоми муғча бастани дарахтон, яъне қатъи назар аз миқдори ҳақиқии ҳосил, рӯйонида мешуд. Дар ин маврид аз офати табиӣ то буд шудани ҳосил ба эътибор гирифта намешуд.

Вакте ки андозҳо бо пул ситонида мешуданд, пешакӣ нархи зироат муқаррар карда мешуд. Усулан, вай мебоист ба нархи бозор баробар меомад. Амалан онро хеле баланд мебардоштанд.

Дар баъзе мавридҳо дар Моғиён, Фороб, Киштут, инчунин дар болооби Зарафшон ба ҷои танобпулӣ закот меруёниданд. Кавсан низ як намуди андоз буд.

Кӯчманчиёни чорводор ҳам закот медоданд. Аз ҳар 40 сар гӯсфанд як сар, аз ҳар 10 сар уштур низ як сар гӯсфанд медоданд. Кӯчманчиён инчунин барои мансабдори худ як миқдор пулу молро ба сифати маоши онҳо медоданд.

Ҳунармандон ва савдогарон ҳам ҳангоми фурӯхтани моли худ ба хазинаи ҳоким андоз месупориданд. Ба ҷуз андози тарозупулӣ, тахтиҷой дар бозор, боз аз онҳо андози махсус, ба мисли далолипулӣ месупориданд.

Барзгарон ва ҳунармандоне, ки дар корҳои ҷамъиятии таъмири ҷӯйбору дарғотҳо иштирок намекарданд, "бокипулӣ" ном андоз месупориданд.

Ба замми ин хироҷу маҷбуриятҳои маъмул боз бисёр андозҳои дигар низ мавҷуд буданд. Онҳо махсусан дар давраи амалиёти ҳарбӣ вусъати зиёд паёдо мекарданд. Яке аз ҳамин қабил андозҳои фавқулодда "ҷул" буд, ки пардохти он барои аҳолӣ хеле гарон меафтод.

Ҳангоми ҷанг ё баъди ба охир расидани он ғолибон аз мағлубон ба ном "амонпулӣ" мегирифтанд. Ҳаҷми он ба худсарии ғолиб вобаста буд.

Ҳангоми рӯёндани андозҳо андозчинон ниҳоят ба суйиистеъмол роҳ медоданд. Аз маврид истифода бурда, онҳо дуздӣ мекарданд, аз мардум ба ҳаҷми зиёдтар молиёт меситониданд, ҷамъкунандаи хироҷ медуздид, бек медуздид, хазинадори хону ҳоким медуздид. Хон фақат бо ҳамин қаноат мекард, ки миқдори таъинкардаи ӯ пурра ҷамъоварда ва ба ӯ супорда мешуд.

Хироҷу молиётҳои иловагӣ ва мaҷбуриятҳои гуногуни меҳнатӣ, алалхусус дар Бухорои Шарқӣ ҳадду ҳисоб надоштанд. Ба деҳқонон лозим меомад, ки мaҷбуриятҳои гуногунро низ адо намоянд. Яке аз мaҷбуриятҳои хеле вазнин ҳашар буд. Ин истилоҳ дар он замон корҳои маҷбуриеро, ки деҳқонон бояд иҷро мекарданд, ифода менамуд. Сохтан ва таъмир карданн наҳрҳо, иншоотҳо, қалъаҳо, пулҳо (купрукҳо), роҳҳо, инчунин киштукор ва ниҳолшинонӣ дар заминҳои мир ё хон аз ҳамин қабил корҳо ба шумор мерафт. Гоҳо дар як ҳашар то 10 ҳазор кас иштирок мекард. Деҳқонон вазифадор буданд, ки ба ҳашар бо хару асп ва асбобу абзори худ ҳозир шаванд.

Дар хонии Хӯқанд муқаррар гардида буд, ки ҳар як деҳқон бояд се рӯз дар ҳашар ширкат менамуд. Хӯроки одамон ва хӯшоки чорворо хон ба зиммаи худ мегирифт. Дар Қаротегин муддати ҳашар 15 рӯз тӯл мекашид. Дар баъзе ҷойҳо деҳқонон ҳангоми ҳашар аз ҳисоби худ хӯрок мехӯрданд.

Дар Қаротегину Дарвоз аҳолиро маҷбур мекарданд, ки барои амалдорон ва ҳокимони худ ҳезум тайёр созанд.

Дар Хӯқанд, Дарвоз ва Қаротегин давлат аз маблағи ақди никоҳ ва тақсими мерос андоз мегирифт. Дар ҷойҳои дигар ин маблағ насиби қозӣ буд.

Дар сари пул ва гузаргоҳҳо барои гузаронидани бор ва чорво боҷ ситонида мешуд. Бори гарони андозҳо бар дӯши деҳқонони камбағалтарин меафтод. Камбағалон барои адои андозҳо аксар вақт пул пайдо карда наметавонистанд. Аз ҳамин сабаб онҳо маҷбур буданд, ки аз бойҳо пул ё маҳсулот қарз бигиранд. Барои қарзи гирифта мебоист фоизи зиёд илова намуда баргардонанд. Ин таомул ба хонахаробии касони зиёд сабаб мешуд. Деҳқонон маҷбур мешуданд, ки барои рӯз гузаронидан ба шаҳрҳои калон раванд, ки дар он ҷойҳо чун мардикор, саис, машкоб, боғбон ва ғайраҳо шуда кор мекарданд.

Дар баъзе ҷойҳо дар корҳои кишоварзӣ, косибӣ ва корҳои хонагӣ меҳнати арзони ғуломон истифода мешуд. Ғуломон аз субҳ то шом кор карда, нимгурусна шаброрӯз мекарданд ва дар тан либоси ҷанда доштанд. Соҳибмансабон ва заминдорони калон соҳиби даҳҳо ғулом буданд.

Меҳнати тоқатфарсо, андозу маҷбуриятҳои сершумор, сӯйиистеъмоли мансабдорон, хонавайрон ва кашмокашавии мардуми камбағал, ҷангҳои

хонавайронкунанда сабаби асосии шӯришҳои оммавии мардуми чабрдида мегардиданд.

**Шӯришҳои халқӣ**

Калонтарин ҷунбиши халқӣ дар ибтидои соли 1810 дар Бухоро рух дод. Аз рӯи маълумоти шоҳидони воқеа зимистони он сол чунон сард шуд, ки то се моҳ ях ба миқдори як қулоч боқӣ монд. Гандум ва ҷавро куллан сармо зад ва нархи ғалла ниҳоят баланд шуд. Илова бар он чунон савоим (чорво) дар он солҳо ҳалок шуд, ки ҳеҷ намонд. Нархи гӯшту равған низ баланд шуд. Мардумони Бухоро қариб ба нисф ба ҳар ҷониб рафтанд. Гуруснагӣ ва қаҳтӣ ба миён омад. Ғайр аз ин дар музофоти пойтахт аз 1 моҳи апрел то 16 моҳи май чунон тӯфони сахт вазид, ки якчанд қишлоқҳо зери рег монданд. Сокинони деҳаҳо дар хатар афтода маҷбуран ба деҳаҳои дигар кӯчиданд. Ин фалокат қаҳтӣ ва гуруснагиро дучанд гардонид. Бозорҳо холӣ монда дӯконҳо баста шуданд. Мурдамурии одам зиёд шуд, Дуздӣ авҷ гирифт. Дастаҳои дуздон халқро ғорат мекарданд ва мекуштанд. Бухоро ва ҷойҳои дигар тамоман хароб гардид. Дарбори амир барои сабуктар гардонидани вазъияти ниҳоят сахти аҳолӣ ягон чорае надид. Ҳамаи ин қаҳру ғазаби халқро дучанд намуда, сабаби шӯриш гардид.

Сокинони Бухоро дар майдони марказии шаҳр - Регистон, дар назди қасри амир ҷамъ омаданд. Амир аз қаҳру ғазаби халқ тарсида, пойтахтро тарк намуд. Ӯ барои паст намудани ғазаби халқ ва пахш намудани шӯриш амр намуд, ки ҳамаи сокинони Бухоро дар муддати се рӯз берун аз шаҳр баромада, ба мазори ҳазрати Баҳоваддини Нақшбанд оянд ва намоз хонанд.

Хонаҳои мардуми шаҳр холӣ монданд. Амалдорони амир хонаҳои бесоҳибмондаро кофтуков карда, чизу чораи шаҳриёнро ба яғмо бурданд. Онҳо ғаллаи эҳтиётии баъзе касонро ба мардуми гурусна тақсим накарда, ба нархи қиммат онро фурӯхтанд. Аксарияти мардум пули мехаридагӣ надоштанд.

Ниҳоят ба амир муяссар мешавад, ки бо қувваи яроқ шӯриширо пахш кунад ва дар пойтахти худ вазъи нисбатан мӯътадил барқарор намояд. Гуруснагӣ ва қаҳтӣ дигар ноҳияҳои аз пойтахт дурро низ фаро гирифт. Дар ин бора шоҳиди ҳодиса Мулло Ҷумъақули Ургутӣ, мутахаллус ба Ҳумулӣ, зимистони соли 1810, ба ноҳияи Панҷакент, деҳаи Ёрӣ омада, мушоҳидаашро ба таври зайл ба риштаи назм кашидааст:

Шаб ҳама шаб чашми аспам баҳри як ҷав мепарид.
Хостам бар дидааш коҳе ниҳам, пайдо нашуд.

Шӯру ошӯбҳои халқӣ дар аморати Бухоро солҳои 1819-1820 низ ба вуқӯъ омада буданд.

Ҷунбиши калони халқӣ соли 1821 дар қисмати миёнаи водии Зарафшон, байни Самарқанду Бухоро (дар Миёнкол) ба амал омад. Дар ин ҷо тоифаи нимкӯчии ӯзбек-хитой-қипчоқҳо зиндагӣ мекарданд. Сол аз сол зиёдшавии андозҳо, ба хизмати ҳарбӣ сафарбар кардани миқдори зиёди